**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 331.101.3 ***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МИРЗОЗОДА АҲЛИДДИН ДОВУДХОҶА**

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),**
**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат**
**(6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат)**

**Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент**
**Сафаров Баҳром Гулматович**

**Душанбе – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................................................3**

**МУҚАДДИМА ..........................................................................................................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ.........................................................................................................15**

1.1. Таҳаввулоти муқаррароотҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат дар шароити муосир...........................................................................................................15

1.2. Равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ ..........................................................................................................31

1.3. Таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ.....47

**БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР, МУАММОҲО ВА ОМИЛҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ........................................................................... 66**

2.1. Тавсифи умумии ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон...........................................................................66

2.2. Арзёбии нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ: муаммо ва тамоюлот ..................................................82

2.3. Таъсири омилҳо ба ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир...................................................... 98

**БОБИ 3. ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ...............................................114**

3.1. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон.............................................................................................................114

3.2. Такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ ........................................................................................126

3.3. Механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул..........................................................141

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ...........................................................................................164**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........................................................................................................171**

**ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ....................................................................................................194**

**ЗАМИМАҲО......................................................................................................................197**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

| | | |
|---|---|---|
| ҶТ | – | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲҶТ | – | Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон |
| КМ ҶТ | – | Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон |
| ИМА | – | Иёлоти мутаҳидаи Амрико |
| ҶДММ | – | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| ҶСШК | – | Ҷамъияти саҳомии шакли кушода |
| МММ | – | Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ |
| СМР | – | Стратегияи миллии рушд |
| КОА | – | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| ММ | – | Музди меҳнат |
| % | – | Фоиз |
| ҳаз. | – | Ҳазор |
| млн. | – | Миллион |
| млрд. | – | Миллиард |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар аз мавқеи афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ унсури калидии тадбирҳои рушди соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он маҳсуб меёбад.

Новобаста аз он, ки дар шароити кунунӣ барои афзоиши самараи меҳнат роҳу усулҳои гуногун мавриди истифода қарор дода мешаванд, аммо муҳимтарини онҳо низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат мебошад. Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат омили мустақими рушди корхонаҳои саноатӣ дониста шуда, дар заминаи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба пешрафти ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат менамояд. Дар шароити корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон, чун аксарияти субъектҳои соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, бо сабаби ҳаҷми нисбатан нокифояи музди меҳнат (ба ҳисоби миёна 1931,54 сомонӣ) ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи саноатро ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021, бинобар аҳамияти бузург доштани соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар, солҳои 2022–2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд[1].

Дар шароити муосир ба самаранокии меҳнати корхонаҳои саноатӣ омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Масалан, дар шароити паҳн гардидани бемории COVID-19 дар назди субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ва кулли ҷаҳон мушкилоти норасоии кадрӣ дида мешуд. Ҷой доштани ҳайати кадрии дар чунин вазъиятҳои ҳассос босамар фаъолияткунанда на дар ҳама корхонаҳо ба чашм

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-21.12.2021.-[Манбаи электронӣ].-Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022 с.).

мерасид, чунки низом ва механизми ҳавасмандгардонии амалкунандаи аксарияти онҳо имконияти таъмини меҳнати босамарро надоштанд.

Дар баробари ҷой доштани шароиту имкониятҳои мавҷуда, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ ин таъмини пешрафти корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар онҳо мебошад. Чунки рушди соҳаи саноат аз сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи ҳосилнокии меҳнат аз ҳавасмандии кормандони соҳа вобаста аст. Бинобар ин, истифодаи босамари низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони соҳаи саноат амри зарурӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, нуктаҳои зерин мубрам будани таҳқиқи мавзӯи диссертатсияро тасдиқ менамоянд:

– зарурати коркарди низоми комили ҳавасмандгардонии моддии кормандон, ки ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудааст;

– ҷой доштани кӯчиши қувваи корӣ, аз ҷумла афзоиши муҳоҷирати кормандони корхонаҳои саноатӣ;

– набудани шароити истифодаи мустақилонаи нерӯи дарихтиёрдоштаи кормандон;

– набудани дурнамои рушди касбият ва мавқеи иҷтимоию иқтисодии кадрҳои баландихтисос;

– ҷой доштани зиддияту бархӯрди кормандон барои ноилгардӣ ба ҳавасмандгардӣ;

– ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, ки ба қаноатмандии баланди ҳавасмандгардонии моддии кормандон вобаста аст;

– пардохтнопазирии даромадҳои пулии кормандони корхонаҳои саноатӣ ва зарурати афзоиши ҳаҷми онҳо.

Маҳз ҳалли мушкилоти такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва руйи кор овардани механизмҳои муносиби ҷорикунии намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонии моддӣ зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои минтақавии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодию

иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мубрамии мавзуи интихобшудаи диссертатсиониро муайян намуда, аҳамияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи илмии меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии он дар интишороти илмии олимони соҳаи иқтисод ба таври васеъ дарҷ гардидааст.

Дар таълифоти асосгузорони ғояҳои иқтисодии хориҷӣ, ба монанди- Ф. Кенэ, У. Петти, А. Смит, Д. Риккардо, К. Маркс меҳнат ва арзиши он зери таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Олимони дигари хориҷӣ – А. Шопенгауэр, О. Гордон, А. Рошка, К.Б. Мадсен, Д.Н. Узнандзе, А.Х. Маслоу, С.Л. Рубенштейн, К.К. Платонов, А.Н. Азрилиян, А.П. Егоршин, С.С. Занюк, И.А. Кибанов, А.М. Колот, М. Мескон, В.М. Петюх, Л. Дафт Ричард, З.П. Румянтсева, Т.О. Соломандина, Е.Б. Стародубтсева ва С.А. Шапиро дар таҳқиқоти худ ба таҳлилу омӯзиши мафҳуми ҳавасмандгардонӣ пардохтаанд.

Ҷабҳаҳои гуногуни ҳавасмандгардонии меҳнат аз ҷониби Ф. Тейлор, Г. Эмерсон, Д.С. Мил, С.А. Коверин, С.Б. Пучкова, Е.М. Шевченко, К.Д. Солодянкина О.В., Г.В. Ильина, Е.И. Комаров, Т.Г. Островская, А.А. Сафейкина, О.Е. Стеклова, Ю.В. Литовская, Г.С. Свиридова, Я.Ю. Полькина, В.М. Лымаренко, И.Г. Попова, М.А. Пархомчук, В.В. Адамчук, Э. Андреева ва Г.В. Назарова омӯхта шудаанд.

Иқтисодчиёни ватанӣ, ба монанди: Т.Ҷ. Усманова, Д.С. Амонова, Д.Б. Қодирзода, С.Ҷ. Комилов, Т.Б. Ғаниев, Р.К. Раҷабов, Ш.Э. Дустбоев, А.Ҷ. Ҷабборов, Ҳ.Н. Фақеров, М.Н. Нурмаҳмадов, Ш.Б. Ҷонмаҳмадов, Т.Ю. Бозоров, М.М. Исмоилов, Р.Б. Хуҷамқулов, Г.А. Хоҷабекова, Н.Ш. Марупова, Р.У. Рустамов, Ҳ.С. Гадоев, Б.Г. Сафаров такмили низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ва қаноатбахш будани ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррарот ва нишондодҳои Стратегияи миллии

рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои марбут ба саноатикунонии босуръати кишвар ҳамоҳанг буда, баҳри ноил гардидан ба индикаторҳои стратегияи мазкур дар самти афзоиши самараи меҳнати корхонаҳои саноатии манотиқи ҷумҳурӣ анҷом дода мешавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** асосноккунии илмию назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Баҳри ноил гардидан ба ҳадафи дар таҳқиқот гузошташуда вазифаҳои зерин муқаррар карда шудаанд:

– омӯзиши асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва ошкоркунии имкониятҳои истифодабарии он дар минтақаи таҳлилшаванда;

– таҳлили шароиту имкониятҳо ва арзёбии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон;

– ошкор намудани омилҳои самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– асосноккунии самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва мукаммалгардонии асосҳои институтсионалӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон;

– таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони саноатӣ дар шароити шуғли пурмаҳсул.

**Объекти таҳқиқот**-маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқотро** низоми ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос меёбад, ки такмили асосҳои методологию заминаҳои институтсионалӣ ва ба шароити кунунӣ мутобиқнамоии ҳавасмандгардониҳо барои такмили механизмҳои татбиқи низоми

ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таълифоти илмии мутафаккирони иқтисодӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки масъалаҳои марбут ба ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро дар бар мегиранд, ташкил менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** усулҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, абстрактию мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, усули қаторҳои динамикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили омилӣ, хулосабандӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотиро дар бар мегиранд. Истифодаи усулҳои мазкур имконият доданд, то низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати коргарони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба таври амиқ таҳлил ва омӯхта шуда, барои такмили он хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба даст оварда шавад.

**Сарчашмаи иттилоотии** таҳқиқотро Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи меҳнат, барномаҳои рушди соҳаи саноат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла олимони рус) ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** асосноккунии назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи низоми

ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ташкил менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

– асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шуда, фаҳмиши муаллифии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон муайян гардид, бо назардошти дигаргуншавии шароит ва афзоиши мунтазами самараи меҳнат тағйирпазирии методология ва низому механизми ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи такмилдиҳӣ дақиқ карда шуд, муҳимияти ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи қонеъгардонии талаботи физиологӣ асоснок карда шуд, қонуниятҳо ва хусусиятҳои қаноатбахшии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ошкор карда шуда, афзалияти ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ муайян карда шуд;

– таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат аз мавқеи дар корхона нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона ва инфиродӣ, ҳавасмандгардонии бар собиқаи кории корманд асосёфта, низомҳои ҳавасмандгардонии ҳамаро фарогиранда, ҳавасмандгардонӣ вобаста ба натиҷаҳои воқеии меҳнат ошкор карда шуданд, ки дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон имконияти роҳандозӣ намуданро доранд.

– шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил гардида, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар онҳо арзёбӣ карда шуд, норасоии имкониятҳои молиявию пардохтнопазирӣ, коҳишёбии арзиши дороиҳо ва истифодаи нокифояи имкониятҳои инноватсионӣ, ғайриқаноатбахш будани арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, аз ҷумла нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат, мавҷудияти ӯҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ оид ба қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат, зарурати афзоиши бузургии воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва вобастагии такмили низоми ҳавасмандгардониҳо аз унсурҳои моддии ҳавасмандгардонӣ муайян ва ошкор карда шуданд;

– омилҳои ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таъсиррасон, аз ҷумла омилҳои манфӣ: маҳдудияти ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, истифодаи нопурраи нерӯи ҷисмонӣ, малакаҳои зеҳнии кормандон ва ғайрисамаранок истифодабарии дороиҳо, тамоюли манфии индекси нархҳои истеъмолӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва таъсири онҳо ба мунтазамии ҳавасмандгардонии моддии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор карда шуданд;

– самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ ва асосҳои институтсионалӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон асоснок карда шуданд, ки инҳо ҳамоҳангсозии низом ва механизмҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба мақсад ва стратегияи рушди корхонаҳо, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилӣ аз мавқеи таъмини мустақилият ва фарогирии ҳама ҷузъиёти ҳавасмандгардонии моддӣ, амали мунтазаму одилонаи низоми ҳавасмандгардонӣ ва вобаста ба тағйироти шароит рушдёбанда будани он, таъмини таносуби муносиби музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда, бартарӣ додан ба усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ дар низоми ҳавасмандгардонии амалкунандаи корхонаҳои саноатӣ, такмили ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ, бахусус шартномаҳои меҳнатӣ аз мавқеи фарогирии шароити муосиди ҳавасмандгардонии моддӣ мебошанд;

– тавсия дода мешавад, ки дар шароити шуғли пурмаҳсул баландбардории сатҳи касбият ва донишҳои инноватсионии захираҳои меҳнатии минтақа, ҷорӣ намудани низоми ҳамаро фарогиранда ва механизми прогрессивии ба афзоиши ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ нигаронидашуда, ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ, ки самараи баланди меҳнатро таъмин менамоянд, ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Аз ҷониби муаллиф натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод

гардиданд:

– асосноккунии илмию назариявӣ ва такмили заминаҳои методӣ, низом, механизм ва қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандон;

– ошкоркунии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки дар шароити минтақаи таҳлилшаванда имкониятҳои зиёди истифодабариро дорад;

– муайянкунии шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии ҷойдошта ва арзёбии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон;

– муайян ва ошкоркунии омилҳои ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таъсиррасон;

– ошкоркунии самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва асосҳои институтсионалӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, ки ба афзоиши самараи меҳнат мусоидат менамоянд;

– тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии минтақа, ки дар шароити рушди шуғли пурмаҳсул имкониятҳои зиёди афзоишдиҳии ҳосилнокии меҳнатро доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Моҳияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат мебошад, ки асосҳои назариявии он ба рушди заминаҳои назариявии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии диссертатсия бо роҳи ворид намудани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи саноат ва ҳуҷҷатҳои сатҳи корхонаҳо, инчунин андешидани тадбирҳо оид ба амалӣ намудани онҳо барои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят мусоидат менамоянд. Ба эътибор гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти илмӣ-таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва

шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон, инчунин корхонаҳои саноатии вилоят имкон медиҳад, то низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон такмил дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо дурустии маълумот, микдори кофии маводи таҳқиқшуда, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва роҳҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, нашри натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфуз, аз ҷумла нашрияҳои тақризшаванда аз тарафи муаллиф тасдиқ карда шудааст. Хулосаю тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назаривӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мутобиқ гардонида шудааст: қисмҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он. 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ. 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; вазифаи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат. 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш. 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он. 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои назариявию минтақавии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, омӯзиши пайдоиши назарияҳо оид ба мафҳуми меҳнат ва ҳавасмандгардонии он, арзёбӣ намудани саҳми ҳавасмандгардонии моддӣ дар афзоиши ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои

саноатии вилоят назаррас мебошад. Дар заминаи таҳлили вазъи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ тамоюл ва ҳолати кунунии фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии вилоят муайян ва асоснок гардидааст. Ҳамзамон, омилҳои мустақим ва ғайримустақими ба самаранокии ҳавасмандгардонии моддӣ таъсиррасон муайян карда шуда, оид ба такмили механизми ҷорикунии намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар субъектҳои соҳаи саноати минтақаи таҳқиқотӣ хулосаю тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидаанд. Ғайр аз ин, саҳми шахсии докторанти PhD дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз ҷамъоварии маълумот, банизомдарорӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва муқоисаи онҳо дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш-таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва роҳандозии ҷиҳатҳои имконпазири он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон арзанда мебошад. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ, мизҳои мудвввар ва семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тӯли солҳои 2018-2023 борҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд. Тавсияҳои назариявию методӣ ва амалии диссертатсия дар рафти таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», «Таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» ва «Иқтисоди корхонаҳо» истифода шуда истодаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода пешниҳод шудаанд, ки санад оид ба татбиқи онҳо мавҷуд аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 28 ҷадвал, 19 расм, 6 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда бо шумораи 199 адад иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ

## 1.1. Таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат дар шароити муосир

Баробари ташаккул ёфтани характери ташкилию иқтисодии истеҳсолоти муосир, ки ба инкишофи васеи истифодаи инноватсия такя мекунад, муносибатҳои меҳнатӣ низ тағйир ёфта истодаанд. Махсусан, истифодаи меҳнате, ки аз илм ва навовариҳо сарчашма мегирад, куллан аз меҳнати ҷисмонии кормандон фарқ менамояд. Яъне, дар шароити рушди иноватсионии иқтисодиёт муносибати корфармо ва корманди кироя танҳо ба музди меҳнат маҳдуд нагашта, дар он дигар шаклҳои ҳавасмандгардонии иҷтимоӣ ва моддӣ низ нақши муҳим мебозанд. Чунин усули масъалагузорӣ водор месозад, ки назарияи меҳнат ва шаклҳои ҳавасмандгардонии он аз диди нав таҳқиқ ва омӯхта шаванд.

Ба фаъолияти меҳнатӣ «ҳама гуна фаъолиятҳое, ки аз ҷониби шахсони алоҳида, новобаста аз ҷинс ва синну сол, барои истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ барои истифодабарии дигар шахсон ва ё истифодаи шахсӣ анҷом дода мешаванд, дохил мешаванд[2]». Албатта, чунин шарҳи категорияи «меҳнат», вобаста ба меҳнати ҷисмонӣ ва ақлонӣ, чизеро муайян намекунад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ба фаъолияти меҳнатӣ фаъолиятҳое, ки ба истеҳсоли мол ё хизматрасониҳо вобаста нестанд (талбандагӣ ва дуздӣ), нигоҳубини шахсӣ (нигоҳубини шахсӣ ва гигиенӣ) ва фаъолиятҳое, ки наметавонанд анҷом дода шаванд аз тарафи шахси дуввум ё аз номи шахси аввал (масалан, хоб, омӯзиш ва истироҳат) дохил намешаванд[3].

Аз ин ҷо, маълум мегардад, ки меҳнат ҷараёнест, ки байни одам ва табиат ба вуҷуд омада, раванде мебошад, ки дар он инсон бо фаъолияти худ мубодилаи ашёҳоро байни худ ва табиат ба ҷо меоварад, онҳоро ба тартиб

[2] Кенэ Ф. Избранные экономические произведения [Текст] / Ф. Кенэ // Ред.-сост.,автор вступ.ст.и примеч. А.И.Казарин; Пер..-М. : Соцэкгиз, 1960.-С.109

[3] Международная организация труда. Резолюция I о статистике трудовой деятельности, занятости и недоиспользования рабочей силы. 19-я МКСТ. Доклад III: Доклад конференции, Женева 2014 г.– С.110.

меандозад ва назорат мекунад.

Доир ба мафҳумҳои назариявии меҳнат ақидаҳои гуногуни намояндагони мактабҳои иқтисодӣ вуҷуд доранд, ки дар ҷадвали 1.1.1., оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.1.1. - Гурӯҳбандии ақидаҳои олимон-иқтисодчиён оид ба меҳнат**

| Муҳаққиқон | Мактаби илмӣ | Нуқтаи назар |
|---|---|---|
| **Ф. Кенэ** | Физиократҳо | Меҳнат дар риштаи кишоварзӣ меҳнати маҳсулнок буда, дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ меҳнати ғайримаҳсулнок мебошанд [32, с. 122]. Дар шароити кунунӣ, ки соҳаи кишоварзӣ дар танҳоӣ наметавонад иқтисоди миллиро бо маҷмӯи молу маҳсулот таъмин намояд, бинобар ин, мафҳуми пешниҳоднамудаи физиократҳо оид ба меҳнат дар замони муосир нисбӣ қабул карда мешавад. |
| **У. Петти** | Физиократҳо | Созандаи сарват меҳнат буда, дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот асосӣ мебошад. Агар манбаи сарвати миллӣ меҳнат бошад, пас афзоиши он аз ҳисоби меҳнати изофа, ки дар маҳсулоти изофа таҷассум меёбад, ба ҳисоб меравад [48, с. 63]. Агар сарвати миллӣ аз тариқи иҷрои меҳнати изофа афзоиш дода шавад, пас иқтисод (сарфаю сарфакорона истифодабарии захираҳои маҳдуд дар шароити ҷой доштани талаботи номаҳдуд) мазмуни худро гум мекунад. Вобаста ба ин, афзоиши сарвати миллӣ на дар асоси иҷрои меҳнати изофа, балки дар заминаи баландбардории самаранокии меҳнат бояд таъмин карда шавад. |
| **А. Смит** | Классикӣ | Меҳнат ифодакунандаи меъёри воқеии арзиши мубодилавии ҳамаи молҳо мебошад. Тақсимоти ҷамъятии меҳнат бошад, омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Асоси методологии таълимоти А.Смитро назарияи арзиши меҳнат ташкил медиҳад. Аз нигоҳи муҳаққиқ танҳо тақсимоти меҳнат сабаби асосии афзоиши ҳосилнокии он шуда метавонад [57, с. 196]. Аз нигоҳи мо, меҳнат ва самаранокии он танҳо аз тақсимоти меҳнат вобаста набуда, аз омилҳои зиёде вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, ба ақидаи А.Смит ба пуррагӣ ҳамфикр будан маънои мадди назар кардани дигар омилҳои ба меҳнат ва ҳосилнокии он таъсиррасонро дорад. |
| **Д. Риккардо** | Классикӣ | Ба арзиши мол на танҳо меҳнати бевосита дар он сарфшуда, инчунин меҳнати барои истеҳсолоти олот, асбоб ва бино сарфшуда, ки ба меҳнати ҷорӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад [53, с. 278]. |

| | | *Идомаи ҷадвали 1.1.1.* |
|---|---|---|
| **К. Маркс** | Классикӣ | Барои муайян кардани моҳияти арзиш зарур аст, то аз ҷиҳати методологӣ фарқи байни мафҳумҳои “меҳнат” ва “қувваи корӣ”-ро нишон диҳем. Бояд таъкид намуд, ки арзиши молро меҳнат ба вуҷуд меорад, аммо ба сифати мол на меҳнат, балки қувваи корӣ таъсир мерасонад [40, с. 356]. |
| **А.Маршалл** | Неоклассикӣ | Меҳнат ҳар гуна кӯшиши ақлӣ ва ё ҷисмонӣ мебошад, ки барои ба даст овардани натиҷаи муайян масраф карда мешавад. [43, с.127]. |
| **Гагаринская Г.П., Штрикова Д.Б.** | Иқтисодчиёни рус | Меҳнат ҷараёни фаъолияти бошуурона ва бо мақсад мувофиқи одамон мебошад, ки бо истифодаи қувваи ақлонию ҷисмонӣ маҷмӯи воситаҳои истеҳсолот, захираҳои табиӣ ва иҷтимоиро барои тавлиди маҳсулоти фоиданок, молҳо, арзишҳои маънавию фарҳангӣ, иҷрои хизматҳо ва дар ниҳоят, қонеъ намудани талаботи моддию маънавии шахс ва ҷомеаро бо неъматҳои зикршуда дар назар дорад [25, с.7]. |
| **Перерви П.Г. Погорелова Н.И. Дюжева В.Г.** | Иқтисодчиёни рус | Меҳнат як намуди фаъолияти инсонӣ мебошад, аммо на ҳама фаъолият меҳнат шуда метавонад [71, с.7]. |
| **А.Н. Азрилиян** | Иқтисодчии рус | Меҳнат фаъолияти мақсадноки одамон оид ба тавлиди неъматҳои моддию маънавӣ мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботи фарди алоҳида, корхонаҳо, одамон ва ё ҷамъият зарур аст [49, с.929]. |
| **Қодирзода Д.Б.** | Иқтисодчии ватанӣ | Фаъолияти меҳнатии тамоми ашхоси алоҳида, чи кормандони кироя ва чи корфармоён, дар муҳити институтсионалӣ ба вуҷуд омада, дар доираи он муайян карда мешавад ва зери таъсири он тағйир меёбад [158, с.27]. |
| **Мавқеи муаллиф** | | Меҳнат офарандаи неъматҳои моддӣ ва ғайримоддие мебошад, ки аз ҷониби қувваи кории дорои дониш, малака ва истеъдоди гуногуни неъматофарӣ ва бо назардошти тафовути муайяни ҳосилнокӣ адо карда мешавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо.

Меҳнат арзиши истеъмолӣ ва шакли ашёгии сарвати миллиро ба вуҷуд оварда, асоси моддии ҳаётгузаронии одамонро таъмин мекунад. Агар меҳнат фаъолияти инсон бошад, пас қувваи корӣ қобилиятҳои ҷисмонӣ ва фикронии меҳнат доштани инсон аст.

Намояндагони мактаби Физиократҳо байни меҳнати маҳсулнок ва ғайримаҳсулнок фарқ гузоштаанд. Меҳнати маҳсулнок меҳнате мебошад, ки маҳсули соф ба вуҷуд меорад. Ба андешаи Ф. Кенэ “Меҳнат дар риштаи

кишоварзӣ меҳнати маҳсулнок буда, дар дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ меҳнати ғайримаҳсулнок мебошад[4]". Яъне, ба ақидаи Ф. Кенэ танҳо меҳнати кишоварзон маҳсулнок буда, меҳнати дигар соҳаҳо барои ҷомеа фоидаовар нест. Аз ин нуқтаи назар, бармеояд, ки Ф. Кенэ танҳо тарафдори меҳнати ҷисмонӣ буда, меҳнати ақлониро, ки имрӯзҳо асоси рушди иқтисоди миллии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад, бесамар арзёби намудааст.

У. Петти қайд менамояд, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ чор унсур иштирок мекунанд, ки аз онҳо замин ва меҳнат унсурҳои асосӣ мебошанд. "Барои муайян намудани арзиши ҳама гуна предметҳо бояд онҳоро бо ду махраҷи табиӣ андоза намуд: замин ва меҳнат. Масалан, арзиши киштӣ ё камзӯли мардона (сюртук) ба арзиши андозаи муайяни замин ва ё микдори меҳнати муайян баробар аст, чунки офарандаи ҳарду ашёи зикршуда замин ва меҳнати инсон мебошанд[5]".

Ду унсури дигари истеҳсолот ин тахассус, маҳорати корманд-аз як тараф ва воситаи меҳнат-аз тарафи дигар мебошанд. Гарчанде, ки дар офаридани маҳсулоти ҷамъиятӣ онҳо иштирок намоянд ҳам, вале онҳо ғайриасосӣ мебошанд. Албатта, ин омилҳо меҳнатро сермаҳсул мегардонанд, вале онҳо мустақилона ва бе назардошти меҳнат вуҷуд дошта наметавонанд. Мувофиқи ақидаи У. Петти, созандаи сарват меҳнат буда, он дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот асосӣ мебошад. Дар таълимоти безаволи У. Петти чунин гуфтаҳо тасвир карда шудаанд: "меҳнат падар ва принсипи фаъоли сарват буда, замин бошад модари вай аст[6]".

Ба таълимоти меҳнатии арзиш такя намудани У. Петти назарияи арзиши изофаро ба вуҷуд овардан аст. Дар асри XVII, ки замин объекти асосии истифодаи меҳнат буд, барои ҳамин ӯ арзиши изофаро мутлақо дар шакли рентаи замин медид. Тибқи ақидаи У. Петти, агар манбаи сарвати миллӣ меҳнат

---

[4] Кенэ Ф. Избранные экономические произведения / Франсуа Кенэ [перевод с фр. А. И. Казарин]. – М. : Соцэкгиз, 1960.-322.
[5] Петти В., Смит А., Рикардо Д. Антология экономической классики. – Т. 1. – М.: МП «ЭКОНОВ»-«КЛЮЧ», 1993.-С.33.
[6] Петти В., Смит А., Рикардо Д. Антология экономической классики. – Т. 1. – М.: МП «ЭКОНОВ»-«КЛЮЧ», 1993.-С.54.

бошад, афзоиши он аз ҳисоби меҳнати изофа, ки дар маҳсулоти изофа таҷассум меёбад, ба ҳисоб меравад. Назарияи арзиши меҳнати У. Петтӣ, ки баъдан аз тарафи дигар олимон таҳқиқ ва васеъ карда шуд, дар таҳқиқоти назарияи меҳнат нақши калидӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки мутафаккир ба меҳнати ақлонӣ кам таваҷҷуҳ намуда, бештар ба меҳнати ҷисмонӣ такя кардааст.

Дар китоби якуми А. Смит-"Тадқиқот дар бораи табиат ва сабаби боигарии халқҳо" таълимот дар бораи меҳнат чун манбаи бойигарӣ оид ба тақсимоти меҳнат дар бораи фоида, арзиш, пул, нархгузорӣ, шаклҳои гуногуни даромад қарор дорад. Ӯ аввалин олиме мебошад, ки ба доираи мавзӯи омӯзиши иқтисоди сиёсӣ масоили молиявиро низ дохил намудааст. А. Смит омили муҳимтарини рушди иқтисодиро дар тақсимоти ҷамъятии меҳнат медид, ки асоси методологии таълимоти ӯро назарияи арзишии меҳнат ташкил медод. Олами иқтисодиро А. Смит чун устохонае медонист, ки бо тақсимоти меҳнат бунёд шудааст. Аз нуқтаи назари ӯ, танҳо тақсимоти меҳнат сабаби асосии афзоиши ҳосилнокии он шуда метавонад. Ба ақидаи А. Смит, "Афзудани миқдори зиёди кор, ки дар натиҷаи тақсимоти меҳнат ҳамон як теъдоди муайяни кормандон иҷро карда метавонанд, аз се шароитҳои гуногун вобаста аст: а) баланд бардоштани дараҷаи маҳоратнокии ҳар як корманди алоҳида; б) сарфа кардани вақте, ки одатан дар мавриди гузаштан аз як намуди кор ба дигараш зоеъ мешавад; в) ихтирои миқдори зиёди мошинҳои осонкунанда ва камкунандаи меҳнат ва ба як шахс имконияттдиҳандае, ки метавонад кори бисёр кормандонро иҷро кунад[7]".

А. Смит иртиботи тақсимоти меҳнатро аз миқёси бозор дуруст дарк карда, исбот намуд, ки бозори васеъ заминаи хуберо барои тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолот муҳайё месозад ва дар ин асос ҳосилнокии баланди меҳнатро ба даст меорад. Ҳангоми танг будани бозор имкониятҳои тақсимоти меҳнат маҳдуд мебошанд ва дар чунин ҳолат афзоиши ҳосилнокии меҳнат мушкил мегардад. Ӯ боэътимодона нишон дод, ки меҳнат манбаи сарвати

[7] Смит Адам. Исследование о природе и причинах богатства народов / Адам Смит; [перевод с английского].- Москва : Издательство АСТ, 2017.- С.189.-(Бизнескнига). ISBN 978-5-17-114199-8

ҷамъиятӣ буда, тақсимоти меҳнат омили муҳимтарини баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва афзоишдиҳандаи сарвати ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. А. Смит ба вуҷуд омадани тақсимоти меҳнатро бо роҳи ба муомилот рағбат доштани одамон, ки хусусияти табиии онҳост, маънидод кардааст.

Дар асоси ақидаҳои иқтисодии худ, А. Смит назарияи меҳнатии арзишро ташаккул дода, муайян кардааст, ки арзиши молро меҳнати ба он сарфшуда ташкил медиҳад. Аз нигоҳи А. Смит, “меҳнат ифодакунандаи меъёри воқеии арзиши мубодилавии ҳамаи молҳо мебошад”. Танҳо меҳнат нархи ҳақиқии арзиши молро ташкил медиҳад. “Бешубҳа меҳнат меъёри ягонаи характери умумидошта, меъёри аниқи арзиш ва ё меъёри ягонае мебошад, ки тавассути он мо метавонем арзиши молҳои гуногунро дар ҳама замонҳо ва маконҳо байни ҳамдигар муқоиса намоем[8]”.

А. Смит қайд менамояд, ки арзиши мол бо меҳнати дар раванди истеҳсоли он сарфшуда ва муомилоти мол бошад-мутаносибан бо миқдори меҳнати дар он таҷассумёфта муайян мегардад. Ӯ аҳамияти баробар доштани ҳамаи намудҳои меҳнати маҳсулнокро чун офарандаи арзиш эътироф намудааст. А. Смит нишон додааст, ки агар истеҳсолкунандаи мол бо воситаҳои истеҳсолоти худ кор кунад, тамоми маҳсули меҳнати худро мегирад ва агар воситаҳои истеҳсолот моликияти заминдорон ё ин ки сармоядорон бошад, пас истеҳсолкунандаи озод ба корманди кироя табдил меёбад ва он чун музди меҳнат тамоми арзиши пурраи маҳсули меҳнатии худро гирифта наметавонад. Асоси андозаи музди меҳнатро арзиши воситаҳои рӯзгузаронӣ ташкил медиҳад, ки барои зиндагии корманд ва аҳли хонаводаи ӯ заруранд. Ҳадди поёнии арзиши қувваи кориро ҳадди ақали физиологӣ ташкил медиҳад ва агар арзиши қувваи корӣ аз ин ҳад коҳиш ёбад, дар натиҷа хавфу хатари нобуд шудани ҷисмии корманд пеш меояд.

Ақидаи А. Смит дар муқоиса бо олимони пешини худ аз он фарқ мекард, ки вай асоси арзиши молҳоро танҳо ба меҳнати дар он сарфшуда вобаста

---

[8] Петти В., Смит А., Рикардо Д. Антология экономической классики. – Т. 1. – М.: МП «ЭКОНОВ»-«КЛЮЧ», 1993.-С.109.

медонист. Инчунин ҳамгироии меҳнати ҷисмониро бо технологияи истеҳсолӣ таҳқиқ намуда, истифодаи технологияро ба ҳосилнокии меҳнат ба таври мусбӣ таъсиррасонанда арзёбӣ менамояд. Яъне, мутафаккир то андозае ба меҳнати ақлонӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки натиҷаи он дар истеҳсоли воситаи истеҳсолот (технология) ифода меёбад. «Барои ҳамаи ҳунарҳо ва истеҳсолот аксари кормандон ба соҳибкор мӯҳтоҷанд, ки барои кори онҳо мавод ва инчунин то вақти ба анҷом расонидани кор музди меҳнат ва воситаи зиндагиро маблағгузорӣ мекунад[9]». Ин ақидаро Д. Рикардо васеъ намуда, қайд менамояд, ки ба арзиши мол на танҳо меҳнати бевосита дар он сарфшуда, инчунин меҳнати барои истеҳсолоти олот, асбоб ва бино сарфшуда, ки ба меҳнати ҷорӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад[10].

Музди меҳнат даромадест, ки аз ҷониби кормандон ба даст оварда мешавад ва меҳнат бошад-молест, ки хариду фурӯш карда мешавад. Кормандон-фурӯшанда ва сармоядорон-харидори ин моли махсус мебошанд. Музди меҳнат бошад-нархи ҳамин мол, яъне нархи меҳнат аст. Ба ақидаи Д. Риккардо, "Нархи табиии меҳнат ҳамонест, ки кормандон имконияти рӯзгузаронӣ дошта бошанд ва насли худро бидуни каму зиёд кардани миқдори он идома дода тавонанд[11]".

К. Маркс қайд менамояд, ки барои муайян кардани моҳияти арзиш зарур аст, ки аз ҷиҳати методологӣ фарқи байни мафҳумҳои "меҳнат" ва "қувваи корӣ"-ро нишон диҳем. Бояд таъкид намуд, ки арзиши молро меҳнат ба вуҷуд меорад, аммо ба сифати мол на меҳнат, балки қувваи корӣ баромад мекунад.

Нахуст, олиме, ки мафҳуми «ҳавасмандӣ»-ро дар таҳқиқоти худ истифода кардааст, А. Шопенгауэр мебошад. Мавсуф мафҳуми «ҳавасмандӣ»-ро дар мақолаи худ тахти унвони «Чор принсипи далели кофӣ» ҳамчун далели илмӣ

[9] Смит Адам. Исследование о природе и причинах богатства народов / Адам Смит; [перевод с английского].- Москва : Издательство АСТ, 2017.- С.213.-(Бизнескнига). ISBN 978-5-17-114199-8

[10] Петти В., Смит А., Рикардо Д. Антология экономической классики. – Т. 1. – М.: МП «ЭКОНОВ»-«КЛЮЧ», 1993.-С.436.

[11]Рикардо Д. Начало политической экономии и налогового обложения. Избранное / Д. Рикардо; [пер. с англ.; предисл. П.Н. Клюкина].- М.: Эксмо, 2007.-С.263.

истифода кардааст[12]. Баъдан, таърифи мазкур аз ҷониби равоншиносони барҷастаи замони А.Шопенгауэр, аз ҷумла аз тарафи О. Гордон, Рошка Ал., Мадсен К.Б., Узнандзе Д.Н., Маслоу А.Х., Рубенштейн С.Л. ва Платонов К.К ба кор бурда шуд.

Ҳавасмандгардони меҳнат ин асоси моддӣ ва маънавӣ доштани ҳавасмандкунии корманд мебошад, ки дар худ маҷмӯи чораҳоро барои баландбардории самаранокии меҳнати кормандон ифода менамояд. Моҳияти ҳавасмандгардони меҳнати кормандон на танҳо дар рушди иқтисодиёт дида мешавад, инчунин вай пешрафт ва рушди корхонаро аз тариқи ҳавасмандии коллективи кормандон нисбат ба кори босамар ва баландсифат таъмин менамояд.

Воқеан, дар шароити кунунӣ, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва миллӣ тамоюли мунтазами рушд хос мебошад, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйироти афзалиятҳои кормандонро ба вуҷуд меорад.

Дар шароити кунунӣ яке аз намудҳои муҳими ҳавасмандкунӣ ин ҳавасмандгардонии моддии меҳнат мебошад. Ҳавасмандкунии мазкур ба ҳаҷми корҳои иҷрошуда ва расидан ба натиҷаҳои дилхоҳи корхона вобаста мебошад. Усулҳои нисбатан маъмули ҳавасмандгардонии моддӣ инҳо мебошанд: а) баландбардории музди меҳнат аз тариқи мукофотонӣ баҳри иҷрои нишондиҳандаҳои муайянкардаи фаъолият, ки барои зерсохтори муайян ва ё корманди мушаххас дар зарфи моҳ ҷудо гардидааст; б) бадастории имтиёз ва кӯмак, ки дар корхона ҷорӣ карда шудаанд, маҳсуб меёбанд. Музди меҳнат ҳамчун меъёри асосии рақобати корхонаҳо барои ҷалби мутахассисони таҷрибадор ва баландихтисос баромад менамояд. Аз ин рӯ, баландбардории ҳаҷми он аз тариқи роҳу воситаҳои гуногун омили муваффақияти корхона шуда метавонад.

Роҷеъ ба аҳамияти калидӣ доштани музди меҳнат Қодирзода Д.Б. чунин ибрози назар дорад «......дар сохтори даромадҳои аҳолӣ музди меҳнат нақши муҳимро мебозад ва он ҳамчун шакли асосии даромади кормандони кироя

[12] Тейлор Ф.У. Принципы научного менеджмента / Ф.У. Тейлор. -М.: Контроллинг, 1991.- С.58.

омили калидии меҳнати дорои ҳосилнокии сатҳи баланд мебошад[13]». Аз ин нуқтаи назар, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сатҳи пасти музди меҳнат наметавонад вазифаҳои худ, пеш аз ҳама, таъмини бозтавлиди қувваи кориро иҷро намояд.

Додани имтиёз ва кӯмакҳо бо роҳи ҷуброни қисман ва ё пурраи хароҷоти хӯрока ва зисти корманд, хароҷоти мусофират ба дигар шаҳр ва ё кишвар, ёрдампулӣ ва мукофотпулӣ барои меҳнати пурмаҳсул ва муваффақ, додани қарзҳо ва ё пешниҳоди қарзҳои бефоиз ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Барои истифодабарии сиёсати дурусти ҳавасмандгардонии меҳнат роҳбарияти ҳар як корхона бояд ҳайати кадриро аз ҳисоби кормандони баландихтисос ва таҷрибадор, ки имконият доранд ба таври маҳсулнок барои мақсадҳои корхона кор кунанд, таъсис диҳад. Чунки ҳавасмандгардонӣ ҳамчун тактикаи ҳалли мушкилоти корхона аз тариқи истифодаи пурраи нерӯи захираҳои меҳнатӣ баҳри ноилгардӣ ба мақсадҳо мусоидат менамояд.

Таҳқиқи ҳавасмандгардонии меҳнат бе таҳлилу омӯзиши мафҳуми ҳавасмандгардонӣ натиҷаҳои самарабах дода наметавонад. Аз ин рӯ, нуқтаи назари олимон-иқтисодчиёнро перомуни фаҳмиши ҳавасмандгардонӣ дида мебароем (ҷадв. 1.1.2.).

**Ҷадвали 1.1.2. -Фаҳмиши «ҳавасмандгардонӣ» дар таҳқиқоти олимон-иқтисодчиён**

| Муаллифон | Фаҳмиши ҳавасмандгардонӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| Егоршин А.П. | Ҳавасмандгардонӣ – ин хоҳиши амал ва ё сабаби рафтори одамон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ мебошад. | [27, с.12] |
| Занюк С.С. | Ҳавасмандгардонӣ – ин ҷараёни истифодаи омилҳои гуногун баҳри ҳавасмандгардонии одамон мебошад, ки дар ин раванд омилҳои мазкур ба сифати фишангҳои таъсиррасон баромад менамоянд. | [31, с.37] |
| Кибанов И.А. | Ҳавасмандгардонӣ – ин эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва истифодаи омилҳои моддӣ буда, ба истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда имконият медиҳад, то барои одамоне, ки ба гирифтани ҳавасмандӣ манфиат доранд, амал намоянд. | [35, с.257] |

[13] Кадыров Д.Б. Формирование и механизм регулирования доходов населения в системе факторов роста благосостояния: автореферат дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук // Д.Б. Кадыров– Воронеж, 2003.- С.16.

*Идомаи ҷадвали 1.1.2.*

| | | |
|---|---|---|
| Колот А.М. | Ҳавасмандгардонӣ гуфта, омили берунӣ ва унсури ҳолати меҳнатӣ дар назар дошта мешавад, ки дар соҳаи меҳнат ба рафтори шахс таъсир мерасонад. | [37, с.13] |
| | Ҳавасмандгардонӣ гуфта, як ҷиҳати ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар назар дошта мешавад, ки ба корманд имконият медиҳад, то худро на танҳо ба ҳайси мутахассис, балки ҳамчун шахсият дарк намояд. | [37, с.13] |
| Мескон М. | Ҳавасмандгардонӣ – ин ташаккули хатти муайяни рафтори меҳнатии корманд маҳсуб меёбад, ки ба рушди фаъолияти корхона нигаронида шудааст. | [47, с.140] |
| Петюх В.М. | Ҳавасмандгардонӣ – ин ҷараёни таъсири беруна ба шахс баҳри хоҳиши он ба амалҳои мушаххас ва ё раванде, ки ба бедоршавии майлу хоҳиш ва амалҳои мақсадноки шахс нигаронида шудааст. | [46, с.293] |
| Ричард Л.Дафт | Ҳавасмандгардонӣ гуфта, ҷараёни истифодаи омилҳои берунӣ фаҳмида мешавад, ки ба зиёд намудани майлу рағбати шахс нисбат ба фаъолияти меҳнатӣ мусоидат менамояд. | [57, с.443] |
| Румянтсева З.П. | Ҳавасмандгардонӣ – ин майлу рағбати корманд нисбат ба истифодабарии пурраи нерӯи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ дар раванди иҷрои уҳдадориҳои ба зимммааш гузоштašуда мебошад. | [59, с.253] |
| Соломандина Т.О. | Зери мафҳуми ҳавасмандгардонӣ унсури асосии низоми идоракунии захираҳои меҳнатии корхона фаҳмида мешавад, ки ба сифати омилҳои берунии фаъолияти меҳнатии берунӣ баромад менамояд. | [62, с.8] |
| Стародубтсева Е.Б. | Ҳавасмандгардонӣ – ин маҷмӯи шаклҳо ва усулҳои иқтисодии ҷалби одамон мебошад, ки истифодаи ҳавасмандии моддӣ, баланд гардидани сатҳи музди меҳнат, мукофоти иловагӣ, ҳавасмандгардонии моддӣ ва дигар ҳавасмандкуниҳоро таъмин менамояд. | [53, с.345] |
| Шапиро С.А. | Зери мафҳуми ҳавасмандгардонӣ такони беруние фаҳмида мешавад, ки ҳамчун унсури вазъияти меҳнатӣ дар соҳаи меҳнат ба рафтори шахс таъсир марасонад. | [70, с.70] |
| | Ҳавасмандгардонӣ ин қисмати ҳавасмандкунии модии кормандон баромад намуда, ба онҳо имкон медиҳад, то худро ҳамчун шахсият ва мутахассиси корхона рушд диҳад. | [70, с.70] |
| Амонова Д.С. | Дар шароити ҳаҷми нокифоя доштани музди меҳнати асосӣ устувор намудани ангезаҳои ҳавасмандгардонӣ бо роҳи таъмини иштироки кормандон дар фоида ва сармояи корхона муҳим арзёбӣ мегардад. | [150, с.33] |
| Усманова Т.Ҷ. | Музди меҳнат ҳамчун механизми воқеӣ ва чандирии бозорӣ байни қувваи корӣ дуруст тақсим карда шуда, самаранок истифода бурда шавад, то ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатиро таъмин намояд. | [162, с.23] |
| Ғаниев Т.Б. | Ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти роҳбарон мебошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳое, ки пешниҳоди низомҳои навини ҳавасмандгардониро доранд, дар бахшҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ афзалият доранд ва яке аз ширкатҳои асосие мебошанд, ки қисми даромади буҷети давлатиро ташкил медиҳанд. | [93, с.128] |

*Идомаи ҷадвали 1.1.2.*

| | | |
|---|---|---|
| Исмоилов М.М. | Механизми татбиқи ҳавасмандгардониҳои моддӣ бояд барои мунтазам такмилдиҳии низоми ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ мусоидат намояд. | [116, с.38] |
| Хуҷамқулов Р.Б. | Дар шароити рушди иқтисоди ҷаҳонӣ қонеъ намудани талаботи захираҳои меҳнатӣ аз тариқи пардохти музди меҳнати асосӣ ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ ҳолати объективӣ мебошад. | [145, с.129] |
| Мавқеи муаллиф | Ҳавасмандгардонӣ – ин омили бавуҷудорандаи майлу хоҳиши корманд ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки рушди фаъолияти корхонаро дар заминаи истифодаи пурраи неруи ҷисмонӣ ва зеҳнии хеш таъмин менамояд. | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо.

Аз маълумоти ҷадвали 1.1.2. бар меояд, ки оид ба фаҳмиши «ҳавасмандгардонӣ» дар таҳқиқоти олимон-иқтисодчиёни хориҷӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Аммо баъзе аз унсурҳои таркибии фаҳмишҳо ба якдигар то андозае наздик мебошанд. Воқеан, мухталиф будани нуқтаи назари иқтисодчиён перомуни таърифи ҳавасмандгардонӣ аз мубрам будани масъалаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки бештари олимон ба нархи қувваи корӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, музди меҳнатро асоси таҳқиқот қарор додаанд. Аммо, бо мурури замон, назари олимонро, дар баробари музди меҳнат, ҷузъиёти натиҷавии ҳавасмандгардонӣ, яъне ҳосилнокии меҳнат, ба худ ҷалб намуд. Махсусан, дар натиҷаи тараққиёти илму техника, боло рафтани сатҳу сифати зиндагӣ ва ташаккули муносибатҳои ташкилию истеҳсолӣ дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар менеҷменти ҳайат омилҳои ҳавасмандгардонии кормандон асоси рушди корхона, ташкилот ва ҷомеа арзёбӣ гардиданд.

Дар ин хусус олими амрикоӣ Ф.У. Тейлор ба чунин хулосаи муҳим омада буд, ки сабаби асосии ҳосилнокии нисбатан паст ин низоми номукаммали ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон мебошад. Аз ин рӯ, вай як низоми махсуси ҳавасмандгардонии моддиро тарҳрезӣ намуд, ки тибқи он андозаи музди меҳнати корманд аз сатҳи ҳосилнокии меҳнати корманд вобаста мебошад. Роҷеъ ба алоқаи ҳавасмандгардонӣ ва ҳосилнокии меҳнат иқтисодчии ватани Исмоилов М.М. қайд менамояд, ки методи ҳавасмандгардонии

дастаҷамъона аз ҳисоби таъсири назаррас доштан ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат солҳои охир доман паҳн кардааст[14].

Бинобар ақидаи олими амрикоӣ Г. Эмерсон, ҳавасмандгардонии кормандон танҳо мукофоти пулиро дар назар надорад, чунки мукофоти пулӣ танҳо яке аз шаклҳои ҳавасмандгардонии меҳнат ба ҳисоб меравад. Ҳавасмандгардонии кормандон танҳо дар ҳолате самараи дилхоҳ ба бор меорад, ки агар роҳбарияти корхона меҳнати пурмаҳсули кормандони алоҳидаро дар асоси механизми асоснокгардида қадрдонӣ намояд. Яке аз шартҳои амалӣ шудани ҳавасмандгардонии иқтисодӣ-ин дар корхона пардохти саривақтии музди меҳнат мебошад.

Музди меҳнати кифоя ва мукофотпулӣ дар якҷоягӣ бо ҳавасмандгардонии маънавӣ фишанги муҳими таъсиррасонӣ барои баландбардории самаранокии меҳнати кормандон дар корхона маҳсуб меёбанд.

Усулҳои иҷтимоию рӯҳӣ ба ташаккулу рушди коллективи меҳнатӣ таъсири бевосита мерасонанд. Тавассути онҳо бештар ба шууру маънавиёти кормандон, масоили тарбия ва маданияти иҷтимоиву ахлоқии онҳо метавон таъсир расонид. Ҳавасмандгардонии маънавӣ, ки доир ба он дар боло қайд намудем, бо тамоми мураккабию нозукиҳои худ аз дигар намудҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, бахусус, моддию пулӣ, фарқ мекунад. Самараи натиҷавии онро наметавон бо ягон ченак андоза намуд, вале бидуни шубҳа, истифодаи ин усули таъсиррасонӣ барои тағйир додани рафтори кормандон аҳамияти муҳим дорад. Истифодаи усулҳои иҷтимоии идоракунӣ имконият медиҳанд, то мавқеи корманд дар коллектив муайян гардад ва ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии ӯ дуруст ба роҳ монда шавад.

Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ, бо дарназардошти хусусияти муносибатҳои иқтисодии механизми бозорӣ, зарурати аз нав дида баромадани маҷмӯи омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти иқтисодӣ таъсир мегузоранд, ба миён меояд. Самаранокии фаъолияти босифат боиси паст шудани арзиши аслӣ

[14] Исмоилов М.М. Совокупные доходы и расходы, и их влияние на уровень жизни населения// научно-практическая конференция ТГУ ПБП «Таджикистан в XX1 веке: программа устойчивого развития национальной экономики, Худжанд, 2015. С.280-285.

ва баланд гардидани даромаднокии истеҳсолот мегардад, ки барои додани подоши иловагӣ ба кормандон имкон фароҳам оварда, ҳавасмандгардонии кормандонро ифода менамояд. Ҳавасмандгардонии меҳнатии кормандон дар сатҳи қаноатбахш имконият медиҳад, то рафтори меҳнатии кормандон ба самти пешрафти ташкилот равона гардад. Чунки ҳавасмандии модии қаноатбахш имконият медиҳад, то ҳисси нисбатан пурра истифода намудани имконоти ақлонӣ ва ҷисмонӣ дар раванди иҷро намудани уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда дар корманд бедор шавад[15].

Натиҷаи фаъолияти субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ ба андозаи назаррас аз захираҳои мавҷуда ва истифодаи самараноки онҳо вобаста буда, аз рӯи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии одамон ба меҳнат, шаклҳо ва усулҳои ангезаи фаъолияти меҳнатӣ муайян карда мешавад.

Ба таҳқиқоти низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ва ҷузъҳои он микдори зиёди корҳои классикон ва мутафаккирони муосири иқтисодӣ бахшида шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳалли масоили ҳавасмандгардонии кормандон дар баланд бардоштани самаранокии меҳнат самти асосии рушди истеҳсолот мебошад.

Оид ба ҳавасмандгардонии меҳнат Д.С. Мил нуқтаи назари худро бо мазмуни зерин пешниҳод намудааст: “.....истифода намудани либосҳои тобон ва ороиш ҳамчун ангеза ба меҳнати пуршиддат аз ҷониби ғуломдорон муайян шудааст[16]”. Саъю талоши инсон барои дарёфти миқдори зиёди ғизо ва дигар молҳои талаботи аввалия дар давраи ибтидоии рушди ҷомеа ҳамчун омили моддии меҳнати бошиддат маҳсуб мешуд.

Таҳаввулоти низоми ҳавасмандгардонии моддӣ дар ташкили усулҳое, ки низоми ҳавасмандгардонӣ бар онҳо асос ёфта буд, таъсири бузург гузошт. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки бисёре аз иқтисодчиён бо ҳисобидани музди меҳнат танҳо принсипҳои барои ташкили музди меҳнат хосро ҳамчун асоси низоми ҳавасмандгардонии моддӣ баррасӣ мекунанд.

---

[15] Бобков А.М. «Стимулирование труда» // Человек и труд. 2015 год.-№14.- С.144.

[16] Милль Дж.С. Основы политической экономии (с некоторыми их приложениями к социальной философии) / Дж.С. Миль. - М.: Эксмо, 2007.-С.462.

Ҳамзамон наздикшавии манфиатҳои корманд ва корфармо, ки Ф.У. Тейлор тасдиқ намудааст, имкон медиҳад, то ин ки афзоиши ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандон ва афзоиши даромади корхона таъмин карда шавад.

Музди меҳнат қонуни объективии иқтисодӣ буда, дар ҷамъият иштироки ҳар як фардро муайян мекунад. Ҳамзамон, ин қонун ба ҳар як фард аз рӯйи миқдор ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, кори иҷрошуда, хизматрасонии иҷрошуда, маълумотнокии корманд, мураккабии иҷроиши кор ва шароити корӣ андозаи маошро муайян мекунад. Қонуни объективии иқтисодӣ шумоfunc музди меҳнат бар он асос меёбад, ки подоши дар намуди музди меҳнат ба корманд додашуда барои барқарор намудани нерӯи анҷоми кор мусоидат менамояд. Аммо дар шароити ҷой надоштани подош ба ивази меҳнати иҷрошуда таъмин намудани давомнокии кор ғайриимкон мегардад. Дар шароити ҳозира бошад, музди кор манфиати асосӣ ва бевоситаи кормандони кироя, кордиҳандагон ва дар умум, давлатро ифода менамояд.

Дарёфти механизми муносиби танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки барои ҳарду ҷониб мувофиқ ва дастгирии манфиатҳои шарикии сеҷонибаро таъмин менамояд, яке аз шартҳои асосии рушди истеҳсолот, предмети таъйиноти идораи меҳнатидошта ва музди кор ба ҳисоб меравад. Музди меҳнат бошад, қисми МММ дониста мешавад, ки дар арзиши истеҳсолот инъикос ёфта, дар шароити иқтисоди бозорӣ байни бахшҳои иқтисодиёт, корхонаҳо ва кормандони алоҳида дар асоси миқдор ва шароити меҳнати сарфгардида, инчунин талабот ва таклифот барои молҳо тақсим карда мешавад.

К. Маркс дар амсилаи арзиши мол гуфтааст, ки музди кор қисми муҳими таркибии арзиши маҳсулотро ташкил медиҳад[17]:

$$S = C + V + m,$$

ки дар ин ҷо:

S - арзиши мол бо ифодаи пулӣ;

[17] Экономика труда и социально-трудовые отношения. Под ред. Г.Г. Меликьяна и Р.П. Колосовой. М.: МГУ.- 2004.- С.37.

C - арзиши воситаҳои моддӣ ва предмети меҳнат;

V - арзиши меҳнат;

m - маҳсулоти изофавӣ.

Чунин равиш ба муайян намудани музди меҳнат бо сабаби мубоҳисаҳои классикони тафаккури иқтисодӣ ба миён омадааст, ки ба тадқиқоти моҳияти музди меҳнат аҳамияти калон додаанд. Аммо қайд кардан ба маврид аст, ки сохтори подоши меҳнат тӯли садаи XX ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтааст. Агар дар садаи XIX пардохти ягона барои истифодаи нерӯи корӣ ин музди меҳнат бошад, пас дар асри XX дар баробари музди меҳнат мукофотпулӣ, изофапулӣ ва пули иловагӣ пардохт карда мешуд. Ҳамин тавр, тағйирёбии сохтори низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дақиқ намудани моҳияти музди меҳнатро талаб мекунад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ метавон бо таърифҳои бисёри музди меҳнат вохӯрд. Бархе аз иқтисодчиён дар пайравӣ бо классикон ба сифати асоси муайян намудан музди меҳнат нарх ё арзиши нерӯи кориро интихоб мекунанд[18]. Дигарон бошанд, музди меҳнатро ҳамчун фонди воситаҳои ҳаётӣ муайян мекунанд[19].

Дар аввалҳои асри XX ташкили музди меҳнат тағйир ёфт, ки сабаби асосии он равандҳои пайдоиши шаклҳои нави моликият ва хоҷагидорӣ дониста мешуданд. Низоми хоҷагидории нав бо назардошти татбиқи амали равандҳои инноватсионӣ зарурияти омӯзиши илмӣ ва татбиқи идоракуниро ба миён овард. Музди меҳнат ҳамчун механизми асосии дорои қобилияти баланд бардоштани самаранокии натиҷаи меҳнати корманд баррасӣ карда мешавад. Чунин раванд асос ва зарурати коркарди низоми музди меҳнат гардид, ки усулан аз музди соатбайъ ва шартномавӣ бо хусусиятҳои худ фарқ мекард. Дар натиҷаи таҳаввулоти баамаломада низомҳои сершумори ҳавасмандгардонии моддии меҳнат пайдо гардиданд.

[18] Экономика труда / Под ред. Винокурова М.А., Горелова Н.А. - СПб.: Питер, 2004. – 656 с.
[19] Экономика труда (социально-трудовые отношения): учебник / Под. ред. Н.А.Волгина, Ю.Г.Одегова. - М.: Издательство Экзамен, 2004.- 736 с.

Дар баъзе аз сарчашмаҳои илмӣ қайд мешавад, ки мафҳуми «ҳавасмандкунӣ» ё худ «ҳавасмандкунии меҳнатӣ» танҳо дар охири солҳои 80-ӯми асри XX пайдо шудааст, назарияҳои аввалини ҳавасмандкунӣ танҳо ба шахс дар солҳои 20-уми асри XX пайдо шуда буданд[20]. Дигар иқтисодичиён-Бозоров Т.Ю. ва Еремина Б.Л. ҳавасмандгардонии меҳнатро ҳамчун усули подошдиҳии кормандон барои иштироки онҳо дар истеҳсолот меҳисобанд, ки ба самаранокии меҳнат ва мувофиқати он бо талаботи технологӣ асос меёбад[21]. Аз нигоҳи Хоҷабекова Г.А., ҳавасмандагрдонӣ ин қадрдонӣ намудани корманд ҳамчун узви коллективи корхона ва ё ташкилот барои натиҷаҳои мусбии меҳнатӣ мебошад[22].

Чунин мешуморем, ки моҳияти ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар баландбардории сатҳи нишондиҳандаҳои фаъолияти меҳнатӣ ва ташаккули амсилаи муайяни амалкарди кормандони корхона ифода меёбад. Дар чунин шароит яке аз шартҳои асосӣ ва муҳим ин сиёсати ба рушди ташкилот нигаронидашуда маҳсуб меёбад. Чунки дар натиҷаи ҳавасмандгардонии кормандон ва қонеъ гардонидани талаботи моддию маънавии онҳо роҳбарияти корхона имконият пайдо менамояд, то қобилиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии оҳоро ба пуррагӣ истифода намояд.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари мо, ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ин чараёни фаъолгардонии ҳавасмандиҳои кормандон нисбат ба пешбурди намудҳои муайяни фаъолият мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии корхона мусоидат менамояд. Чунки ҳавасмандкунӣ ҳолатеро барои корманд ба вуҷуд меорад, ки онро водор менамояд, то дар корхона амалҳои худро дар рафти меҳнат фаъол гардонад. Вобаста ба ин, аз нигоҳи мо, бо мақсади афзоиши натиҷанокии фаъолияти корхонаҳо ва таъмини рушди

---

20 Ғаниев Т.Б. Системаи идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дар шароити муосир / Т.Б.Ғаниев, Ҳ.Ҳ. Искандаров // илм ва технологияи асри XXI.- 2020. № 1 (1). – С.124.

21 Управление персоналом: Учебник для вузов /Под ред. Т.Ю. Базарова, Б.Л. Еремина. — 2-е изд., перераб. и доп. — М: ЮНИТИ, 2002.- С.213.

22 Ходжабекова Г.А. Мотивационные и стимулирующие рычаги повышения оплаты труда работников сферы высшего профессионального образования: диссертация ... кандидата экономических наук.: 08.00.05 / Г.А. Ходжабекова.-Душанбе, 2018.- 206.-С.38.

бемайлони хоҷагидорӣ бояд баробарии манфиатҳои объект ва субъекти ҳавасмандгардонӣ риоя карда шавад. Нуқтаҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки менеҷменти субъекти иқтисодӣ баромад мекунад, ки унсури калидии онро механизми бозорӣ ташкил медиҳад.

## 1.2. Равияҳои методии арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ

Аз маълумоти зербоби 1.1. маълум гардид, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҷмӯи неъматҳои моддиеро дар бар мегирад, ки барои ҳиссагузории фардӣ ва дастаҷамъонаи захираҳои меҳнатӣ аз тариқи иҷрои меҳнати баландсифати касбӣ ва корҳои эҷодӣ ба кормандон дода мешаванд. Ҳамчунин таърифи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки ба ин маъно то андозае наздик аст, дар истилоҳоти иқтисодии бо номи «Луғати нави иқтисодӣ» зери таҳрири А.Н. Азрилиян бо мазмуни зерин ҷой дода шудааст: ҳавасмандгардонии моддӣ ин низоми шаклу усулҳои иқтисодии майлу хоҳиши одамон ба меҳнат мебошад, ки фаъолнокии меҳнатӣ ва манфиатнокии онҳоро барои беҳтарсозии натиҷаҳои ниҳоии меҳнат баланд мебардорад[23]. Аз мазмуни ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маълум мегардад, ки он низоми мураккаби муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни корманд ва корфарморо дар бар мегирад. Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ истифодаи методологияи муносиб ва комилро талаб менамояд.

Корхонаҳои саноатӣ хусусиятҳои хоси муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнатро доро мебошанд. Хусусиятҳои хоси меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ ба ҳолатҳои зерин вобаста мебошад:

1. Сатҳи муҷаҳҳаз гардонидашудаи техникии истеҳсолот;

2. Ҷой доштани муносибатҳо байни коргарону кормандон ва кормандону намояндагони маъмурият;

[23] Новый экономический словарь / Под ред. А.Н.Азрилияна.-3-е изд.-М.: Институт новой экономики, 2008.- С.856.

3. Мавқеи муайянро соҳиб будани нозирони корхонаҳои саноатӣ дар низоми муносибатҳои байни кормандон ва намояндагони маъмурият;

4. Мавҷудияти дараҷаи воқеии таҳдидҳои аз кор озодшавии кормандон ва давомнокии миёнасолонаи корҳои иҷрошаванда.

Яке аз хусусиятҳои низоми муосири ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ дар он дида мешавад, ки маҷмӯи муносибатҳои ҳавасмандгардонӣ дар заминаи ду гурӯҳи фишангҳо идора карда мешаванд[24]:

1.Фишанги асосии ҳавасмандгардонии самараи меҳнати кормандон пардохти музди меҳнат мебошад. Ҳавасмандгардонии манфии кормандон бошад, нисбати қувваи кории ғайрифаъол андешида мешавад, ки дар намудҳои ба таври маҷбурӣ ҷалб кардан ба кор бо таҳдиди аз кор озод намудани онҳо, инчунин интиқоли онҳо ба гурӯҳи кормандони аз ноилоҷӣ дар корхона фаъолияткунунанда амалӣ карда мешавад.

2. Фишанги заминавии ҳавасмандгардонии меҳнат вобаста ба табиати худ иҷборӣ мебошад, яъне корманд барои аз даст додани кори худ ҳарос дорад ва барои ба даст овардани кори нисбатан беҳтар аз дигар корфармо боварӣ надорад.

Ба ақидаи мо, дигар хусусиятҳои низоми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ ба ҳолатҳои зер вобаста мебошанд:

1. Натиҷаҳои молиявии нисбатан ноустувори корхонаҳои саноатӣ ва нокифоягии воситаҳо, ки барои татбиқи барномаҳои ҳавасмандгардонӣ сафарбар мегарданд;

2. Таъсири манфии муҳити берунӣ, аз ҷумла молҳои саноатии воридотӣ, нокифоягии кадрҳои баландихтисос, сатҳи баланди кӯчиши кадрҳои соҳа ва ғайра;

3. Дар корхонаҳои саноатӣ, бинобар сабаби ҳаҷми нисбатан нокифояи музди меҳнат (ҳавасмандгардонии моддии доимӣ), барои кормандон ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайрмоддӣ то андозае

[24] Гребенцов П.А. Особенности мотивации труда персонала промышленных предприятий // Молодой ученый (Часть I).— 2018.— № 7.— С. 55

афзалият дорад. Чунки ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ дар шароити ғайриқаноатбахш будани ҳавасмандгардонии моддӣ мазмун надорад. Дар чунин шароит эҳтиёҷоти моддии кормандони болозикр нисбат ба эҳтиёҷоти маънавии онҳо муҳимтар арзёбӣ мегардад, аз ин рӯ, дар навбати аввал чораҳои ҳавасмандгардонии моддӣ татбиқ мегарданд. Вобаста ба ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳавасмандгардонии моддии кормандон аз мавқеи рушди имкониятҳои молиявию иқтисодии корхонаҳои саноатӣ омӯхта шудааст.

Аз нигоҳи мо, методологияи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҷмӯи роҳу усулҳо ва қоидаҳоеро дар назар дорад, ки дар асоси онҳо ҳавасмандгардонии кормандон амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ҳолатҳои зерин мебошанд: а) ҷалби захираҳои меҳнатии баландихтисос ва рақобатпазир; б) ҳавасмандгардонии кормандон барои иҷрои меҳнати баландсифат ва босамар, таъмини сатҳи баланди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхона; в) баланд бардоштани сатҳи масъулият, фаъолнокии меҳнатӣ, интизом, рушди касбият, эҷодкорӣ ва ташаббуси кормандон; г) ташаккули низоми муносибатҳои меҳнатии кормандон бо корфармо; ғ) нигоҳдории кормандони боистеъдод дар корхона.

Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вазифаҳои зеринро иҷро менамояд[25]:

1. Вазифаи иқтисодӣ, яъне ҳавасмандгардонии меҳнат самаранокии истеҳсолотро таъмин намуда, дар навбати худ, ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулотро баланд мебардорад.

2. Вазифаи иҷтимоии ҳавасмандгардонии меҳнат-дар он ифода меёбад, ки ҳаҷми гуногуни даромадҳои шаҳрвандон зери таъсири ҳавасмандгардонии моддӣ рушди сохтори иҷтимоии ҷомеаро таъмин менамояд;

3. Вазифаи ахлоқии ҳавасмандгардонии меҳнат-барои корхона муҳим буда, баҳри рушди мавқеи фаъоли ҳаёт ва ҷомеаи дорои сатҳи баланди маънавиёт мусоидат менамояд.

[25] Коверин, С.Б. Мотивация труда. / С.Б. Каверин. -- М.: Институт психологии РАН, 2015.- С.143.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикршуда методологияи ҳавасмандгардонӣ бояд мукаммал ва муносиб бошад. Яке аз унсурҳои заминавии методологияи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат-намудҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад. Намудҳои ҳавасмандгардонӣ дар расми 1.2.1. ба низом дароварда шудааст.




**Расми 1.2.1.** Намудҳои ҳавасмандгардонӣ

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 123: Пучкова Е.М. Особенности материального стимулирования работников в системе учета оплаты труда // Е.М.Пучкова, К.Д.Шевченко / Научный вестник Государственного автономного образовательного учреждения высшего образования "Невинномысский государственный гуманитарно-технический институт". 2021. № 1. с. 116-120.

Тавре аз расми 1.2.1. дида мешавад, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат аз ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулӣ ва ҳавасмандгардонии моддии пулӣ иборат мебошад. Ҳавасмандгардонии моддӣ-пулӣ ин ҳавасмандгардонии кормандонро бо пардохтҳои пулӣ дар ҷамъбасти фаъолияти меҳнатӣ дар бар мегирад. Маъмулан, ин намуди ҳавасмандгардонӣ баҳри танзими рафтори

объектҳои идоракунӣ бо роҳи истифодабарии пардохтҳои гуногуни пулӣ ва муҷозотҳо қабул карда мешавад. Иқтисодчии ватанӣ-Гадоев Ҳ.С., ҳамчун муҳаққиқи масоили ҳавасмандгардонии меҳнат, қайд менамояд, ки таснифоти ҳавасмандкунии меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ду зернизомро дар бар мегирад: а) намудҳои ҳавасмандкунӣ; б) шаклҳои ташкили ҳавасмандкунӣ[26]. Мавқеи иқтисодчӣ қобили қабул аст, чунки имрӯзҳо дар баъзе мавридҳо мушкилоти ҳавасмандгардонии моддии кормандон аз номуташаккилии он ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, шаклҳои комили ҷорикунии ҳавасмандгардониҳо, ки метавонанд дар вақти муносиб ҳаҷми қаноатбахши воситаҳои моддии ҳавасмандгардониро ба кормандон расонанд, муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки музди меҳнат ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии асосӣ ва мукофотпулӣ бошад-иловагӣ маҳсуб меёбад. Яке аз усулҳои паҳнгардидаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат музди меҳнат ва ё меъёри тарифӣ ба ҳисоб меравад.

Меъёри тарофавӣ ин ҳаҷми муайяншудаи пардохти меҳнати кормандон барои иҷрои меъёри меҳнат бо назардошти сатҳи муайяни мураккабии кор ва тахассуси кормандон барои воҳиди вақти муайян бе назардошти пардохтҳои ҷубронӣ, ҳавасмандгардонӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни музди меҳнат ба таври зайл оварда шудааст: музди меҳнат – маҷмӯи подошҳои бо воҳиди пулӣ ҳисобкардашудае мебошад, ки корфармо уҳдадор аст онҳоро ба корманди кироя барои корҳои амалан иҷрошуда, ҳамчунин барои он муддате, ки ба вақти корӣ дохил мешавад, пардохт намояд[27].

Моҳона хусусиятҳои зерин дорад: а) ҳаҷми моҳона тағйирёбанда набуда, доимӣ мебошад; б) моҳона барои иҷрои кори муайян, ки дар шароити мӯътадили меҳнат ба сомон расонида мешавад, пардохта мешавад; в) моҳона ин

---

[26] Гадоев Ҳ.С. Такмили механизми ҳавасмандгардонии коргарони бахши воқеии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсияи номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05: / Гадоев Ҳасан Солиҳович.– Душанбе, 2021. – С.144.

[27] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 июли соли 2016, №1329.

подоше мебошад, ки на барои натиҷаи меҳнат, балки барои ҷараёни меҳнат пардохта мешавад.

Моҳонаи вазифавӣ ин ҳаҷми муайяншудаи пардохти меҳнати корманд барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ дар моҳи тақвимӣ бе назардошти пардохтҳои ҷубронӣ, ҳавасмандгардонӣ ва иҷтимоӣ.

Унсурҳои ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулӣ маҷмӯи неъматҳои гуногуни моддиро дар бар гирифта, шароити меҳнатии кормандонро такмил медиҳанд ва баъзе аз онҳо мавқеи иҷтимоӣ ва нуфузи кормандонро низ муайян менамоянд.

Дар шароити имрӯза яке аз омилҳои муҳими ҳавасмандгардонии кормандон ин шароити созгори меҳнатии онҳо маҳсуб меёбад. Шароити мазкурро ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меоранд: пардохти хароҷоти алоқаи мобилии корманд, пешниҳоди автомобили хизматӣ ва ё нақлиёти корпоративии ҷамъиятӣ, пешниҳоди компютер, ноутбук, планшет, телефони мобилӣ ва ғайра.

Самти иҷтимоии ҳавасмандгардонии меҳнат яке аз намудҳои маъмули ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулӣ дониста шуда, самаранокии истифодабарии вақти кориро баланд мебардорад. Чорабиниҳои ҳавасмандгардонии мазкур инҳо мебошанд: ҷудо намудани нақлиёт барои бурдарасонии кормандон ба ҷойи кор; таъминоти нафақавии ғайридавлатӣ; пешниҳоди роҳхатҳо барои фиристонидани кормандон ва оилаҳои онҳо ба муассисаҳои табобатӣ; суғуртаи ҳатмии тиббӣ; тӯҳфаҳои гаронарзиш дар рӯзҳои иду ҷашнҳо; ба низоми барномаҳои имтиёзнок, ки ба самти тарбия ва омӯзиши кӯдакон нигаронида шудааст, фаро гирифтани оилаҳои кормандон; пардохти хароҷоти вобаста ба омӯзиши кормандон ва кӯдакони онҳо ва ғайра.

Дигар намуди ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулии меҳнат ба баландбардории нуфузи кормандон дар дохил ва беруни корхона нигаронида шудааст[28]. Ҳавасмандгардонии мазкур бо роҳҳои зерин ба роҳ монда мешавад: ҷудо намудани автомобили хизматӣ ба синфи роҳбарикунандаи корхона;

[28] Лукьянова, Т.В. Управление персоналом. Теория и практика. Управление инновациями в кадровой работе / Т.В. Лукьянова и др. - М.: Проспект, 2015.- С.68.

хӯрока барои роҳбарияти олӣ дар толорҳои алоҳида; аз ҳисоби корфармо ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос, тренингҳо; ташкили истироҳатҳои қанотбахш ва пардохти онҳо аз ҷониби корфармо; ҷуброни хароҷоти вобаста ба машғулиятҳои варзишӣ ва дигар тарзҳо.

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ, байни ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддӣ алоқаи диалектикӣ ҷой дорад. Масалан, музди меҳнат ба сатҳи зиндагии корманд ва худбаҳогузории ӯ таъсир расонида, талаботи онро барои эҳтиром қаноатманд менамояд.

Иловапулӣ яке аз шаклҳои муҳими ҳавасмандгардонии моддии меҳнат мебошад, ки ҳамчун подоши натиҷаи меҳнати иловагӣ барои самараи ба даст овардашуда аз ҳаҷми муайяни кор ба даст оварда мешавад. Чун қоида, иловапулиро танҳо он кормандоне сазоворанд, ки дар ноилгардӣ ба самараи иқтисодии иловагӣ, яъне натиҷаҳои иловагии меҳнат, саҳм доранд. Хусусияти методологии иловапулӣ дар он ифода меёбад, ки он нисбат ба тариф унсури доимӣ ва бетағйири пардохти меҳнат буда наметавонад. Зиёд гардидани ҳаҷми иловапулӣ, чун қоида, аз афзоиши натиҷанокии меҳнати инфиродии корманд ва ҳиссаи он дар меҳнати дастаҷамъона вобаста мебошад. Дар натиҷаи коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои фаъолияти меҳнатии корманд ҳаҷми иловапулӣ на танҳо кам карда мешавад, балки ба таври комил қатъ мегардад. Иловапулӣ ҳамчун унсури мустақили музди меҳнат байни пардохтҳои мукофотӣ ва меъёри тарифӣ ҳолати мобайниро ишғол менамояд.

Илова ба музди меҳнат яке аз намудҳои маъмули ҳавасмандгардонии моддии кормандон буда, пардохти пулии аз музди меҳнат зиёдро дар бар мегирад, ки онҳоро барои иҷрои саривақтии уҳдадориҳои меҳнатӣ, баландбардории тахассусмандӣ ва сатҳи касбият ҳавасманд менамояд.

Иловапулӣ ва илова ба маош характери ҳавасмандгардонӣ дошта, ду намуди маъмулро дар бар мегиранд: а) подоше, ки барои баландбардории сатҳи касбияти кормандон пардохта мешавад; б) подоше, ки барои натиҷаҳои меҳнати кормандон пардохта мешавад.

Усули муҳими ҳавасмандгардонии пулию моддӣ ин мукофотонӣ мебошад. Мукофотонӣ натиҷанокии меҳнатро таъмин намуда, сарчашмаи он фонди ҳавасмандгардонии моддии корхона мебошад. Дар амалияи фаъолияти корхонаҳо ба кормандон баҳри иҷрои корҳои зерин мукофотпулӣ дода мешавад:

1. Барои бадандбардории сифати маҳсулот аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин: афзоиши ҳаҷми маҳсулоти тайёри баландсифат; коҳишдиҳии микдори маҳсулоти нокис; кам гардидани ҳолатҳои радшавии маҳсулоти пастсифат дар муомилот;

2. Барои баландбардории ҳосилнокии меҳнат ва ҳаҷми истеҳсолот; барзиёд иҷрошавии супоришҳои марбут ба истеҳсолот; зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот; барзиёд иҷро намудани накшаи истеҳсоли маҳсулот ва корҳои дигар;

3. Барои азхудкунии техникаи навин аз руйи нишондиҳандаҳои баландгардии коэффитсиенти ивазшавандагӣ ва дар ҷараёни кор банд будани дастгоҳҳо; камгардии муҳлати азхудкунии технологияҳои пешрафта; коҳишёбии хароҷоти истифодабарии дастгоҳҳо;

4. Барои коҳишёбии хароҷоти ашёи хом, масолеҳҳо ва дигар корҳои муҳим.

Подоше, ки барои баландбардории сатҳи касбияти кормандон пардохта мешавад, аслан барои тахассусмандӣ, бадасторӣ ва ё ҳифзи категорияи касбӣ, инчунин дараҷаи илмӣ ҷудо мегардад.

Подоше, ки барои натиҷаҳои меҳнати кормандон дода мешавад, дар шаклҳои зерин пардохта мешавад: мукофотпулиҳо, тухфаҳои қимматнок, бонусҳое, ки барои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда пардохта мешаванд, аз ҷумла барои сарфаи захираҳои иқтисодӣ, барои ҳаҷми истеҳсолот ва ё фурӯш, инчунин баҳри сифати маҳсулот ва дигар натиҷаҳои мусбии меҳнат.

Ҷубронкунӣ пардохти пулиеро дар назар дорад, ки ҷуброни хароҷоти кормандон оид ба татбиқи уҳдадориҳои меҳнатӣ ва дигар уҳдадориҳои ба қонунгузори асосёфтаро дар бар мегирад.

Бонус яке аз намудҳои муосири ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дониста мешавад, ки ҳамчун пардохти якдафъаина аз фоидаи корхона амалӣ карда мешавад.

Дигар намуди ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон- иштирок дар фоидаи корхона дониста мешавад. Муҳим будани истифодаи ин намуди ҳавасмандгардонии моддиро иқтисодчии ватанӣ, профессор Амонова Д.С. ҷонибдорӣ менамояд. Амонова Д.С. қайд менамояд, ки бинобар вазнин будани шароити соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ҳаҷми музди меҳнат нисбатан паст мебошад. Вобаста ба ин, ворид намудани принсипҳои навин ба низоми амалкунандаи ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла устувор намудани ангезаҳои ҳавасмандгардонӣ бо роҳи таъмини иштироки кормандон дар фоида ва сармояи корхона муҳим арзёбӣ мегардад[29].

Намудҳои дигари ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки дар амалияи фаъолияти корхонаҳо истифода мешаванд, бо назардошти шарҳи онҳо дар ҷадвали 1.2.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.2.1. -Намудҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат**

| **Намудҳои ҳавасмандгардонӣ** | **Таркиб ва мазмун** |
|---|---|
| Музди меҳнати номиналӣ | Музди меҳнати асосӣ (корбайъ, вақтбайъ, моҳона) ва иловагӣ (мукофотпулӣ, маоши иловагӣ барои дараҷаи касбият, пардохти иловагӣ барои шароити меҳнат, пардохт барои ҳамкории муштарак, пардохт барои иҷрои кор дар рӯзҳои ид, пардохт барои кори аз меъёр зиёд ва ғайра). |
| Музди меҳнати ҳақиқӣ | Таъмини музди меҳнати ҳақиқӣ бо роҳи баландбардории меъёри тарофавӣ дар мувофиқа бо ҳадди ақали муайяннамудаи давлат, ҷорӣ намудани пардохтҳои ҷубронӣ, индексатсияи музди меҳнат дар мувофиқа бо таваррум. |
| Ҳавасмандгардонӣ барои вақтҳои холӣ | Танзими вақт вобаста ба шуғл бо роҳи пешниҳоди корманд ба корҳои фаъол ва эҷодӣ дар рӯзҳои истироҳатии иловагӣ, рӯхсатӣ, додани имконияти интихоби вақти рӯхсатӣ ва ғ., ташкили ҷадвали чандири корӣ, ихтисори давомнокии рӯзи корӣ аз ҳисоби ҳосилнокии баланди меҳнат. |

[29] Амонова Д.С. Реформирование социально-трудовых отношений в условиях перехода к рыночной экономике (на примере Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук // Д.С. Амонова– Душанбе, 2008 .– С.33.

*Идомаи ҷадвали 1.2.1.*

| | |
|---|---|
| Таъсиси фондҳои амонатӣ | Таъсиси фондҳои амонатӣ барои кормандон бо пардохти фоиз аз рӯйи меъёри имтиёзнок. |
| Ташкили хӯрока | Ҷудо намудани воситаҳо ва пешниҳоди субсидияҳо барои хӯрока. |
| Барномаи омӯзишии кормандон | Пардохти хароҷоти вобаста ба омӯзиш, бозомӯзӣ ва баландбардории тахассусмандии кормандон. |
| Барномаи хизматрасонии тиббӣ | Ташкили хизматрасонии тиббӣ ва ё бастани шартномаҳо бо муассисаҳои тандурустӣ. |
| Ташкили хадамоти машваратӣ | Амалкарди хадамоти машваратӣ дар самти пешниҳоди машваратҳо ба кормандон. |
| Барномаҳои пардохтӣ барои вақти ғайриқобили меҳнат | Пардохти хароҷот аз рӯйи вақти ғайриқобили меҳнат |
| Суғуртаи тиббии кормандон | Ба суғуртаи тиббӣ фаро гирифтани кормандони корхона ва аз захираҳои суғуртавӣ бархурдор намудани онҳо дар ҳолатҳои беморӣ. |
| Ҳиссаҷудокунӣ ба фонди нафақа | Ҳиссаҷудокунии мунтазам ба фонди нафақа дар тӯли фаъолияти кории корманд ва пардохти нафақа бо расидани синни нафақавӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 135: Солодянкина О.В. Материальное стимулирование работников на предприятии // Вестник Ижевского государственного технического университета. 2006.-№ 5.-С. 79-83.

Бо мақсади таъмини шаффофияти низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба инобат гирифтани принсипҳои ҳавасмандгардонӣ муҳим мебошад. Принсипҳои ҳавасмандгардонӣ талаботҳои заминавие мебошанд, ки риоя шудани онҳо натиҷанокии чорабиниҳои ҳавасмандгардониро аз тариқи афзоиши самараи меҳнат таъмин менамоянд. Вобаста ба нуқтаҳои зикршуда ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд ба як қатор принсипҳо такя намояд (ҷадв. 1.2.2.).

Тавре аз маълумоти ҷадвали 1.2.2. бар меояд, принсипҳои ҳавасмандгардонӣ ҳифзи манфиати корманд ва корфарморо ифода менамоянд. Риоя шудани принсипҳои мазкур устуворӣ ва бардавомии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхона таъмин менамояд. Чунки принсипҳои мазкур ҳавсмандгардонии кормандонро дар асоси адолат дар назар дошта, қаноатбахш будани ҳавасмандгардонӣ, ҳамаро фарогир будани низоми амалкунандаи ҳавасмандгардонӣ ва таъмини давомнокии амали он, таъмини мувофиқати стратегияи корхона бо низоми ҳавасмандгардонӣ ва дар ниҳоят, баландбардории сатҳу сифати меҳнати кормандонро дар назар дорад.

## Ҷадвали 1.2.2. -Принсипҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат

| Принсипҳо | Мазмуну моҳияти принсипҳо |
|---|---|
| 1. Вобастагии ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ аз натиҷаҳои меҳнат | Принсипи мазкур бар он асос меёбад, ки бузургии ҳавасмандгардонии ба корманд расонидашаванда бояд аз самаранокии фаъолияти меҳнатии он вобаста бошад. Ин принсип дар таълифоти илмии қисми зиёди иқтисодчиёни таҳқиқкунандаи масъалаи мазкур дида мешавад. Риоя нагардидани принсипи мазкур боиси сафарбаркунии нодурусти ҳавасмандгардонии моддӣ мегардад. Ҳолати мазкур ҳавасмандии кормандонро нисбат ба иҷрои меҳнати босамар коҳиш медиҳад. |
| 2. Муҳимияти ҳавасмандиҳои моддӣ | Мазмуни принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корманд муҳим дониста мешавад, агар ҳаҷми он барои қонеъ намудани талаботи он кифоя бошад. Чунки ҳаҷми нокифояи ҳавасмандгардонӣ наметавонад кормандро барои иҷрои кори босамар ҳавасманд намояд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, роҳбари корхонаро зарур аст, то низоми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро таъмин намояд. |
| 3. Баробарии ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддӣ ва ҳиссаи фаъолияти меҳнатӣ | Ин принсип ба дарки адолат аз ҷониби корманд асос меёбад, яъне корманде, ки дар муқоиса бо дигар фард дар иҷрои кори якхела подоши нисбатан кам ба даст меорад, нисбати ӯ рафтори ноодилона ба чашм мерасад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, таъмини самараи меҳнат дар ҳоле имконпазир мегардад, ки низоми ҳавасмандгардонии кормандон ба принсипи адолатнокӣ такя намояд. |
| 4. Манфиатнокии моддӣ барои ноилгардӣ ба натиҷаҳои мусбии фаъолияти корхона | Ин принсип ҳамоҳангии манфиатҳои корманд ва корфарморо дар назар дорад. Ба ҳамдигар наздик будани манфиатҳои корманд ва корфармо зиёд гардидани ҳавасмандгардонии кормандон ва дар маҷмӯъ, афзоиши даромади корхонаро таъмин менамояд. |
| 5. Дастрасии ҳавасмандгардонӣ | Бо назардошти қоидаҳои амалкунанда дастрас будани ҳавсмандгардониҳо барои ҳама кормандони корхона, инчунин фаҳмо ва демократӣ будани шароити ҳавасмандгардонӣ. |
| 6. Таъсирбахш будани ҳавасмандгардонӣ | Ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон бояд тавре ба роҳ монда шавад, то корхона аз самараи он бархурдор гардад. |
| 7. Тамоюли мусбии тадриҷӣ (оҳиста-оҳиста) доштани ҳавасмандгардонӣ | Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бо назардошти омилҳои таъсиррасон бояд хусусияти тадриҷан зиёдшавиро дошта бошад. |
| 8. Амали якҷояи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ | Бо назардошти натиҷаҳои мусбӣ дар як вақт бархурдор намудани кормандон аз ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии меҳнат |
| 9. Амали якҷояи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва чораҳои зиддиҳавасмандгардонӣ | Бо назардошти шароити мусоид дар як вақт ба роҳ мондани ҳавасмандгардонӣ ва чораҳои зиддиҳавасмандгардонӣ (хавфи аз даст додани ҷойи корӣ, хавфи камбизоатӣ, ҷаримабандӣ) барои пешрафти фаъолияти корхона натиҷаҳои мусбӣ медиҳад. |
| 10. Коҳишдиҳии фосилаи байни натиҷаи меҳнат ва пардохти он | Корхонаро зарур аст, ки бо назардошти меъёрҳои амалкунандаи ҳавасмандгардонӣ дар кӯтоҳтарин муҳлат чораҳои ҳавасмандгардониро татбиқ намояд. |
| 11. Алоқаи мунтазами низоми ҳавасмандгардонӣ бо стратегия ва ҳолати молиявии корхона | Низоми ҳавасмандгардонӣ бояд ба стратегия ва шароити молиявии корхона мувофиқ бошад, яъне бо назардошти дигаргуншавии стратегия ва тағйироти ҳолати молиявӣ низоми ҳавасмандгардонӣ низ ҳатман мувофиқ гардонида шавад. |
| 12. Бисёрсатҳа будани низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат | Низоми ҳавасмандгардонӣ бояд дорои дараҷаҳои гуногун бошад. Сатҳ ва сифати меҳнати кормандони алоҳида, ки гуногун мебошанд, аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии онҳо бояд мухталиф бошад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти 157: Ильина Г.В. Совершенствование системы материального стимулирования труда работников сельскохозяйственных организаций (на материалах Курской области) [Текст] : дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05: / Ильина Галина Викторовна. – Курс., 2007.– С.21-22.

Ҳавасмандгардонӣ, ки аз намудҳои мухталиф иборат аст, бинобар ин, он бо истифодаи усулҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Ба ақидаи мо, дар шароити кунунии фаъолияти корхонаҳо истифодаи усулҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки ҳавасмандгардонии кормандонро баробари бадастории натиҷаҳои меҳнат дар назар дорад, манфиатноктар мебошад. Вобаста ба ин, усулҳои нисбатан қобили қабули низоми муосири ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар расми 1.2.2. оварда шудаанд.




**Расми 1.2.2.** Усулҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тавре қайд намудем, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар ҳоле ба манфиати корманд ва корфармо мебошад, ки агар ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ қаноатбахш ва вақти дастрасии он барои тарафҳо муносиб бошад. Аммо усулҳои ҳавасмандгардоние, ки дар расми 1.2.2 ба низом даровarда шудаанд, бисёрсатҳа буда, барои иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ муносиб мебошанд. Аз нигоҳи мо, усулҳои болозикр, ки ҳавасмандгардонии ҷорӣ, якваќта ва ҳавасмандгардониро дар охири давраи ҳисоботӣ дар бар мегиранд, ба шароиту имкониятҳои бештари субъектҳои иқтисодӣ мувофиқ мебошанд. Воқеан, натиҷанокии меҳнати кормандон аз истифодаи роҳу усулҳои муносиби ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии онҳо вобастагии зиёд дорад. Ин нуқтаи назарро иқтисодчиёни зиёд ҷонибдорӣ менамоянд. Масалан, профессор Хоҷаев П.Д. дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд менамояд, ки роҳҳо ва усулҳои

ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон омилҳое мебошанд, ки ба ҳосилнокии меҳнат таъсирри калон мерасонанд[30].

Аҳроми равоншиноси амрикоӣ А.Х. Маслоу амсилае мебошад, ки ба таври пайдарпайии мантиқӣ тамоми талаботи инсониро аз оддӣ то олӣ ифода менамояд. Аҳроми мазкур ҳамчун консепсияи машҳури ҳавасмандӣ зери унвони назарияи зинанизомии талабот соли 1943 коркард шуда, аз панҷ зина иборат мебошад[31]. Ниг. ба расми 1.2.3




**Расми 1.2.3.** Аҳроми ниёзҳои инсонӣ (А.Х.Маслоу)

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 44: Маслоу А.Г. Мотивация и личность / Перевод. с англ. Татлыбаевой А.М. – СПб.: Евразия, 1999. – 478 с.

Низоми талаботи фард, ки А.Х.Маслоу пешниҳод намудааст, дар шароити корхона дида мебароем. Меҳнати кормандон дар ҳоле босамар ҳисобида мешавад, ки агар он барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои тиҷоратии корхона мувофиқ бошад. Аммо, таъмини ҳолати мазкур дар сурате имконпазир аст, ки агар ниёзҳои кормандон дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонида шаванд. Дар корхонаҳое, ки сатҳи музди меҳнат ва дигар ҳавасмандгардониҳои моддӣ қаноатбахш мебошад, роҳбарият метавонад ба зинаҳои 2-5-уми қонеъгардонии талаботи кормандон гузарад. Аммо, дар шароите, ки ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба дигар намуди ҳавасмандгардониҳо афзалият ва ё зарурати бештар дорад, қонеъ

---

[30] Ходжаев П.Д., Субхонкулов И.А. Статистическая оценка показателей эффективности материального стимулирования персонала в системе потребительской кооперации / П.Д. Ходжаев, И.А. Субхонкулов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции.-2020.-№ 3 (32).-С. 21-29.

[31] Маслоу А.Г. Мотивация и личность / Перевод. с англ. Татлыбаевой А.М. – СПб.: Евразия, 1999. – С.145.

намудани ниёзи физиологии кормандон амри зарурӣ ҳисобида мешавад.

Тавре дида мешавад, расми 1.2.3 тамоми талабот ва эҳтиёҷоти инсонро-шуруъ аз талаботи оддӣ то ба талаботи олӣ дар бар мегирад. Аз нигоҳи мо, ҳавасмандгардонии моддӣ дар корхона бояд барои қонеъ намудани талаботи физиологии кормандон, аз ҷумла барқарор намудани бозтавлиди нерӯи меҳнати босамар мусоидат намояд. Пас аз қонеъ гардидани талаботи физиологӣ таъмин намудани бехатарии кормандони корхона мубрам дониста мешавад. Аз ин рӯ, дигар самти ҳавасмандгардонии меҳнат таъмини бехатарии шароити меҳнатии кормандон мебошад. Вобаста ба ин, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини бехатарии шароити меҳнатии кормандонро ҳамчун уҳдадории корфармо ва ҳуқуқи корманд муқаррар кардааст.

Муҳаббат ва мансубият ҳамчун зинаи сеюми ниёзи инсон оварда шудаанд. Дар ин зина гап сари талаботи иҷтимоии корманд рафта, он бояд худро дар муҳити иҷтимоӣ ҳамчун шахсияти манфиатовар ва боарзиш тасаввур намояд. Ҳолати мазкур кормандро ҳавасманд менамояд, то он ниёзи иҷтимоии худро қонеъ намояд. Баъди он, ки корманд талаботи худро оид ба муҳаббат ва мансубият ба иҷтимоиёт қонеъ намуд, пас норасоии муҳит барои вай ин эҳтиром намудани афзалиятҳои шахсии ӯ мебошад, аз ҷумла: истеъдод, тавоноӣ ва қобилият ва ғайра. Дар ҳоле, ки нерӯи кормандро атрофиён эътироф намуда, ба вай эҳтиром мегузоранд, пас он ба худ ва нерӯи худ боварӣ ҳосил намуда, руҳияаш баланд мегардад ва талаботаш қонеъ мешавад.

Эҳтиёҷоти корманд ба худшиносӣ зинаи ниҳоии талабот буда, майлу хоҳиши онро ба рушди шахсият дар заминаи исифодаи нерӯи фардӣ дар назар дорад. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди нерӯи зеҳнии кормандон аз тариқи ба таҳсил фарогирии онҳо шароити мусоидро фароҳам овардааст. Натиҷаҳои мусбии фаъолияти эҷодии корманд, баргузории чорабиниҳои сатҳи гуногун ва майлу рағбати корманд оид ба рушди маҳорату истеъдод барои худшиносии вай мусоидат менамоянд. Дар ҳоле, ки панҷ зинаи ниёзи корманд қонеъ мегардад, пас ӯ фаъолона ба дарёфти ҳадафи ҳастии худ, омӯзиши олами атроф

ва кӯшиши саҳмгузорӣ дар пешрафти он шурӯъ менамояд. Корҳои анҷомдодаи корманд дар самтҳои зикршуда барои ташаккули нигоҳи нави ӯ ба оянда заминаи устуворро фароҳам меоваранд.

Ҳамин тавр, ҳаҷми қаноатбахш ва имконияти рӯзгузаронӣ надоштани ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон водор менамояд, ки дар навбати аввал, ниёзи физиологии кормандон қонеъ гардонида шавад. Баъди қонеъ намудани ниёзи физиологӣ, корхонаро зарур аст, ки ба андешидани чораҳо дар самти таъмини бехатарӣ ва қонеъ намудани дигар зинаҳои талабот пардозад.

Иқтисодчиёни ватанӣ Ҳакимова Д.М., Гадоев Ҳ.С., ки масоили вобаста ба ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатиро таҳқиқ менамоянд, дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд кардаанд, ки ҳавасмандгардонӣ ва мукофотонии захираҳои меҳнатӣ унсури калидии сиёсати идоракунии нерӯи зеҳнӣ дониста мешавад[32]. Бинобар ин, аз мавқеи илмии Ҳакимова Д.М., Гадоев Ҳ.С. чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми комили ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии моддӣ метавонад фишанги босамари идоракунӣ аз тариқи зиёд намудани майлу рағбати кормандон нисбат ба меҳнат баромад намояд. Воқеан, дар амалияи кунунии корхонаҳои саноатии минтақаҳои кишвар усули ҳавасмандгардонии идоракунии кормандон дар сатҳи зарурӣ истифода намегардад, ҳол он ки дар шароити корхонаҳои мазкур бо сабаби ҷой доштани ҳаҷми ғайриқаноатбахши воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ татбиқи усули мазкур мубрам мебошад.

Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат чун низоми шаклу усулҳои иқтисодии майлу хоҳиши одамон ба меҳнат, ки афзоиши самаранокии меҳнатро дар бар мегирад, дорои қонуниятҳои худ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқи адабиёти соҳавӣ, хусусан омӯзиши васоити таълимии иқтисодчии рус Комаров Е.И. таҳти унвони «Андозагирии ҳавасмандгардонӣ ва ҳавасмандгардонии «шахсии

[32] Хакимова Д.М., Гадоев Х.С. Теоретические аспекты сущности интеллектуального потенциала / Д.М. Хакимова, Х.С. Гадоев // Экономика Таджикистана.-2022.-№ 2.-С.172-176.

корманд» ба мо муяссар шуд, то қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро муайян ва ошкор намоем (расми 1.2.4).

**ҚОНУНИЯТҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ**

- Чӣ қадар, ки арзиши ҳавасмандгардонӣ ва мунтазамии он баланд бошад, ҳамон қадар ҳосилнокии меҳнати кормандон баланд мешавад.
- Самараи меҳнати кормандоне, ки бо таъхир (номунтазам) ҳавасманд гардонида мешаванд, нисбат ба самараи меҳнати кормандоне, ки мунтазам ҳавасманд гардонида мешаванд, паст мебошад.
- Агар ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон қатъ гардад, пас ҳосилнокии меҳнати онҳо фавран ба ҳолати аввалаи худ бар мегардад.

**Расми 1.2.4. Қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат**
**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Аз расми 1.2.4. дида мешавад, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнат қонуниятҳои хоси худро дорад. Мазмуни қонуниятҳои овардашуда дар маҷмӯъ онро ифода менамояд, ки сатҳи ҳосилнокии меҳнати кормандон аз ҳаҷми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддӣ ва мунтазамии он вобаста мебошад ва баракс-арзиши нокифояи ҳавасмандгардонӣ ва номунтазам амалишавии он боиси коҳишёбии самараи меҳнат мегардад. Вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта, аз нигоҳи мо, низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонӣ, ки имконияти дар сатҳи қаноатбахш таъмин намудани ҳавасмандгардонии кормандонро дорад, бояд татбиқ карда шавад.

Истеҳсолоти саноатӣ хусусиятҳои технологии худро дорад, аз ин рӯ, ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнати кормандони корхонаҳои соҳаи саноат низ қонуниятҳои хоси худро доранд. Нигаред ба расми 1.2.5.

**ҚОНУНИЯТҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРМАНДОН ВОБАСТА БА ХУСУСИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ**

- Афзоиши мунтазами сатҳи муҷаҳҳазгардонии техникии истеҳсолот ва мутаносибан коҳишёбии саҳми меҳнати дастӣ талаботро ба қувваи кории дорои малакаҳои инноватсионидошта ба миён меорад.
- Баробари рушди технологияи истеҳсолоти саноатӣ вобастагии ҳавасмандгардонии моддӣ аз тахассусмандии кормандон зиёд мегардад.
- Технологияи мураккаби истеҳсолоти саноатӣ баландбардории ҳосилнокии меҳнатро таъмин менамояд, агар низоми ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатӣ талаботи моддии кормандонро қонеъ карда тавонад.

**Расми 1.2.5. Қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандон вобаста ба хусусиятҳои технологияи истеҳсолоти саноатӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Қонунияти 1-ум дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо сабаби истифодаи нисбатан ғайриқаноатбахши техникаю технологияҳои навин

то кунун ҳиснашаванда боқӣ мондааст. Ин қонуният дар корхонаҳои саноатии кишварҳои пешрафта бараъло дида мешавад ва дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имкониятҳои пайдошавӣ дорад. Ҷой доштани чунин қонуният боиси он мегардад, ки на ҳама захираҳои меҳнатии корхонаҳо имконияти бадастории воситаҳои ҳавасмандгардонии моддиро пайдо менамоянд.

Қонунияти 2-юм маънои онро дорад, ки барои бархӯрдор гардидан аз воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ кормандонро зарур аст, ки пайваста тахассус ва касбияти худро такмил диҳанд.

Воқеан, яке аз мушкилиҳое, ки дар амалияи корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ, бахусус минтақаи Хатлон дида мешавад, вайрон гардидани қонунияти 3-юм мебошад. Дар аксари мавридҳо бо иллати нокифоягии воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, аз ҷумла музди меҳнат муаммои кӯчиши кадрҳо дар корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, методологияи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхона бояд тавре роҳандозӣ карда шавад, ки дар дилхоҳ шароит устувории нерӯи кадрӣ ва сатҳи баланди нишондиҳандаҳои натиҷавиро таъмин карда тавонад. Методологияи мазкур бояд самаранокии истеҳсолотро аз ҳисоби ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулот баланд намуда, барои таъмини мавқеи фаъоли ҳаёти қувваи корӣ ва рушди ҷомеаи дорои сатҳи баланди маънавиёт мусоидат намояд.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ

Ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ҳамчун яке аз воситаҳои баландбардории майлу хоҳиши кормандон ба меҳнат, афзоиши самаранокии меҳнат ва дар маҷмӯъ, таъминкунандаи рушди фаъолияти корхона баромад менамояд. Дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои меҳнатӣ низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат низ бояд тавре амал намояд, ки самараи меҳнати кормандон ба даст оварда шавад. Дар чунин шароит таҳқиқ, мувофиқгардонӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии ҳавасмадгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои ватанӣ роҳи ҳалли мушкилоти мазкур мебошад. Дар

корхонаҳои кишварҳои пешқадам дар самти ҳавасмандгардонии кормандон, аз ҷумла корхонаҳои Ҷопон, ИМА, Олмон, Фаронса, Шветсия, Британияи Кабир усулҳои самараноки ҳавасмандгардонӣ коркард ва истифода мешаванд. Муносибгардонии унсурҳои низоми ҳавасмандгардонии корхонаҳои кишварҳои болозикр ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти имкониятҳои роҳандозии низоми навини ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатии минтақаҳои ҷумҳурӣ масъалаи мубрам дониста мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ се амсилаи ҳавасмандгардонии меҳнатро аз ҳам ҷудо менамояд (расми 1.3.1.).




**Расми 1.3.1. Амсилаҳои ҳавасмандгардонии меҳнат**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 120: Островская Т.Г. Организация и стимулирование труда (зарубежный опыт) / Экономика и управления // Пищевая промышленность 7/2005.- С.46-48.

Тибқи амсилаи амрикоӣ, дар ИМА ва Канада ҳаҷми ҳавасмандгардонии корманд аз натиҷанокии фаъолияти он вобастагӣ дошта, механизми ҳавасмандгардонӣ дар доираи музди меҳнати асосӣ ва дар заминаи ду унсури муҳим амал менамояд: а) тафриқаи моҳона бо назардошти фарқияти сифатӣ дар меҳнат; б) тафриқаи пардохтҳои инфиродӣ дар доираи вазифа ва дар алоқа бо дастовардҳои меҳнатӣ[33].

Кормандони корхонаҳо на танҳо барои натиҷаҳои ҷории фаъолият, инчунин баҳри самараи дарозмуҳлати меҳнат ҳавасманд гардонида мешаванд. Барои мутахассисони боистеъдод «низоми дусамта дар мартаба» амал менамояд: а) пешравии маъмурию вазифавӣ; б) афзоиши тадриҷии моҳона то сатҳи музди маоши роҳбарият[34]. Ин ду роҳи зикршуда барои дар ширкат

[33] Дряхлов Н., Куприянов Е. Системы мотивации персонала в Западной Европе и США // cfin/management/people/ motivation_sys.shtml

[34] Галаева, Е.; Россикова, Ю. Заработная плата и социальное страхование в США // Проблемы теории и практики управления. 2013. № 9. С. 43-55.

нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш мусоидат менамоянд.

Дар баъзе аз корхонаҳои Амрико афзоиши сатҳи музди меҳнати корманд на танҳо аз миқдори маҳсулоти истеҳсолкарда, балки аз шумораи ихтисосҳои азхудкардаи он вобаста мебошад. Амсилаи амрикоӣ бар ҳавасмандкунии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ғанӣ гардонидани қисми фаъолтарини аҳолӣ асос ёфтааст. Амсилаи мазкур бар хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии миллӣ, самти оммавӣ барои ба даст овардани муваффақияти шахсии ҳар як нафар, инчунин сатҳи баланди некӯаҳволии иқтисодӣ асос ёфтааст.

Низоми ҳавасмандгардонӣ дар ИМА бар музди меҳнат асос ёфтааст. Яке аз низомҳои нисбатан паҳнгардида модификатсияи гуногуни низоми вақтбайъи музди меҳнат бо супоришҳои меъёр таъйин кардашуда мебошад, ки ба ҳама шаклҳои имконпазири мукофотпулӣ илова карда мешавад. Имрӯзҳо, яке аз шаклҳои маъмултарини музди меҳнат дар ИМА барои кормандони ибтидоӣ ва миёна музди меҳнати унсурҳои низомҳои корбайъ ва вақтбайъро дарбаргиранда мебошад. Дар ин ҳолат музди меҳнати ҳаррӯзаи корманд ҳамчун маҳсули меъёри музди кори соатбайъ аз рӯи миқдори соатҳои корӣ муайян карда мешавад. Агар корманд меъёри ҳаррӯзаро дар шакли табиӣ иҷро накунад, кор то иҷрои меъёр идома меёбад. Ин низоми музди меҳнат пардохти мукофотҳоро пешбинӣ намекунад, зеро, ба гуфтаи иқтисоддонҳои амрикоӣ, ин маблағҳо аллакай ба сатҳи музди меҳнати корманд дохил карда шудаанд. Хусусияти фарқкунандаи низоми баррасишаванда соддагии ҳисоб кардани даромад ва банақшагирии хароҷоти музди меҳнат мебошад. Бо вуҷуди ин, аксарияти корхонаҳои ИМА ва корхонаҳои дигар кишварҳое, ки дар онҳо чунин низом амал менамояд, майли истифодаи низоми пардохти музди меҳнат бо мукофотпулиро доранд.

Дар ИМА низомҳои мукофотпулии дастаҷамъона васеъ истифода мешаванд. Ҳангоми истифодаи низоми "Скенлон" байни маъмурият ва кормандони корхона меъёри ҳиссаи музди меҳнат дар арзиши умумии маҳсулоти холиси шартӣ муайян карда мешавад. Дар сурати фаъолияти фоидаовари корхона ва ташаккули сарфаи музди меҳнат аз ҳисоби пасандозҳои

бадастомада фонди мукофотпулӣ ташкил карда мешавад, ки тақсимоти он ба таври зерин сурат мегирад: 25%-ба фонди захиравӣ барои пӯшонидани хароҷоти аз ҳад зиёди имконпазири фонди музди меҳнат фиристода мешавад. Аз маблағи боқимонда, 25% ба мукофотпулӣ ба маъмурияти корхона, 75%-ба мукофотпулӣ ба кормандон равона карда мешавад[35].

Мукофотпулиҳо ҳар моҳ аз рӯи натиҷаҳои моҳи гузашта мутаносибан ба иштироки меҳнатии корманд дар асоси музди меҳнати асосӣ пардохта мешаванд. Дар охири сол фонди захиравӣ дар байни кормандони корхона пурра тақсим карда мешавад. Истифодаи ин низом аз ҷониби "Мидленд-Росс" имкон дод, ки бо истифода аз ҳамон таҷҳизот, ҳосилнокии меҳнат 16% баланд гардида, ҷойивазкунии кормандон аз 36 то 2,6% коҳиш дода шавад ва шумораи вайронкунандагони интизоми меҳнат ду маротиба кам карда шавад[36].

Ҳангоми истифодаи низоми "Раккер" мукофотпулӣ новобаста аз фоидаи дар давраи гузашта гирифташуда ҳисоб карда мешавад. Мукофотпулиҳо ба миқдори муайян аз ҳисоби истеҳсоли шартан холис муқаррар карда мешаванд, яъне 25%-и фонд захира карда мешавад ва маблағи боқимонда байни кормандон ва маъмурият тақсим карда мешавад. Баракси низоми «Скенлон», ин низом баҳси дастаҷамъонаи тақсимоти мукофотпулиро пешбинӣ намекунад. Татбиқи низомҳои мукофотпулии дастаҷамъона ва инфиродӣ дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба ҳолати молиявии онҳо вобаста мебошад.

Чандирии низоми музди меҳнат тавассути аттестатсияи даврии кормандон дода мешавад, ки дар асоси он сатҳи музди меҳнати кормандон барои давраи минбаъда муқаррар карда мешавад. Музди меҳнат чун қоида дар соли якӯми кор ҳар семоҳа, пас аз як соли кор-ҳар шашмоҳа ё ҳар сол дида баромада мешавад.

Дар баъзе корхонаҳои амрикоӣ низоми нави музди меҳнат истифода

---

[35] .Козаченко А. В. Зарубежный опыт мотивации труда.//[Электронный ресурс]; URL:http://www.elitarium.ru - Некоммерческое партнерство Центр дистанционного образования «Элитариум» (Санкт-Петербург).

[36] Лымаренко В.М. Мотивация персонала. Зарубежный опыт // [Электронный ресурс]:URL:https://www.miep.edu.ru/upload/science/motivaciya_personala_zarybejniy_opit_limarenko.pdf.

мешавад, ки дар он афзоиши музди меҳнат на аз маҳсулот, балки аз афзоиши малакаҳо ва шумораи касбҳои азхудшуда вобаста аст. Пас аз хатми омӯзиш аз рӯи як ихтисос ба корманд миқдори муайяни холҳо дода мешаванд. Вай метавонад бо ҷамъоварии миқдори холҳои зарурӣ маоши зиёд гирад. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми музди меҳнат омилҳои муайянкунанда шумораи азхудкардашудаи «воҳидҳои маҳорат», сатҳи маҳорат дар ҳар кадоми онҳо ва тахассус аз рӯи ихтисосҳои азхудкардашуда мебошанд.

Афзалиятҳои асосии муайяншуда дар раванди ҷорӣ кардани музди меҳнат вобаста ба сатҳи тахассус инҳо мебошанд: афзоиши ҳаракатнокии қувваи корӣ дар дохили корхона, афзоиши қаноатмандӣ аз ҷойҳои корӣ, аз байн бурдани сатҳҳои миёнаи идоракунӣ, кам кардани шумораи умумии кормандон, бахусус аз ҳисоби кормандон ва устоҳо. Дар айни замон, муносибатҳои дохили истеҳсолот ба таври назаррас беҳтар шуда, сифати корҳо баланд мегардад. Ба ақидаи 72% роҳбарон ва кормандони пурсидашуда, дар натиҷаи татбиқи чунин низом дар корхонаҳо сатҳи истеҳсолот меафзояд ва хароҷоти меҳнат барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот кам мешавад.

Мувофиқи пурсишҳои гузаронидашуда, дар ИМА зиёда аз 30% ширкатҳои америкоӣ «низоми чандирии тақсимоти фоида»-ро истифода мебаранд ва дар маҷмӯъ, ин ширкатҳо нисбат ба ширкатҳое, ки низоми мазкурро истифода намебаранд, самаранoктар фаъолият менамоянд[37]. Аммо новобаста аз ҷониби бисёриҳо эътироф гардидани он, ки низомҳои тақсимоти фоида кормандонро метавонад ба таври мусбӣ ҳавасманд гардонад, ба бештари мутахассисон барои таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудан ба он тавсия дода намешавад.

Аз мавқеи амсилаи ҷопонӣ сифати баланди меҳнат на танҳо омили мусбии соҳаи муомилот ва хароҷот, инчунин барои афзоиши ҳосилнокии меҳнат низ мусоидат менамояд. Дар натиҷаи арзёбии мумайизон муайян карда шудааст, ки 2% коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти ноқис афзоиши ҳосилнокии меҳнатро

[37] Галаева, Е.; Россикова, Ю. Заработная плата и социальное страхование в США // Проблемы теории и практики управления. 2013. № 9. С. 43-55.

дар ҳаҷми 10% таъмин менамояд[38] Тибқи амсилаи ҷопонӣ, иттиҳодияҳои Ҷопон кормандони худро барои таъмин намудан бо кор кафолат дода, бо мақсади пешгирии рафтани кормандон ба дигар корхонаҳо низоми ҳавасмандгардонии меҳнатро, ки бар собиқаи кории корманд асос меёбад, истифода менамоянд[39]. Аз ин ҷост, ки ширкатҳои ҷопонӣ низоми мазкурро воситаи беҳтарини иҷрои уҳдадориҳои кормандон ва омили ноилгардӣ ба мақсадҳои корхона меҳисобанд.

Музди меҳнат дар Ҷопон аз рӯи низоми собиқаи корӣ ва тахассусмандии меҳнатӣ муайян карда шуда, аз музди меҳнати моҳона ва соле ду маротиба пардохтани бонусҳо иборат мебошад. Маъмулан, бонусҳо дар ҳоле ба кормандон пардохта мешаванд, ки агар ширкат фоидаи калон ба даст орад. Ҳаҷми маблағи бонусро шартномаи меҳнатӣ муайян намуда, кормандони корхонаҳои ин кишвар онро ҳамчун қисми музди меҳнат медонанд.

Дар асоси амсилаи ҷопонии ҳавасмандгардонии меҳнат иттиҳодияҳои калони ҷопонӣ ба кормандони худ як қатор имтиёзҳо низ медиҳанд, аз ҷумла пардохти хароҷоти нақлиётӣ, ки ба омаду рафти кормандон ба корхона вобаста аст, пардохти қисми муайяни хароҷоти вобаста ба табобат. Дигар самти ҳавасмандгардонӣ дар Ҷопон ин пешниҳоди хонаҳои истиқоматӣ ба кормандон бо нархҳои паст мебошад. Ҳатто дар сурати нокифоягии шумораи хонаҳои мазкур корхонаҳо хонаҳоро аз бозори манзил бо нархҳои амалкунанда ба иҷора гирифта, онҳоро ба кормандони кирояи худ бо нархҳои хело паст месупоранд. Барои кормандоне, ки хона харидорӣ менамоянд, аз ҷониби корхонаҳо қарз пешниҳод карда мешавад. Дар ин самт низ корхонаҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ захираҳои қарзиро бо фоизи баланд ба даст оварда, ба кормандони худ бо фоизи нисбатан паст, ки маъмулан зиёда аз 4-6%- ро ташкил медиҳад,

---

38 Островская Т.Г. Организация и стимулирование труда (зарубежный опыт) / Экономика и управления // Пищевая промышленность 7/2005.- С.46-48.

39 Кругликова, М.Е.; Гурьева, И.Ю.; Шатохина, А.О. Мотивационная стратегия управления персоналом в культуре Японии // Фундаментальные и прикладные исследования в современном мире. 2015. № 11-2. С. 134-136.

пешниҳод менамоянд[40].

Таҷрибаи корхонаҳои Ҷопон диққати махсуси менеҷерони кишварҳои гуногунро ба худ ҷалб мекунад. Усулҳои идоракунии онҳо яке аз ҷузъҳои асосии "мӯъҷизаи иқтисодии Ҷопон" ҳисобида мешаванд[41]. Принсипҳои асосии низоми ҳавасмандгардонии меҳнат дар ин кишвар, чун яке аз низомҳои мукаммали сатҳи ҷаҳонӣ, инҳо мебошанд: а) кирояи кормандон ба кор ба таври якумра; б) низоми муайянкунии музди меҳнати бар принсипи синнусолӣ асосёфта; в) баланд гардидани мақоми кормандон вобаста ба иҷрои хизмат, инчунин рушди иттифоқҳои касаба дар ширкатҳо[42].

Барои амсилаи ҷопонӣ афзоиши назарраси ҳосилнокии меҳнат нисбат ба афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла сатҳи музди меҳнат хос мебошад. Бо мақсади ҳавасманд кардани фаъолияти соҳибкорӣ давлат барои назорати табақабандии амволи ҷомеа чораҳои ҷиддиро татбиқ намекунад. Воқеан, низоми ҳавасмандгардонии меҳнат дар Ҷопон, дар муқоиса бо дигар кишварҳои саноатии рушдкарда, нисбатан мукаммал мебошад.

Андозаи музди меҳнати корманд, муҳандис, роҳбари зинаҳои поёнӣ ва миёна вобаста ба омилҳои зикршуда тибқи ҷадвали музди меҳнат амалӣ карда мешавад, ки бо ёрии он музди меҳнат ҳамчун маблағи пардохтҳо дар се зина муайян карда мешавад: барои синну сол, барои собиқаи корӣ, барои тахассус ва маҳорат, ки бо категория ва дараҷа тавсиф карда мешаванд.

Аксари корхонаҳои Ҷопон дар сиёсати ҳавасмандгардонии моддӣ аз низомҳои синтезшуда истифода мебаранд, ки унсурҳои тарофасозии анъанавии (синну солии) меҳнатро муттаҳид мекунанд. Дар низоми синтезшуда ҳаҷми музди меҳнат бо чор нишондиҳанда-синну сол, собиқаи корӣ, рутбаи касбӣ ва ҳосилнокии меҳнат муайян карда мешавад. Синну сол ва собиқаи корӣ ҳамчун меъёри анъанавии шахсӣ хизмат мекунанд, дар ҳоле, ки рутбаи касбӣ ва иҷрои

---

[40] Сафейкина, А.А., Стеклова, О.Е. Зарубежный опыт мотивации персонала // Вестник Ульяновского государственного технического университета. 2017. № 4 (80). С. 71-73.

[41] Ерёмина И.Ю. Управление развитием менеджерского таланта персонала организации в сфере дополнительных образовательных услуг. Диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Академия труда и социальных отношений. Москва, 2009

[42] Хачатуров А. О возможности прямого заимствования опыта японского менеджмента в России «Финансовый менеджмент». – 2001. – №6

кор барои муайян кардани андозаи коэффитсиенти меҳнат, ки "меъёри ҳар як тахассус" ном дорад, асос мебошад.

Дар Ҷопон ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар доираи музди меҳнат ва мукофотпулӣ маҳдуд карда шуда, дар муқоиса бо дигар кишварҳои ҷаҳон бар принсипи «синнусолӣ» асос меёбад[43]. Ҳамин тариқ, истифодаи меъёри меҳнат эҳтимолияти афзоиши автоматии музди меҳнатро бе дарназардошти такмили ихтисос ва саҳми меҳнатии корманд истисно мекунад ва ба ин васила ҳавасмандии меҳнатро баланд мебардорад, ки дар ин ҳолат бевосита аз натиҷаи кор вобаста аст

Набояд фаромӯш кард, ки ба пуррагӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи Ҷопон дар самти ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Ба андешаи мо, танҳо унсурҳои низоми мазкурро, ки дар корхонаҳои ватанӣ имкониятҳои мутобиқшавӣ доранд, истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

Амсилаи Аврупои Ғарбӣ оид ба ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон аз се зерамсила иборат мебошад: а) амсилаи ҳавасмандгардонӣ бе амалкардӣ мукофотдиҳӣ, яъне вазифаи ҳавасмандгардонии меҳнатро музди меҳнат иҷро менамояд; б) амсилаи ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он аз ҳаҷми даромад ва ё фоидаи корхонаи вобаста аст. Ҳавасмандгардонӣ дар доираи модели мазкур бо роҳи иштироки кормандон дар фоидаи корхона амалӣ карда мешавад; в) амсилаи ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он бо назардошти натиҷаҳои инфиродии меҳнатӣ муайян карда мешавад[44].

Дар як қатор корхонаҳои саноатии Олмон бо кормандон шартномаҳои меҳнатие баста мешаванд, ки тибқи онҳо корманд ухдадор мешавад, то нерӯи худро дар сатҳи ҳадди аққал истифода намуда, сатҳи баландтарини

[43] Экспериментальное подтверждение циклической концепции трудовой мотивации в финансовой сфере деятельности/ С.А. Шапиро, А.Б. Вешкурова, Н.Г.Вишневская//Путеводитель предпринимателя. – 2014. – № 23. – С. 301-314.

[44] Литовская Ю.В., Свиридова Г.С., Полькина Я.Ю. Особенности мотивации труда персонала в США и странах Западной Европы / В сборнике: Современный менеджмент: теория и практика. Материалы Всероссийской научно-практической конференции. 2017. С. 15-21.

нишондиҳандаҳои натиҷанокиро таъмин намояд.

Дар Англия, Фаронса ва як қатор дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ низоми музди меҳнати чандирӣ истифода мешавад, ки дар асоси он сифати инфиродии корманд, хизмат ва натиҷаҳои кории ӯ тавассути нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ муайян карда мешаванд.

Низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ба тахассусмандии воқеии корманд, на ба нишондоди дипломи ӯ вобаста мебошад. Масалан, дар яке аз корхонаҳои Аврупои Ғарбӣ «Дженерел Моторс» музди меҳнати вақтбай вуҷуд надорад[45]. Тахассусмандии кормандони ширкати мазкур на дар қобилияти онҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ фаҳмида мешавад, балки он аз иштирок дар ҳалли мушкилоти истеҳсолот муайян мегардад.

Дар Федератсияи Россия шакли асосии ҳавасмандгардонии моддӣ ин музди меҳнат ва низоми мукофотпулиҳо; ҳавасмандгардонии маънавӣ; ҳавасмандгардонии иҷтимоию натуралӣ; ҳавасмандгардонии иловагӣ барои ноилгардӣ ба дараҷаи баланди меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии иҷтимоӣ мебошанд[46]. Дар бисёр корхонаҳои ин кишвар ҳангоми муайян кардани ҳаҷми пардохт на танҳо тахассус, таҷриба ва малакаи касбӣ, инчунин аҳамияти корманд барои корхона, қобилияти расидан ба ҳадафҳои муайяни ҳозира ва оянда ва аз ҳама муҳим, амалӣ намудани ин қобилият ба инобат гирифта мешаванд.

Дар Федератсияи Россия имрӯзҳо масъалаҳои вобаста ба гузариш аз ҳавасмандгардонии моддӣ ба ғайримоддӣ дида баромада мешавад. Хусусан, дар шароити кунунӣ барои ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар ин кишвар таҷрибаи Ҷопон қобили қабул дониста шудааст.

---

[45] Островская Т.Г. Организация и стимулирование труда (зарубежный опыт) / Экономика и управления // Пищевая промышленность 7/2005.- С.46-48.

[46] Человек и его работа в СССР и после. Учебное пособие для ВУЗов. 2 изд., испр. и доп./ Здравомыслов А. Г., Ядов Е. А. – М.: Аспект Пресс, 2003. – С.101.




**Расми 1.3.2.** Хусусиятҳои ташаккули низомҳои хориҷии ҳавасмандгардонии меҳнат. **Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 179: Лымаренко В.М. Мотивация персонала. Зарубежный опыт // [Электронный ресурс]: URL:https:// www.miep.edu.ru /upload/science/ motivaciya _personala_zarybejniy_opit_limarenko.pdf..

Баъзе корхонаҳои Федератсияи Россия ба ивази ҳавасмандгардонии моддӣ усулҳои ҳавасмандгардонии маънавӣ ва иҷтимоиро низ истифода мебаранд, ба монанди додани роҳхатҳои имтиёзнок ба осоишгоҳҳо, амбулаторияҳо, лагерҳои солимии кӯдакон, додани қарзҳои бефоиз барои хариди манзил, нақлиёти хидматӣ, ташаккури оммавӣ бо сабт дар дафтарчаии меҳнатӣ ва ҷоизаи махсус, мукофотонидан бо тӯҳфаи арзанда, номбар кардан дар тахтаи фахрии корхона, додани унвони "Корманди фахрии корхона", додани унвони "Собиқадори меҳнат" ва ғайра.

Дар баробари усулҳои ҳавасмандгардонӣ, усулҳои муҷозоти кормандон низ мавҷуданд. Одатан, ин усулҳо маҳрум кардани корманд аз мукофотпулӣ, пурра ё қисман маҳрум кардани он аз ёрдампулӣ, додани танбеҳ, интиқол ба вазифаи каммаош ва ё пасттар, инчунин дигар муҷозотҳоро дар назар доранд.

Идоракунии самарабахши кормандон бидуни низоми ҳавасмандкунӣ, ки муносибати байни кормандон ва корхонаро муайян мекунад, ғайриимкон аст. Роҳбарони дохилӣ воситаи ягонаи ҳавасмандгардонии кори пурсамарро маоши муносиб дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи тарифӣ ва музди меҳнат медонанд. Аммо, таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон чунин муносибати яктарафа ва содда кардашударо рад мекунад. Албатта, нусхабардории кӯр-кӯрона аз таҷрибаи Аврупои Ғарбӣ ё Ҷопону давлатҳои Осиё роҳи ҳалли муаммо буда наметавонад. Аммо унсурҳои алоҳидаи низоми ҳавасмандгардонӣ ва мукофотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ комилан татбиқшаванда мебошанд. Тамоюлҳои муосири ташаккули низомҳои хориҷии ҳавасмандгардонии меҳнат дар расми 1.3.2. нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, амсилаҳои маъмули ҳавасмандгардонии кормандон аз ҷониби корхонаҳои Ҷопон, ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Федератсияи Россия, Шветсия таҳия ва бомуваффақият татбиқ карда мешаванд. Метавон муқоиса ва хулосабарорӣ намуд, ки кадом низоми ҳавасмандгардонӣ самараноктар аст, роҳбарони хориҷӣ ба чӣ диққат медиҳанд ва чӣ гуна таҷрибаи пешқадамро дар воқеиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кардан мумкин аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд барномаҳои стандартии ҳавасмандгардонии кормандон низ амал менамоянд, ки муҳимтарини онҳо дар расми 1.3.3. ба низом дароварда шудаанд.

Яке аз барномаҳои стандартии ҳавасмандгардонии меҳнат, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ амал менамояд, барномаи иштирок дар фоидаи корхона мебошад. Дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдкарда иштироки кормандон барои бадастории фоида яке аз усулҳои пурқуввати ҳавасмандгардонӣ маҳсуб меёбад.

**БАРНОМАҲОИ СТАНДАРТИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРМАНДОН**

1. Барномаи иштирок дар фоидаи ширкат
2. Барномаи ҳавасмандгардонӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайяншуда
3. Барномаи ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои инфиродӣ
4. Барномаи ҳавасмандгардонӣ барои ноилгардӣ ба мақсадҳои дарозмуҳлат
5. Саҳмияҳо ва шартномаҳои хариди онҳо
6. Барномаи ҳавасмандгардонии кӯтоҳмуҳлат (мукофотонии солона) бо истифодаи нишондиҳандаҳои калидии самаранокии корҳо

**Расми 1.3.3.** Барномаҳои стандартии ҳавасмандгардонии кормандон
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 189: Попова И.Г. Зарубежные схемы материального стимулирования труда // Экономический вестник университета. Сборник научных трудов ученых и аспирантов. 2012. №18-2. URL: https://cyberleninka. ru/ article/n/zarubezhnye-shemy-materialnogo-stimulirovaniya-truda (дата обращения: 17.09.2022).

Ҳавасмндгардонӣ аз тариқи татбиқи барномаҳои мазкур ба таври васеъ дар Ҷопон, ИМА, Англия ва Шветсия ба чашм мерасад.

Дар амалияи хориҷӣ се низоми иштирок дар фоидаи корхонаро аз ҳам фарқ менамоянд[47]:

1. Низоми Скенлон;

[47] Попова И.Г. Зарубежные схемы материального стимулирования труда // Экономический вестник университета. Сборник научных трудов ученых и аспирантов. 2012. №18-2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnye-shemy-materialnogo-stimulirovaniya-truda (дата обращения: 17.09.2022

2. Низоми Раккер;

3. Низоми коркарднамудаи М. Фейн.

Низоми Скенлон ба тақсимоти сарфаи хароҷоти музди меҳнат байни кормандон ва корхона нигаронида шудаааст, ки дар натиҷаи баландшавии ҳосилнокии меҳнат ба даст оварда мешавад. Моҳияти низоми мазкур дар коҳишдиҳии ҳиссаи хароҷоти музди меҳнат дар арзиши аслии маҳсулот ифода меёбад.

Низоми Раккер ба мукофотонии кормандон дар натиҷаи зиёдшавии ҳаҷми шартан холиси маҳсулот ба як доллар музди меҳнат асос меёбад.

Низоми М. Фейн ба мукофотонии кормандон барои сарфаи вақти корӣ, ки барои истеҳсоли ҳаҷми муайяни маҳсулот масраф мешавад, нигаронида шудааст.

Барномаи дигари ҳавасмандгардонии кормандони корхона дар сатҳи ҷаҳонӣ аз сатҳи ноилгардӣ ба мақсадҳои муайяншуда вобаста мебошад. Аз чунин барномаи ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоби миёна 61%-и ширкатҳо истифода менамоянд. Пардохти мукофотпулиҳо дар асоси якчанд меъёрҳо амалӣ карда мешавад, аз ҷумла: нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои сифатӣ, баҳодиҳии кормандон ва меъёрҳои дигар. Дар доираи барномаи мазкур ҳар як корхона имконият дорад, ки меъёрҳои баҳодиҳии худро истифода намояд. Барномаи мазкур ба таври васеъ дар Британияи Кабир мавриди истифода қарор мегирад.

Барномаи ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои инфиродӣ ба муайян намудани нуфузи кормандони алоҳида нигаронида шудааст. Барномаи мазкур ҳавасмандгардониҳоро дар намуди мукофотпулиҳои махсус, пардохҳои пулӣ ба кормандон баҳри навовариҳо ва дигар натиҷаҳои мусбии меҳнатӣ пешбинӣ менамояд. Аз ин намуди барномаҳо корхонаҳои Ҳолландӣ ба таври васеъ истифода менамоянд.

Барномаи ҳавасмандгардонии ноилгардӣ ба мақсадҳои дарозмуҳлат рушди корхонаро барои давраи дуру дароз муайян менамояд. Дар қисми зиёди ширкатҳои Аврупои Ғарбӣ барои давраи дарозмуҳлат (маъмулан барои ҳар 5

сола) барои азхудкунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти навин фонди мукофотонӣ ташкил менамоянд. Ҳаҷми фонди мазкур бевосита аз ҳисоби фоидае, ки дар натиҷаи фурӯши маҳсулоти навин ба даст оварда мешавад, вобаста мебошад.

Саҳмияҳо ва шартномаҳои хариди онҳо яке аз низомҳои ҳавасмандгардонии сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Дар низоми мазкур кормандон на дар намуди маблағҳои пулӣ ҳавасманд гардонида мешаванд, балки бо қарори Шӯрои директорони ширкат ба онҳо ба таври бебозгашт шумораи муайяни саҳмияҳо бо нархҳои имтиёзнок дода мешавад. Вариантҳои нисбатан мукаммали низоми ҳавасмандгардонии мазкур дар Британияи Кабир ба таври фаъол амал менамоянд.

Барномаи ҳавасмандгардонии кӯтоҳмуҳлат (мукофотонии солона) бо истифодаи нишондиҳандаҳои калидии самаранокии корҳо бештар дар кишварҳои рушдкарда, аз ҷумла дар Голандия, Шветсия, Олмон ва Фаронса татбиқ мешавад. Мукофотонии кӯтоҳмуҳлат дар асоси рӯйхати ҳайати захираҳои меҳнатии корхона ба ҳамаи кормандон пардохта мешавад, аз ҷумла ба кормандоне, ки зиёда аз се моҳи тақвимӣ дар корхона фаъолият кардаанд, кормандоне, ки давоми соли ҳисоботӣ бинобар сабаби дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ дар корхона пурра фаъолият накардаанд, кормандоне, ки ба нафақа баромадаанд, инчунин ба кормандоне, ки дар натиҷаи ихтисори воҳидҳои корӣ, ба охир расидани муҳлати шартномаи меҳнатии таъҷилӣ, интиқол ба дигар корхона, сабукдӯш гардиданд, кормандони дар рухсатии ҳомиладорӣ қарор дошта, таваллуд ва нигоҳубини кӯдак қарордошта, ки ба кори корхона банд нестанд ва дигар кормандон.

Тавсияҳои амалӣ аз натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ дар самти ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ва баландбардории самараи меҳнат дар корхона:

1. Ҷорӣ намудани низоми ҷадвали кории тағйирпазир, яъне ҷадвали корие, ки ба кормандон имконият диҳат, то онҳо озодона вақти кории худро ихтиёрдорӣ кунанд. Ҷадвали мазкур бояд барои таъмини фароғати корманд, аз байн бурдани шиддати баланди корӣ ва ҳалли мушкилоти маишӣ

мусоидаткунанда бошад. Хотирнишон бояд кард, ки ин низом амалан дар ҳама ширкатҳои кишварҳои ғарбӣ вуҷуд дорад;

2. Ҳифзи имкониятҳои кормандон, яъне корхона барои иҷрои кори муайян бояд ба кормандони худ то ҳадде имконият диҳад, ки онҳо қобилияти иҷрои корро дошта бошанд. Вақти зиёдатии кориро бошад, корманд бояд бо хоҳиши худ истифода кунад;

3. Пардохти корхона барои дилхоҳ амали босамари корманд. Корхона бояд ҳама ташаббусу пешниҳодҳои муфиди кормандонро қабул намуда, фавран ба онҳо подоши муносиб диҳад;

4. Иловапулӣ ва ё мукофот барои кормандоне, ки тамоку истеъмол намекунанд. Ҷорӣ намудани низоми пардохти ҳармоҳа барои ин табақаи кормандон дар ҳаҷми фоизи муайян, ва ё мукофотонидани онҳо. Ин намуди ҳавасмандгардонӣ дар қисми зиёди ширкатҳои кишварҳои Ғарб ҷорӣ буда, аз ду сарчашма пардохта мешавад: а) аз ҳисоби кормандоне, ки тамоку истеъмол менамоянд; б) аз ҳисоби фонди махсус;

5. Ҷорӣ намудани аттестатсияи ҳарсолаи кормандон дар асоси барномаҳои махсус ва бо истифодаи методикаи баҳодиҳии сатҳ ва сифати меҳнати кормандон дар давоми сол. Вобаста ба натиҷаи аттестатсияи гузаронидашуда, бояд кормандон аз як сатҳ ба дигар сатҳ гузаронида шаванд. Аттестатсяи мазкур дар ҳама ширкатҳои Ҷопонӣ (2 маротиба дар як сол) ва қисми зиёди ширкатҳои Аврупои Ғарбӣ (1 маротиба дар як сол) гузаронида мешавад;

6. Ташкил ва баргузории озмуни ҳарсолаи маҳорати касбӣ. Чун қоида, озмун бояд аз рӯи касбҳои алоҳида гузаронида шавад ва ғолиб бо мукофоти гаронбаҳо сарфароз гардонида шуда, миёни коллективи кормандони корхона шӯҳратманд мегардад. Ин намуди ҳавасмандгардонӣ аслан дар ИМА рушд кардааст.

Дар шароити корхонаҳои саноатии манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳавасмандгардониҳои анъанавӣ мавриди истифода қарор мегиранд, аз ин рӯ, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддӣ масалан, дар шароити корхонаҳои саноатӣ то андозае мушкил мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки усулҳо ва роҳҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои хориҷӣ нисбат ба корхонаҳои ватанӣ гуногунанд. Равиши ғарбӣ ҳавасмандгардонии молиявӣ, моддӣ ва ғайримоддиро дар бар мегирад. Бисёр унсурҳои муносиби ин низомҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус ҳангоми рушди иқтисодиёти бозорӣ метавон истифода бурд.

Ошкор карда шуд, ки истифодаи таҷрибаи хориҷии низоми ҳавасмандгардонии меҳнати мамлакатҳои пешрафтаро дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таъмин намудан то андозае ғайриимкон (камтаъсир) мебошад. Сабаби асосии ҳолати мазкур дар сатҳи қаноатбахш рушд накардани муносибатҳои иқтисодӣ ва ба таври кофӣ ташаккул наёфтани сохтори хоҷагидорӣ мебошад. Қонунгузории соҳа низ механизмҳои мушаххаси иштироки кормандонро дар тақсимоти фоида муқаррар намекунад, ки ҷой доштани ин ҳолат истифодаи таҷрибаи хориҷиро ба таври дигар талаб менамояд.

Дар шароити кунунии корхонаҳои саноатии вилоят истифодаи васеи имкониятҳои баландбардории самаранокӣ ва рақобатпазирӣ, фароҳам овардани имконияти озод дар қабули қарорҳои истеҳсолӣ, танзими фаъолияти хориҷӣ дар самти таъмини маҳсулоти саноатӣ ба манфиати молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ташкил ва роҳандозии стратегияи минтақавии рушди истеҳсолоти миллӣ ва ба таври васеъ истифодабарии технологияҳои муосирро зарур мешуморем.

Дар шароити корхонаҳои саноатии манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳавасмандгардониҳои анъанавӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ҷорӣ намудани таҷрибаи баъзе аз кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣи рушдкарда оид ба ҳавасмандгардонии моддӣ то андозае мушкил мебошад. Масалан, дар шароити корхонаҳои саноатии вилоят бе бунёди шароити созгор якбора ҷорӣ намудани низоми Раккер, ки ба тақсимоти 75%-и фонди аз ҳисоби истеҳсоли холис ташаккулёфта асос меёбад, номумкин аст. Аз тарафи дигар, ҳолати молиявии корхонаҳои вилояти Хатлон, ки чандон устувор ба назар намерасад,

эҳтимолияти пайдоиши мушкилоти норасоии воистаҳои ҳавасмандгардонӣ дар назар аст. Ҳамчунин, бо назардошти имкониятҳои нисбатан маҳдуд кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар фоидаи корхона иштирок карда наметавонанд, бунёди шароитҳо дар ин самт низ амри зарурӣ мебошад.

## Хулосаи боби I.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти дар боби якӯм анҷом додашуда ба мо имконият дод, то хулосаю пешниҳодҳои зерини хусусияти навгонидоштаро таҳия намоем:

1. Муайян гардид, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнатии кормандон ҷараёне мебошад, ки дар натиҷаи созиши дуҷониба ба миён меояд, ки истифодабарии фаъолонаи нерӯи меҳнатиро таъмин намуда, барои рушди фаъолияти корхона мусоидат мекунад.

2. Дар баробари ташаккул ва дигаргуншавиҳои муносибатҳои меҳнатӣ, алалхусус, ворид гардидани имкониятҳои инноватсионӣ ба ҷараёни меҳнат, низом ва механизми подошдиҳии меҳнат ва самараи он низ тағйир меёбанд. Рушди иқтисодиёт аз мавқеи инноватсионӣ ҳолатеро ба миён меорад, ки таъмин намудани самараи меҳнат танҳо бо истифодаи музди меҳнат ғайриимкон мегардад, яъне дар шароити кунунӣ афзоиши ҳосилнокии меҳнат аз қонеъ намудани талаботи моддӣ ва ғайримоддии кормандон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, муҳим аст, то фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳо намуд ва шаклҳои мухталифи ҳавасмандгардониро фарогир бошад.

3. Ошкор карда шуд, ки бо пешрафт ва рушди навгониҳои гуногун зарурати коркард ва истифодаи низоми нав ва мукаммали ҳавасмандгардонии кормандон ба вуҷуд меояд. Дар чунин шароит набояд низоми ҳавасмандгардонии қаблӣ пурра аз байн бурда шавад, балки унсурҳои муҳими он то ҳадди имкон дар низоми навин истифода карда шаванд. Низоми ҳавасмандгардонии меҳнат маънои дутарафа дорад, яъне аз як тараф, кормандро ҳавасманд менамояд, то рушди шахсият ва пешрафти худро дар корхона таъмин кунад ва аз дигар ҷиҳат, натиҷаи фаъолияти пурсамари кормандон ба рушди корхона мусоидат менамояд.

4. Дар натиҷаи омӯзиш ва баҳодиҳии аҳроми ниёзҳои инсонӣ, ки аз ҷониби А.Х. Маслоу коркард шудааст, муайян карда шуд, ки асоси қонеъкунии маҷмӯи

талаботи захираҳои меҳнатиро дар корхона воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ташкил менамоянд. Бинобар ин, рӯйи кор овардани низоми ҳавасмандгардонии комил дар корхона, ки дар навбати аввал, барои қонеъ намудани талаботи моддӣ ва баъдан барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти маънавии коргарон мусоидат менамояд, зарур мебошад.

5. Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дорои қонуниятҳое мебошад, ки асоси онҳоро мунтазамӣ ва ҳаҷми қаноатбахши подоши моддӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, тавсия менамоем, ки низоми ҳавасмандгардонии моддии корхона доимоамалкуанда бошад ва воситаҳои ҳавасмандгардонӣ талаботи моддии кормандонро ба пуррагӣ қонеъ намоянд.

6. Истифодаи самтҳои имконпазири таҷрибаи давлатҳои тараққикардаро бо мақсади мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии минтақа муҳим меҳисобем. Масалан, бо мақсади дар ширкат нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш истифодаи амсилаи амрикоӣ- «низоми дусамта дар мартаба» мувофиқи мақсад мебошад, ки аз инҳо иборат аст: а) пешравии маъмурӣ-вазифавӣ; б) афзоиши тадриҷии моҳона то сатҳи музди маоши роҳбариятро истифода намудан. Муайян карда шуд, ки дар сатҳи минтақа низоми мукофотпулии дастаҷамъона, яъне низоми ҳавасмандгардонии "Скенлон" ва низоми "Раккер", ки баръакси низоми «Скенлон» мебошад, (мукофотпулии дастаҷамъонаро пешбинӣ намекунад) имконияти роҳандозӣ доранд.

7. Бо мақсади коҳиш додани кӯчиши қувваи корӣ метавон дар фаъолияти ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодии минтақаҳо амсилаи ҷопониро роҳандозӣ намуд. Тибқи амсилаи мазкур корхонаҳои минтақаро зарур, ки барои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ кафолат диҳанд ва бо мақсади ҷилвагирӣ намудани рафтани кормандон ба дигар корхонаҳо аз низоми ҳавасмандгардонии меҳнат, ки бар собиқаи кории корманд асос меёбад, истифода намоянд.

8. Бо назардошти шароити корхонаҳои минтақаҳо метавон амсилаи Аврупои Ғарбиро истифода намуд, ки он ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро бо се тарз: а) ҳавасмандгардонӣ бе амалкарди мукофотдиҳӣ (танҳо пардохти музди меҳнат); б) ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он аз ҳаҷми даромад ва ё фоидаи корхонаи вобаста аст (иштироки кормандон дар

фоидаи корхона); в) ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он аз натиҷаҳои инфиродии меҳнатӣ вобаста аст, амалӣ менамояд. Инчунин бо мақсади ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон, ки ба тахассусмандии воқеии онҳо вобаста мебошад, метавон аз амсилаи Аврупои Ғарбӣ ва Федератсияи Россияро истифода намуд.

9. Таҷрибаи ИМА ва Ҷопон, ки ба самти рушди ташаббускорӣ, мустақилияти эҷодии кормандон ва имкониятҳои васеи рушди фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст, дар шароити корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти татбиқшавиро низ дорад. Чунки қонунгузории соҳаи меҳнат дар ҷумҳурӣ ба самти дастгирӣ ва рушди озодонаи фаъолиятҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст. Бозори меҳнати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷарёни рушд қарор дорад, аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи Ҷопон, ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Федератсияи Россия, Шветсия қобили қабул мебошад.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР, МУАММОҲО ВА ОМИЛҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Тавсифи умумии ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноати вилояти Хатлон

Сатҳи қаноатмандии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ аз устувории нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳа вобаста мебошад, яъне сатҳи мусбии нишондиҳандаҳои мазкур мукаммал будани низоми ҳавасмандгардониро нишон медиҳад ва-баръакс. Барои исботи ин гуфтаҳо рақамҳои омориро ҷиҳати баҳодиҳии рақобатпазирии соҳаи саноат аз мавқеи бунёди заминаҳои иқтисодию иҷтимоии ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ дида мебароем.

Рақамҳои омори расмӣ нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои микдорию сифатии соҳаи саноат дар вилояти Хатлон тамоюли афзоишёбӣ доранд. Дар тӯли солҳои 2014-2021 шумораи коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии фаъолияткунанда дар сатҳи ҷумҳурӣ мунтазам афзоиш ёфта, ба зиёда аз 2594 адад расидааст, ки аз ин ҳисоб 710 адад ва ё 27,4%-и он ба вилояти Хатлон рост меояд[48]. Дар солҳои таҳлилшуда рушди соҳаи саноат дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба чашм расида, дар вилоят ба ҳисоби миёнасолона дар сатҳи 16,0% таъмин гардидааст. Ҳиссаи вилоят дар сохтори саноати кишвар дар ин давра 26,3%-ро ташкил кардааст. Новобаста ба сатҳи мусбии нишондиҳандаҳои зикршуда, музди меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи нокифоя боқӣ мондаанд.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки тамоюли рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои саноати вилоятро нишон медиҳад, сатҳи таъмини шуғли аҳолӣ мебошад (ҷадв. 2.1.1.).

---

[48] https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/15484-dar-toikiston-ami-istesoli-masuloti-sanoat-18-afzud.html

**Ҷадвали 2.1.1. -Таъмини шуғли аҳолии вилояти Хатлон дар соҳаҳои саноат, ҳазор нафар.**

| Солҳо / Шуғл дар соҳаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 бо % нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 2015 | 2020 |
| Шумораи миёнасолонаи машғулин дар иқтисодиёти вилоят | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 120 | 102 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| Саноати маснуотбарор | 9,0 | 9,0 | 10,6 | 10,3 | 9,5 | 9,3 | 10,7 | 120 | 115 |
| Саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал | 2,6 | 2,7 | 1,9 | 1,9 | 1,8 | 1,9 | 2,3 | 88,4 | 121 |
| Саноати таъминоти барқ, газ ва об | 7,0 | 6,0 | 5,9 | 5,5 | 5,6 | 5,9 | 4,2 | 60,0 | 71,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.- С.66.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.1 дида мешавад, ки соҳаҳои саноат дар таъмини шуғли аҳолии вилоят ҳиссаи на он қадар назаррас доранд. Сабаби асосии ҷой доштани ҳолати мазкур, дар навбати аввал, рушди нисбатан нокифояи инфрасохтори соҳа, ба монанди шумораи назарнораси корхонаҳои саноатӣ ва баъдан, то андозае тамоюли коҳишёбӣ доштани ҳиссаи меҳнати дастӣ маҳсуб меёбанд. Яке аз соҳаҳои саноати вилоят, ки дар тӯли солҳои таҳлилшуда (2015-2021) дар таъмини шуғли аҳолӣ то андозае ҳиссаи назаррас дорад, саноати коркард мебошад (таъмини шуғл дар ҳадди 2,8%-и миёнасолона). Ҳамин тавр, аз рақамҳои овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити вилояти Хатлон таъмини рушди иқтисодии соҳаҳои саноат метавонад барои афзоиши манфиатҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа мусоидат намояд.

Дигар нишондиҳандае, ки тамоюли он рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои саноатро дар минтақа ифода менамояд, истеҳсолоти намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ мебошад (ҷадв. 2.1.2.).

## Ҷадвали 2.1.2. - Истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон

| Солҳо / Номгӯи маҳсулот | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 бо маротиб нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | 2014 | 2020 |
| Трансфарматорҳои қуввагӣ, ҳаз. киловат ампер | 11,2 | 28,4 | 45,9 | 96,4 | 105,0 | 104,1 | 122,2 | 92,1 | 8,2 | 0,7 |
| Хишти бинокорӣ, млн. дона хишти шартӣ | 6,6 | 6,1 | 8,5 | 7,3 | 12,3 | 11,0 | 13,5 | 13,7 | 2,1 | 1,0 |
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 69,3 | 64,3 | 53,4 | 70,9 | 55,0 | 55,4 | 57,6 | 55,6 | 0,8 | 0,9 |
| Калобаи пахтагин, ҳазор тонна | 0,7 | 0,4 | 2,6 | 8,8 | 14,4 | 17,4 | 14,1 | 17,8 | 25,4 | 1,3 |
| Гӯшт (ҳамроҳи кала-почаи навъи 1), ҳаз. тонна | 14,0 | 13,8 | 15,5 | 16,3 | 24,8 | 26,5 | 29,0 | 30,8 | 2,2 | 1,1 |
| Маҳсулоти ҳасибӣ, тонна | 316 | 283 | 233 | 313 | 300 | 393 | 400 | 449 | 1,4 | 1,1 |
| Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир, ҳаз. тонна | 0,9 | 0,9 | 1,1 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,9 | 2,0 | 2,2 | 1,05 |
| Равғани растанӣ, ҳаз. тонна | 6,6 | 5,0 | 5,1 | 6,7 | 9,3 | 12,2 | 12,8 | 14,5 | 2,2 | 1,1 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2021.– С.407.; омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2022.– С.259.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.2. дида мешавад, ки дар тӯли солҳои таҳлилшуда ҳаҷми истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатии вилоят дар ҳолати динамикӣ қарор дошта, дар маҷмӯъ, тамоюли мусбиро соҳиб мебошад. Аммо дар ин давра (2014-2021) тамоюли ҳаҷми истеҳсоли тарнсфарматорҳои қуввагӣ ва калобаи пахтагин нисбатан қаноатбахш буда, ба ҳисоби миёнасолона мувофиқан 90,3% ва 441,1% афзоиш ёфтаанд. Дар баробари ҷой доштани ҳаҷми қаноатбахши истеҳсоли баъзе номгуйи маҳсулоти саноатӣ ҳаҷми истеҳсолоти баъзе аз онҳо назаррас нест, аз ҷумла нахи пахта (-2,5%-и солона) ва маҳсулоти ҳасибӣ (5,3%-и солона). Новобаста аз он, ки талабот ба номгуйи маҳсулоти болозикр ҳамасола афзоиш меёбад, аммо ҳаҷми истеҳсоли баъзе аз онҳо (нахи пахта, маҳсулоти ҳасибӣ, равғани растанӣ ва ғ.) дар сатҳи лозимӣ таъмин карда нашудааст. Ҳолати мазкур талаботро ба молу

маҳсулоти саноатии воридотӣ зиёд намуда, боиси афзоиши сатҳи нархҳо гардидааст. Аз рақамҳои овардашуда чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки истеҳсоли саноатии минтақаи Хатлон аз руйи номгуйи зиёди молҳо то кунун наметавонад талаботи дохилиро ба нархҳои бозорӣ таъмин намояд. Вобаста ба ин, рушди корхонаҳои саноатии вилоятро аз мавқеи афзоиши ҳосилнокии меҳнат зарур мешуморем.

Қобили зикр аст, ки соли 2021 маҳсулоти саноатии вилоят ба 222 номгӯй расонида шуд. Корхонаҳои нассоҷии вилоят тавонистанд дар ин давра истеҳсоли маҳсулотро ба 2390,5 миллион сомонӣ расонанд, ки нисбат ба соли қаблӣ зиёд мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока ва нӯшокиҳо низ дар вилоят соли 2021 ба 1,5 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2020 132,7 миллион сомонӣ ва ё 109,7% зиёд мебошад[49].

Ҳиссаи вилояти Хатлон дар сохтори истеҳсоли пиллаи ҷумҳурӣ назаррас буда, тибқи маълумоти оморӣ солҳои таҳлилшуда, аз ҷумла дар мавсими соли 2021 ҳиссаи кирмакпарварони вилоят дар маҷмӯи истеҳсоли сатҳи ҷумҳурӣ 48,1%-ро ташкил намуд[50].

Маъмулан, иқтидори инфрасохтори истеҳсоли саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баробар нест, аз ин рӯ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ дар онҳо баробар буда наметавонад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти  саноатии вилоятро дар шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи он  дида мебароем (ҷадв. 2.1.3.).

---

[49] https://sputnik-tj.com/20220119/istehsoli-mahsuloti-sanoati-dar-hajmi-besh-az-10-milliard-somoni-dar-khatlon-1044933075.html
[50] https://www.mfa.tj/tg/paris/view/9654/sanoat

**Ҷадвали 2.1.3. -Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 бо маротиб нисбат ба 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **в. Хатлон-ҳамагӣ** | **4534,4** | **5321,0** | **5297,4** | **6767,0** | **7653,0** | **8900,0** | **8998,0** | **10333** | **2,3** |
| ш. Бохтар | 168,2 | 170 | 165,6 | 180 | 185 | 220 | 227 | 273,9 | 1,6 |
| ш. Левакант | 171,6 | 205 | 204,8 | 235 | 245 | 260 | 261 | 291,0 | 1,7 |
| ш. Кӯлоб | 148,1 | 181 | 196,9 | 204 | 229 | 287 | 290 | 319,0 | 2,1 |
| ш. Норак | 1495,4 | 1675 | 1555,2 | 1806 | 2109 | 2423 | 2421 | 2486 | 1,7 |
| н. Кушониён | 167,6 | 193 | 185,5 | 205 | 241 | 250 | 291 | 353,4 | 2,1 |
| н. Вахш | 108,4 | 107 | 106,1 | 156 | 165 | 155 | 175 | 225,5 | 2,1 |
| н. Хуросон | 142,0 | 117 | 115,1 | 201 | 157 | 166 | 168 | 211,4 | 1,5 |
| н. Дӯстӣ | - | 119 | 94,7 | 150 | 186 | 211 | 157 | 236,0 | 2,0* |
| н. Қубодиён | 48,5 | 87 | 85,4 | 88 | 101 | 115 | 128 | 144,6 | 3,0 |
| н. Ҷ. Балхӣ | 109,7 | 124 | 138,7 | 144 | 119 | 178 | 193 | 211,6 | 1,9 |
| н. А. Ҷомӣ | 99,9 | 103 | 100,3 | 112 | 113 | 137 | 138 | 188,7 | 1,9 |
| н. Ҷайҳун | 86,9 | 91 | 100,9 | 116 | 96 | 111 | 104 | 124,0 | 1,4 |
| н. Панҷ | 67,6 | 72 | 70,2 | 79 | 87 | 104 | 113 | 121,3 | 1,8 |
| н. Шаҳритус | 115,2 | 124 | 105,4 | 110 | 150 | 176 | 188 | 282,2 | 2,4 |
| н. Ёвон | 446,1 | 798 | 869,4 | 1074 | 1339 | 1587 | 1575 | 1677 | 3,7 |
| н. Н. Хусрав | - | 10 | 10,8 | 14 | 13 | 21 | 32 | 19,8 | 2,0* |
| н.Муъминобод | - | 9 | 9,1 | 9 | 10 | 27 | 28 | 34,5 | 3,8* |
| н. Восеъ | 84,7 | 92 | 89,5 | 93 | 94 | 106 | 108 | 130,0 | 1,5 |
| н. Ҳамадонӣ | 70,6 | 73 | 68,2 | 80 | 85 | 126 | 137 | 162,8 | 2,3 |
| н. Фархор | 103,6 | 122 | 118,1 | 125 | 137 | 149 | 169 | 213,9 | 2,1 |
| н. Темурмалик | - | 11 | 11,3 | 11 | 12 | 18 | 18 | 19,8 | 1,8* |
| н. Данғара | 331,6 | 546 | 669,1 | 1233 | 1431 | 1692 | 1681 | 2191 | 6,6 |
| н. Ховалинг | 211,1 | 250 | 304,7 | 292 | 304 | 327 | 354 | 321,2 | 1,5 |
| н. Ш. Шоҳин | - | 28 | 32,4 | 36 | 29 | 35 | 24 | 74,2 | 2,6* |
| н. Балчувон | 20,8 | 14 | 11,3 | 15 | 15 | 19 | 18 | 20,2 | 0,97 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори расмии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.123-124.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.3. дида мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2014-2021 тамоюли мунтазами зиёдшавӣ дошта, ба ҳисоби миёна ҳамасола 16,0% афзоиш ёфтааст. Маълумоти омории овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сатҳи минтақа шаҳру ноҳияҳои дорои иқтидори калони истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ шаҳри Норак ва ноҳияҳои Ёвон ва Данғара мебошанд, ки ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи истеҳсолоти саноатии минтақа

ба ҳисоби миёна мувофиқан 26, 19 ва 17%-ро ташкил медиҳад. Афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ бошад, дар давоми солҳои таҳлилшуда дар ноҳияи Данғара (70,1%-и солона) ва ноҳияи Ёвон (34,5%-и солона) ҷой дорад. Бо мақсади афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақаи Хатлон аз ҳисоби дигар шаҳру ноҳияҳо зарур мешуморем, то инфрасохтори истеҳсолоти саноатӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла дар ноҳияҳои Н.Хусрав, Темурмалик, Балҷувон, Муъминобод ва Ш. Шоҳин бунёд карда шавад. Чунки ҳиссаи ноҳияҳои мазкур дар тӯли солҳои 2014-2021 дар маҷмӯи истеҳсолоти саноатии вилоят нисбатан назарнорас буда, ба ҳисоби миёна танҳо 1,6%-и онро ташкил менамояд. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ боиси таъсиси садҳо адад ҷойи корӣ ва бунёду азнавсозии корхонаву коргоҳҳои саноатӣ дар вилоят гардид. Танҳо дар 6-моҳи соли 2022 дар ҳудуди вилоят ба маблағи 4316,2 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 13,5 % зиёд мебошад[51].

Бояд қайд намуд, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар вилоят зиёда аз 531 корхонаи нави саноатӣ бунёд гардида, миқдори онҳо аз 75 корхонаи саноатии соли 1991 ба 606 корхона-дар соли 2020 расонда шудааст[52]. Танҳо давоми солҳои 2015-2020 дар ҳудуди вилоят 291 корхонаву коргоҳҳои саноатии нав бо фарогирии 6900 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуданд. Корхонаҳои саноатии вилоят дар таъмини шуғли аҳолӣ ҳиссаи назаррас дошта, шумораи кормандони онҳо нисбат ба соли 1991 ду баробар афзоиш ёфтааст.

Агар ҳаҷми истеҳсоли саноатии вилоятро дар солҳои охир ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ муқоиса намоем, афзоиши мусбии он мушоҳида мегардад. Масалан, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят давоми солҳои 2000-2021 ба андозаи 9,4 баробар афзоиш ёфта, аз 1100,0 миллион сомонии соли 2000 то ба 10333,0 милион сомонӣ-дар соли 2021 расонда

---

[51] Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳаҷми беш аз 10 миллиард сомонӣ дар Хатлон / Захираи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: https://sputnik-tj.com/20220119/istehsoli-mahsuloti-sanoati-dar-hajmi-besh-az-10-milliard-somoni-dar-khatlon-1044933075.html (санаи муроҷиат 2.02.2023)

[52] Дар Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 18% афзуд / Сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/15484-dar-toikiston-ami-istesoli-masuloti-sanoat-18-afzud.html (санаи муроҷиат 7.02.2023)

шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар сохтори истеҳсолии саноати вилоят ҳиссаи маҳсулоти саноати коркард-52,6%, истеҳсоли нерӯи барқ, нафту газ-43,5% ва саноати истихроҷи маъдан-3,9%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.4. - Қарзҳои дебиторӣ ва кредитории корхонаҳои саноатии вилоят**

| Солҳо / Қарзҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014 бо маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои дебитории I., ҳаз. сомонӣ | 254092,6 | 294177,0 | 617178,8 | 823498,0 | 847445,2 | 825073,5 | 1067950,6 | 1016726,6 | 4,0 |
| Қарзҳои дебиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои I., сомонӣ | 1,5 | 0,6 | 0,7 | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 1,3 | 0,6 | 0,4 |
| Қарзҳои дебитории II., ҳаз. сомонӣ | 7673,3 | 59678,6 | 17059,7 | 25807,0 | 8331,9 | 15861,1 | 22658,5 | 234822,6 | 30,6 |
| Қарзҳои дебиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои II., сомонӣ | 3,1 | 6,1 | 3,5 | 1,4 | 0,3 | 0,5 | 0,8 | 12,9 | 4,2 |
| Қарзҳои дебитории III., ҳаз. сомонӣ | 471546,2 | 534744,4 | 811917,0 | 1019705,1 | 1165386,6 | 1410481,9 | 1580667,5 | 68716,9 | 0,1 |
| Қарзҳои дебиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои III., сомонӣ | 4,2 | 7,6 | 4,2 | 4,0 | 4,8 | 6,0 | 10,3 | 0,3 | 0,07 |
| Қарзҳои кредитории I., ҳаз. сомонӣ | 384001,6 | 474585,7 | 1886909,5 | 1863714,4 | 1530505,7 | 1975562,2 | 3224758,6 | 3988691,1 | 10,4 |
| Қарзҳои кредиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои I., сомонӣ | 2,3 | 0,9 | 2,3 | 2,2 | 1,5 | 1,9 | 3,8 | 2,2 | 0,9 |
| Қарзҳои кредитории II., ҳаз. сомонӣ | 5724,8 | 18313,6 | 39145,0 | 43187,0 | 40316,8 | 35524,7 | 32530,2 | 803288,5 | 140,3 |
| Қарзҳои кредиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши II., сомонӣ | 2,3 | 1,9 | 8,1 | 2,3 | 1,6 | 1,2 | 1,1 | 44,1 | 19,2 |
| Қарзҳои кредитории III., ҳаз. сомонӣ | 98993,3 | 46235,0 | 820319,8 | 751160,4 | 818463,3 | 1052855,9 | 1298768,9 | 90873,8 | 0,9 |
| Қарзҳои кредиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои III., сомонӣ | 0,9 | 0,7 | 4,2 | 3,0 | 3,4 | 4,5 | 8,5 | 0,4 | 0,4 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.- С.228-239.

**Эзоҳ:** I. Корхонаҳои саноати маснуотбарор; II. Корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал; III. Корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Дигар нишондиҳандаҳое, ки рушди иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии минтақаро муайян менамоянд, қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ мебошанд. Динамикаи нишондиҳандаҳои мазкур сатҳи фаъолияти корхонаҳои саноатиро аз нигоҳи рақобатпазирии маҳсулот, гардиши сармоя ва

пардохтпазирӣ муайян менамояд. (ҷадв. 2.1.4.).

Аз рақамҳои омории ҷадвали 2.1.4. дида мешавад, ки қарзҳои дебиторӣ ва кредитории корхонаҳои саноатии аксарияти зерсоҳаҳои саноати вилояти Хатлон тамоюли мунтазами афзоишёбӣ доранд. Масалан, қарзҳои дебитории корхонаҳои саноати маснуотбарор дар давоми солҳои таҳлилшаванда (2014-2021) ба ҳисоби миёна ҳамасола 37,5% афзоиш ёфтаанд. Ин нишондиҳанда дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал афзоиш ёфта, дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об коҳиш ёфтааст. Агар қарзҳои дебиторӣ дар соли 2014 ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои корхонаҳои саноати маснуотбарор 1,5 сомонӣ рост меомад, пас ин рақам дар соли 2021 ба 0,6 сомонӣ расидааст. Ҳиссаи қарзҳои дебиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал дар солҳои аввал (2014-2017) ва соли 2021 назаррас мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об низ мусбӣ мебошад. Қарзҳои кредиторӣ низ дар аксарияти корхонаҳои саноатии минтақа тамоюли афзоишёбӣ доранд, аз ҷумла ба ҳисоби миёнасолона дар корхонаҳои саноати маснуотбарор 1,3 маротиба, дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал 17,5 маротиба ва дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об танҳо давоми солҳои 2016-2020 дар ҳади 1,6 маротиба майли афзоишёбӣ доранд. Ҳиссаи қарзҳои кредиторӣ ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои корхонаҳои зерсоҳаҳои саноат давоми солҳои 2014-2021 дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо, афзоиши қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ дар корхонаҳои зикршуда бо ду сабаб ба вуҷуд меоянд: а) афзоиши талабот ба молу маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми фурӯш; б) зиёд гардидани шарикони пардохтнопазир дар муносибатҳои хариду фурӯши молу маҳсулоти саноатӣ.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки динамикаи рушди иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои соҳаи саноатро дар минтақа нишон медиҳад, натиҷаҳои молиявӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ на танҳо рушди соҳаи саноат, инчунин мавқеи соҳаи саноатро дар иқтисодиёти минтақа ва

ҷумҳурӣ муайян менамоянд (ҷадв. 2.1.5.).

### Ҷадвали 2.1.5. -Корхонаҳои саноатии вилоят вобаста ба натиҷаҳои молиявӣ (фоида ва зарар)

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2014 бо мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Корхонаҳое, ки фоида гирифтаанд** | | | | | | | | | |
| Шумораи I., адад | 39 | 62 | 77 | 89 | 90 | 108 | 108 | 134 | 3,4 |
| Фоидаи I., ҳаз. сомонӣ | 119,9 | 270890,0 | 237213,7 | 536922,7 | 528747,7 | 592191,2 | 669646,1 | 871719,5 | 7270,4 |
| Фоида ба ҳар сари I., ҳаз. сомонӣ | 3,1 | 4369,2 | 3080,7 | 6032,8 | 5875,0 | 5483,2 | 6200,4 | 6505,4 | 2098,5 |
| Шумораи II., адад | 3 | 8 | 22 | 15 | 12 | 23 | 25 | 30 | 10,0 |
| Фоидаи II., ҳаз. сомонӣ | 12,6 | 1116,4 | 1289,4 | 5169,7 | 137774,0 | 174915,9 | 166412,8 | 51628,6 | 4097,5 |
| Фоида ба ҳар сари II., ҳаз. сомонӣ | 4,2 | 139,6 | 58,6 | 344,6 | 11481,2 | 7605,0 | 6656,5 | 1721,0 | 409,7 |
| Шумораи III., адад | 18 | 8 | 13 | 5 | 3 | 8 | 7 | 9 | 0,5 |
| Фоидаи III., ҳаз. сомонӣ | 56929,1 | 101947,9 | 369,3 | 311236,9 | 370109,3 | 334212,5 | 342148,7 | 186253,7 | 3,3 |
| Фоида ба ҳар сари III., ҳаз. сомонӣ | 3162,7 | 12743,5 | 28,4 | 62247,4 | 123369,8 | 41776,6 | 48878,4 | 20694,9 | 6,5 |
| **Корхонаҳое, ки зарар гирифтаанд** | | | | | | | | | |
| Шумораи I., адад | 96 | 45 | 56 | 46 | 53 | 69 | 65 | 58 | 0,6 |
| Зарари I., ҳаз. сомонӣ | 6482,6 | 93709,1 | 55497,6 | 15344,6 | 67615,0 | 108349,1 | 67241,0 | 25577,2 | 3,9 |
| Зарар ба ҳар сари I., ҳаз. сомонӣ | 67,5 | 2082,4 | 991,0 | 333,6 | 1275,7 | 1570,3 | 1034,5 | 441,0 | 6,5 |
| Шумораи II., адад | 14 | 7 | 12 | 15 | 17 | 13 | 11 | 18 | 1,3 |
| Зарари II., ҳаз. сомонӣ | 208,8 | 1035,3 | 2526,3 | 1542,3 | 3771,6 | 2510,2 | 747,2 | 1049,7 | 5,0 |
| Зарар ба ҳар сари II., ҳаз. сомонӣ | 14,9 | 147,9 | 210,5 | 102,8 | 221,8 | 193,1 | 67,9 | 58,3 | 3,9 |
| Шумораи III., адад | 3 | 5 | 10 | 12 | 6 | 9 | 11 | 12 | 4,0 |
| Зарари III., ҳаз. сомонӣ | 105,7 | 2291,8 | 2002,4 | 262254,3 | 1245,9 | 334,0 | 19043,0 | 26570,7 | 251,4 |
| Зарар ба ҳар сари III., ҳаз. сомонӣ | 35,2 | 458,4 | 200,2 | 21854,5 | 207,6 | 37,1 | 1731,2 | 2214,2 | 62,9 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.- С.220-225.
**Эзоҳ:** I. Корхонаҳои саноати маснуотбарор; II. Корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал; III. Корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Дар байни зерсоҳаҳои саноати вилоят, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, фоидаи зиёдтаринро бо роҳи экстенсивӣ корхонаҳои саноати маснуотбарор гирифтаанд. Новобаста аз афзоиши назарраси шумораи корхонаҳо дар саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал мунтазамии афзоишёбии фоида таъмин

карда нашудааст. Корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об тавонистаанд бо роҳи интенсивӣ афзоиши фоидаро таъмин намоянд.

Дар соли 2014, ки дар вилоят 18 адад корхонаи саноати таъминоти барқ, газ ва об фаъолият менамуд, фоидаи онҳо ба 56929,1 ҳазор сомонӣ баробар буд ва дар соли 2021, ки шумораи онҳо 9 ададро ташкил мекард, фоида ба 186253,7 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.5. бар меояд, ки шумораи корхонаҳои саноатии вилоят, ки дар давраи таҳлилшуда (2014-2021) фоида ва зарар гирифтаанд, дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дорад. Шумораи корхонаҳое, ки натиҷаҳои молиявиро мусбӣ ҷамъбаст намудаанд, бештар дар саноати маснуотбарор ва саноати таъминоти барқ, газ ва об ба таври назаррас зиёд шудаанд. Афзоиши миёнасолонаи ин корхонаҳо дар саноати маснуотбарор 30,4% ва дар саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал 112,5% ба чашм расида, дар саноати таъминоти барқ, газ ва об ба андозаи -6,25% ба таври миёнасолона коҳиш ёфтааст.

Миқдори корхонаҳои саноати маснуотбарор, ки давоми солҳои 2014-2021 зарар дидаанд, коҳиш ёфтааст, аммо новобаста ба ин, ҳаҷми зарари корхонаҳои мазкур дар аксарияти солҳои таҳлилшуда афзоиш ёфтааст. Шумораи ин категорияи корхонаҳо дар саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал дар бисёре аз солҳо коҳиш ёфта, ҳаҷми зарар зиёд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми зарар дар солҳои таҳлилшуда тағйирёбанда буда, дар ҳама зерсоҳаҳои саноати вилоят аз шумораи корхонаҳо вобастагӣ надорад. Аз ин рӯ, бо мақсади коҳиш додани шумораи корхонаҳои саноатии вилоят, ки натиҷаи молиявиро манфӣ ҷамъбаст намудаанд ва маҳдуд намудани ҳаҷми зарари молиявӣ дар фаъолияти онҳо дарёфти самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои илман асоснокро муҳим арзёбӣ менамоем.

Дороиҳои корхонаҳои саноатӣ ва тамоюли арзиши онҳо самтҳои алоҳидаи рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаро дар минтақа муайян ва пешбинӣ менамоянд. Бинобар ин, таҳлил ва баҳодиҳии дороиҳо барои дарёфти самтҳои афзалиятноки рушди имрӯзу ояндаи корхонаҳои саноатӣ мусоидаткунанда мебошад (ҷадв. 2.1.6.).

Маълумоти ҷадвали 2.1.6. нишон медиҳад, ки новобаста аз афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ, арзиши дороиҳои онҳо дар сатҳи қаноатбахш зиёд карда нашудааст ва ҳатто дар баъзе аз солҳо коҳиш ёфтааст. Новобаста аз он, ки дар шароити пешрафти илмию техникӣ корхонаҳоро зарур аст, то заминаҳои моддию техникии худро аз ҳисоби воситаҳои асосии инноватсионӣ ва пуриқтидор мустаҳкам намоянд, аммо баръакс арзиши дороиҳои онҳо дар давоми солҳои 2014-2021 кам гардидааст.

**Ҷадвали 2.1.6. –Дороиҳои корхонаҳои саноатии вилоят ва баҳодиҳии онҳо**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014 бо маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳои I., ҳаз. сомонӣ | 163284,5 | 495550,8 | 816173,5 | 852292,1 | 1016944,7 | 1026726,1 | 843264,7 | 1803513,5 | 11,0 |
| Фоида ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои I., сомонӣ | 0,001 | 0,5 | 0,29 | 0,63 | 0,52 | 0,58 | 0,79 | 0,48 | 685,7 |
| Зарар ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои I., сомонӣ | 0,04 | 0,19 | 0,07 | 0,02 | 0,07 | 0,10 | 0,08 | 0,01 | 0,25 |
| Дороиҳои II., ҳаз. сомонӣ | 2476,5 | 9750,4 | 4857,2 | 18765,5 | 24855,2 | 30142,4 | 28747,1 | 18204 | 7,3 |
| Фоида ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои II., сомонӣ | 0,005 | 0,11 | 0,26 | 0,27 | 5,5 | 5,8 | 5,8 | 2,8 | 560 |
| Зарар ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои II. сомонӣ | 0,08 | 0,10 | 0,52 | 0,08 | 0,15 | 0,08 | 0,03 | 0,06 | 0,75 |
| Дороиҳои III., ҳаз. сомонӣ | 112085,4 | 69998,2 | 193090,1 | 253046,7 | 243589,5 | 233601 | 152985,2 | 202310 | 1,8 |
| Фоида ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои III., сомонӣ | 0,51 | 1,4 | 0,002 | 1,2 | 1,5 | 1,4 | 2,2 | 0,92 | 1,8 |
| Зарар ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои III., сомонӣ | 0,001 | 0,03 | 0,01 | 1,04 | 0,005 | 0,001 | 0,12 | 0,13 | 130 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2021.- С.220-225; 240-247.

**Эзоҳ:** I. Корхонаҳои саноати маснуотбарор; II. Корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал; III. Корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Коҳишёбии арзиши дороиҳо дар давоми солҳои таҳлилшуда дар ҳама корхонаҳои зерсоҳаҳои саноат ҷой дошта, дар баъзе аз солҳо нишондиҳандаи мазкур тамоюли мусбӣ дорад. Тавре рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд,

дороиҳои корхонаҳои саноати маснуотбарор ба ҳисоби миёнасолона ба андозаи 1,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин рақам дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал 0,9 ва дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об ба 0,2 баробар аст. Ҳолати ҷойдошта боиси он гардидааст, ки истеҳсолоти саноатии вилоят нисбатан дар сатҳи ғайриқаноатбахш боқӣ мондааст.

Дар натиҷаи баҳодиҳии даромаднокии дороиҳо муайян карда шуд, ки новобаста аз коҳишёбии арзиши дороиҳо фоида ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳо дар бисёр солҳо коҳиш ёфтааст. Фоида ба 1 сомонӣ дороиҳо танҳо дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал давоми солҳои 2018-2020 ва дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об давоми солҳои 2017-2020 ба чашм мерасад. Нишондиҳандаи зарар ба 1 сомонӣ арзиши дороиҳои корхонаҳои соҳа бошад дар ҳолати динамикӣ қарор дорад.

Аз динамикаи нишондиҳандаҳои баҳододашуда маълум карда шуд, ки корхонаҳои саноатии минтақа то кунун ба дороиҳои пуриқтидори истеҳсолӣ ва дорои самаранокии сатҳи баланд таъмин нагардидаанд. Вобаста ба ин, сармоягузории корхонаҳои саноатиро аз ҳисоби захираҳои сарчашмаҳои дохилию берунӣ муҳим мешуморем.

Тавре натиҷаи таҳлилу муқоисаи рақамҳои ҷадвалҳо нишон доданд, новобаста аз он, ки дар маҷмӯъ, ҳосилнокии меҳнат давоми солҳои таҳлилшуда (2014-2021) тамоюли мусбӣ дорад, аммо бо чунин натиҷаҳо дар шароити кунунӣ рақобатпазир будани корхонаҳои саноатӣ ғайриимкон аст. Аз нигоҳи мо, дар чунин шароит барои баландбардории ҳосилнокии меҳнат низоми муносиби ҳавасмандгардонии моддии меҳнат нақши калидӣ дорад. Чунин мавқеъро Бозоров Т.Ю. ва Еремина Б.Л. низ дастгирӣ намуда, ибрози назар доранд, ки яке аз омилҳои баландбардории қобилияти кории кормандони ташкилот ин низоми босамари арзёбӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнат маҳсуб меёбад[53].

Индекси самаранокии меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои муҳими баҳодиҳии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои соҳаи саноат ба

[53] Управление персоналом: Учебник для вузов /Под ред. Т.Ю. Базарова, Б.Л. Еремина. — 2-е изд., перераб. и доп. — М: ЮНИТИ, 2002.- С.179.

ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкур имконият медиҳад, то таъсири ҳавасмандгардонии моддии кормандон ба самараи меҳнати онҳо баҳодиҳӣ карда шавад (ҷадвали 2.1.7.).

**Ҷадвали 2.1.7. - Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат, %**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 100 | 86,2 | 84,6 | 78,8 | 73,0 | 69,1 | 55,6 |
| **2016** | 116,0 | 100 | 98,1 | 91,5 | 84,7 | 80,1 | 64,5 |
| **2017** | 118,2 | 101,9 | 100 | 93,2 | 86,3 | 81,6 | 65,7 |
| **2018** | 126,8 | 109,3 | 107,3 | 100 | 92,6 | 87,6 | 70,4 |
| **2019** | 136,9 | 118,0 | 115,9 | 108,0 | 100 | 94,6 | 76,1 |
| **2020** | 144,7 | 124,7 | 122,5 | 114,2 | 105,7 | 100 | 80,5 |
| **2021** | 179,9 | 155,0 | 152,3 | 142,0 | 131,4 | 124,3 | 100 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.–С.20.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.7. дида мешавад, ки индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат дар давоми солҳои 2015-2021 дар ҳолати динамикӣ қарор дошта, дар бисёре аз солҳо манфӣ мебошад. Ҳолати мазкур аз фаъолияти ғайрисамараноки корхонаҳои саноатӣ дар самти ҳавасмандгардонии моддӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самараи меҳнат андешидани тадбирҳои таъсирбахши ҳавасмандгардниро зарур мешуморем, аз ҷумла: а) ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии моддии бар принсипи шаффофият асосёфта; б) афзоиши воситаҳои барои ҳавасмандгшардонии моддӣ сафарбаршаванда; в) ҷорӣ намудани низоми комили арзёбии натиҷанокии фаъолияти меҳнатии кормандон ва ғ.

Муайянкунии самаранокии хароҷоти музди меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои муҳими баҳодиҳии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ маҳсуб меёбад. Нишондиҳандаи мазкур имконият медиҳад, то самараи хароҷоти музди меҳнат дар натиҷаҳои молиявӣ баҳогузорӣ карда шавад (ҷадв. 2.1.8).

### Ҷадвали 2.1.8. -Самаранокии хароҷоти музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон

| Нишондиҳандаҳо / Солҳо | Шумораи кормандони корхонаҳо, ҳаз. нафар | | | Музди миёнаи меҳнати кормандон, сомонӣ | | | Натиҷаҳои молиявӣ ба ҳисоби ҳар 100 сомонӣ музди меҳнати кормандон, ҳаз. сомонӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Фоида | | | Зарар | | |
| | I. | II. | III. | I. | II. | III. | I. | II. | III. | I. | II. | III. |
| 2014 | 8,8 | 3,0 | 7,9 | 527,96 | 1187,76 | 1581,37 | 22,6 | 1,1 | 3603,1 | 1223,1 | 17,5 | 6,7 |
| 2015 | 9,0 | 2,6 | 7,0 | 765,62 | 1696,37 | 1584,72 | 35643,4 | 65,7 | 6452,4 | 12330,1 | 60,9 | 145,1 |
| 2016 | 9,0 | 2,7 | 6,0 | 967,31 | 1558,78 | 1584,81 | 24455,0 | 82,6 | 23,4 | 5721,4 | 161,9 | 126,7 |
| 2017 | 10,6 | 1,9 | 5,9 | 1112,13 | 1638,24 | 1796,10 | 48371,4 | 315,2 | 17387,5 | 1382,4 | 94,0 | 14651,1 |
| 2018 | 10,3 | 1,9 | 5,5 | 1465,51 | 2050,12 | 1978,32 | 36215,6 | 6720,7 | 18692,4 | 4631,2 | 184,0 | 62,9 |
| 2019 | 9,5 | 1,8 | 5,6 | 1520,17 | 1930,25 | 2088,28 | 38960,0 | 9063,0 | 15991,0 | 7128,2 | 130,1 | 16,0 |
| 2020 | 9,3 | 1,9 | 5,9 | 1490,51 | 2022,45 | 2281,66 | 44942,7 | 8238,3 | 15006,5 | 4512,8 | 37,0 | 831,6 |
| 2021 | 10,7 | 2,3 | 4,2 | 1574,80 | 2105,23 | 3126,05 | 55354,3 | 2452,4 | 5958,2 | 1624,2 | 49,9 | 850,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С.66-68, 220-225.

**Эзоҳ:**

I. Корхонаҳои саноати маснуотбарор;

II. Корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал;

III. Корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Аз рақамҳои ҷадвали 2.1.8. дида мешавад, ки шумораи кормандони корхонаҳои саноатии вилоят дар аксарияти солҳои таҳлилшуда тамоюли коҳишёбӣ дорад. Тавре дар боло қайд карда шуд, шумораи корхонаҳои саноатии вилоят дар бисёр солҳо кам гардидааст, аз ин рӯ, ҳолати мазкур яке аз сабабҳои коҳишёбии шумораи кормандон шуда метавонад. Сабаби дигари кам шудани шумораи кормандон прогресси илму техника мебошад, ки ихтисори бастҳои кориро дар корхонаҳои соҳа ба вуҷуд овардааст.

Тавре рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, музди миёнаи меҳнати кормандон дар давраи таҳлилшуда (2014-2021) тамоюли мунтазами афзоишёбӣ дошта, давоми ин солҳо дар корхонаҳои саноати маснуотбарор ба андозаи 3,0 маротиба, корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал 1,8 маротиба ва дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об дар ҳаҷми 2,0 маротиба зиёд шудааст.

Новобаста аз он ки ҳаҷми музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноати маснуотбарор нисбатан кам аст, аммо натиҷаҳои молиявӣ (фоида ва зарар) ба ҳисоби ҳар 100 сомонӣ музди меҳнати кормандони ин соҳаи саноат нисбат ба саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал ва саноати таъминоти барқ, газ ва об дар ҳаҷми назаррас ба чашм мерасад. Аз ин ҷо бар меояд, ки ҳавасмандгардонии моддӣ дар намуди музди меҳнат ба натиҷаҳои молиявӣ бетаъсир боқӣ мондааст. Вобаста ба ин, барои пурра намудани норасоии нерӯи музди меҳнат дар самти баландбардории самараи меҳнат ҷорӣ намудани намудҳои ҳавасмандгардонии тағйирёбандаро тавсия менамоем.

Дар шароити корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он музди меҳнати номиналӣ яке аз намудҳои муҳими ҳавасмандгардонии моддии кормандон дониста мешавад. Вобаста ба ин, ҳаҷми кифояноки музди меҳнат, ки дар ҳар гуна шароит барои таъмини сатҳу сифати зиндагии кормандон мусоидат менамояд, муҳим арзёбӣ мегардад (ҷадв. 2.1.9.).

**Ҷадвали 2.1.9. - Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодии вилоят, (сомонӣ)**

| Солҳо / Соҳаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 /2014 бо маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 615,23 | 645,05 | 714,13 | 843,39 | 913,33 | 998,54 | 1053,78 | 1143,19 | 1,9 |
| Саноат | 1145,34 | 1268,88 | 1309,99 | 1431,89 | 1712,08 | 1666,38 | 1730,98 | 1858,49 | 1,6 |
| Сохтмон | 974,22 | 1274,16 | 1424,59 | 1107,49 | 1287,49 | 1476,93 | 1578,86 | 1735,46 | 1,8 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 235,58 | 292,99 | 296,64 | 382,53 | 435,91 | 492,90 | 515,06 | 537,29 | 2,3 |
| Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 710,41 | 737,61 | 771,84 | 762,40 | 769,94 | 826,61 | 843,83 | 1072,24 | 1,5 |
| Моҳипарварӣ | 291,91 | 450,04 | 390,86 | 496,94 | 193,41 | 879,87 | 598,03 | 791,64 | 2,7 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 349,50 | 339,68 | 441,90 | 448,75 | 481,52 | 529,12 | 539,04 | 638,12 | 1,8 |
| Фаъолияти молиявӣ | 1493,54 | 1539,51 | 1521,28 | 2074,85 | 2262,40 | 2524,12 | 2612,44 | 2890,57 | 1,9 |
| Маориф | 676,39 | 657,37 | 733,03 | 811,12 | 833,00 | 940,34 | 995,85 | 1107,40 | 1,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С.68 ва омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2022.– С.140.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.9. дида мешавад, ки аз руйи ҳаҷми музди меҳнати номиналӣ  дар байни кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаҳои иқтисодии вилоят соҳаи саноат баъди фаъолияти молиявӣ дар ҷойи 2-юм қарор дорад. Новобаста аз он, ки дар шароити вилояти Хатлон ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ музди меҳнати номиналӣ наметавонад ҳавасмандии моддии кормандонро дар сатҳи лозимӣ таъмин намояд, аммо музди меҳнат дар фаъолияти молиявӣ, соҳаи саноат ва сохтмон нисбатан қаноатбахш мебошад. Рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши музди меҳнати номиналӣ дар соҳаи саноат нисбат ба фаъолияти молиявӣ ва соҳаи сохтмон пасттар аст. Агар афзоиши миёнасолонаи музди меҳнати номиналӣ дар корхонаҳои соҳаи саноати вилоят 7,8%-ро ташкил намояд, пас ин нишондиҳанда дар фаъолияти молиявӣ 11,7% ва дар соҳаи сохтмон ба 9,8% баробар аст. Бо назардошти тамоюлҳои ҷойдошта баланд гардидани

ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон дар сурате имконпазир мегардад, ки ҳаҷми музди меҳнат қаноатбахш бошад ва дар баробари ноилгардӣ ба натиҷаҳои молиявии мусбӣ сатҳи он мунтазам баланд бардошта шавад.

Хулоса, барои дар сатҳи лозимӣ рушд накардани корхонаҳои саноатии вилоят, ки ба мушкилоти зиёди соҳа вобаста мебошад, нокифоягии бузургии музди меҳнат низ ҳамчун унсури калидии низоми ҳавасмандгардониҳои моддӣ аз ҷумлаи яке аз ин муаммоҳо маҳсуб меёбад. Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ, аз ҷумла ҳосилнокии меҳнат, бинобар сабаби сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат (тамоюли ноустувори зиёдшавӣ доштан), рушди корхонаҳоро аз ҳисоби истеҳсоли воридотивазкунанда ва ишғоли мавқеи устувори рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин карда наметавонад. Тавре динамикаи музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ нишон медиҳад, новобаста ба тамоюли мунтазами афзоишёбӣ доштани ҳаҷми музди меҳнат, бузургии воситаҳои афзоишёфта аз мавқеи қонеъ намудани арзиши зиндагии захираҳои меҳнатӣ қаноатбахш нест. Бинобар ҷой доштани ин муаммо, дар ҳадди назаррас баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва ҷорӣ намудани дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ аз ҳисоби қисмати тағйирёбандаи ҳавасмандгардониҳо амри зарурӣ мебошад.

Ҳамин тавр, новобаста аз он, ки тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои саноат дар вилояти Хатлон нисбатан ба чашм мерасанд, аммо нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои соҳа дар ҳадди зарурӣ таъмин карда нашудаанд. Аз ин рӯ, рушди соҳаҳои болозикрро аз мавқеи баландбардории ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон муҳим мешуморем.

## 2.2. Арзёбии нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ: муаммо ва тамоюлот

Барои муайян намудани самаранокӣ ва қаноатмандии низоми ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ арзёбии

нишондиҳандаҳои он муҳим дониста мешавад. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои низоми ҳавасмандгардонии моддии амалкунандаи корхонаҳои саноатии вилоят имконият медиҳад, то устуворӣ ва заифу ғайриқаноатбахш будани фаъолияти ҳавасмандгардонӣ аз тариқи таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои меҳнат муайян карда шавад.

Дар баробари он, ки барои муайянкунии самараи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат нишондиҳандаҳои мушаххас истифода мешаванд, боз дар навбати худ, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои арзёбии нишондиҳандаҳои натиҷавӣ низ қобили қабул дониста мешавад. Оид ба ин масъала Бозоров Т.Ю. ва Еремина Б.Л. чунин ибрози назар доранд, ки дар марҳилаи устуворгардонии фаъолияти ташкилотҳо яке аз масъалаҳои муҳими арзёбӣ ва баландбардории маҳсулнокии меҳнат ин аттестатсияи кормандон, ташаккули захираҳои кадрӣ ва коркарди низоми ҳавасмандгардонии меҳнат маҳсуб меёбад[54].

Дар тӯли солҳои таҳлилшуда (2014-2021) нишондиҳандаи музди меҳнат дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбатан баланд мебошад, аз ҷумла ин ҳолат соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои Норак-1957,43 сомонӣ, Данғара-1670,72 сомонӣ, Ховалинг-1473,02 сомонӣ, Бохтар-1457,45 сомонӣ, Ёвон-1413,58 сомонӣ ва Темурмалик-1142,64 сомонӣ ба назар мерасид[55]. Қобли қайд аст, ки омили асосии таъсиррасон ба сатҳи музди меҳнат дар ин шаҳру ноҳияҳо рушди босуръати соҳаҳои хидматрасонӣ ва саноат маҳсуб меёбад.

Аз сатҳи истифодаи фонди вақти корӣ дар корхонаҳо самараи меҳнатро муайян намуда, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро арзёбӣ намудан имконпазир мебошад. (ҷадв. 2.2.1.).

---

[54] Управление персоналом: Учебник для вузов /Под ред. Т.Ю. Базарова, Б.Л. Еремина. — 2-е изд., перераб. и доп. — М: ЮНИТИ, 2002.-С.141.

[55] Мақомоти Хатлон аз афзоиши музди миёнаи меҳнат хабар дод. [Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: https://sputnik-tj.com/20211228/maqomoti-khatlon-afzoishi-muzdi-mehnat-1044464131.html (санаи муроҷиат (5.03.2023).

**Ҷадвали 2.2.1. –Истифодаи фонди тақвимии вақти корӣ дар соҳаи саноат (ба ҳисоби миёна ба як корманд, рӯз)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи рӯзҳои тақвимӣ дар як сол | 365 | 365 | 366 | 365 | 365 | 365 | 366 | 366 | 100,3 |
| Рӯзҳои ид ва истироҳат | 137,0 | 100,3 | 119,4 | 89,6 | 89,2 | 106,5 | 104,9 | 106,4 | 77,7 |
| Рӯзҳои корӣ | 157,1 | 236,3 | 223,0 | 238,0 | 235,5 | 223,4 | 270,5 | 247,8 | 157,7 |
| Бекористии давомирӯзӣ | 1,0 | 0,6 | 0,1 | 0,8 | 1,5 | 0,6 | 1,3 | 1,3 | 130,0 |
| Ба кор набаромадан | 69,9 | 27,8 | 23,5 | 36,4 | 38,8 | 34,5 | 33,9 | 31,3 | 44,8 |
| Рӯхсатӣ | 24,1 | 15,8 | 6,5 | 14,6 | 16,4 | 15,6 | 16,4 | 15,3 | 63,5 |
| Ба кор набаромадан бо сабаби беморӣ | 1,9 | 1,4 | 0,3 | 1,2 | 2,0 | 1,7 | 2,1 | 1,8 | 94,7 |
| Ба кор набаромадан тибқи қонунгузорӣ | 0,4 | 0,3 | 0,1 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 0,2 | 0,3 | 75,0 |
| Ба кор набаромадан бо иҷозати маъмурият | 43,3 | 9,4 | 16,3 | 14,6 | 14,8 | 13,2 | 13,5 | 12,0 | 27,7 |
| Дермонӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | - | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0,5 | 500,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.–С.129.

Тавре маълумоти ҷадвали 2.2.1. нишон медиҳад, истифодаи фонди тақвимии вақти корӣ дар соҳаи саноат дар давоми солҳои 2014-2021 қариб якхела мебошад, яъне дар тайи солҳои таҳлилшуда дар истифодабарии фонди вақти корӣ тағйироти назаррас дида намешавад. Танҳо дар солҳои 2017-2018 шумораи рӯзҳои ид ва истироҳат нисбатан кам (83,5% нисбат ба соли 2021) ва солҳои 2018-2020 шумораи рӯзҳои ба кор набаромадан бо сабаби беморӣ то андозае зиёд (110,5% нисбат ба соли 2014) гардидааст. Инчунин рӯзҳои ба кор набаромадани кормандон ба кор аз 69,9 рӯзи соли 2014 ба 31,3 рӯз дар соли 2021 коҳиш ёфтааст, ки мусбӣ арзёбӣ мегардад. Динамикаи нишондиҳандаи набаромадани кормандон ба кор ба низоми ҳавасмандгардониҳои моддӣ таъсиррасон буда, дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон аз ҳолатҳои зерин вобаста мебошад: ноустувории интизоми меҳнат; татбиқ нагардидани усулҳои идоракунии ҳайати қувваи корӣ, ки ба ҳавасмандӣ ва майли кормандон ба кор асос меёбанд; ҳаҷми нокифояи ҳавасмандгардониҳои моддӣ, аз ҷумла музди

меҳнат дар шароити афзоиши талаботи кормандон ва пайдоиши дигар мушкилоти иҷтимоию иқтисодии онҳо. Ҳамин тавр, тағйироти ҷойдошта оид ба истифодаи фонди тақвимии вақти корӣ дар соҳаи саноат наметавонад ба самараи меҳнат ва ҳавасмандии моддии кормандон таъсири назаррас расонад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта зарур мешуморем, ки ҳавасмандгардонии моддии кормандони соҳаи саноат дар сатҳе ба роҳ монда шавад, то ҳосилнокии меҳнатро дар рӯзҳои корӣ таъмин намояд.

Тибқи қонунгузории соҳаи меҳнати ҷумҳурӣ, ба кормандони саноатӣ бинобар анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ дар ҷойҳои кории дорои шароити меҳнатии зарарнок ва номусоид имтиёз ва ҷубронпулиҳо муқаррар карда шудааст (ҷадв. 2.2.2.).

**Ҷадвали 2.2.2. - Имтиёз ва ҷубронпулӣ ба кормандони саноати ҷумҳурӣ бинобар сабаби шароити зарарноки меҳнатӣ ва номусоиди корӣ, нафар**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/ 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кормандони саноатии шароити меҳнатиашон номусоид дар ҷумҳурӣ | 1425 | 2535 | 3412 | 2677 | 2160 | 3103 | 3262 | 228,9 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | 1110 | 877 | -735 | -517 | 943 | 159 | - |
| Рухсатиҳои иловагӣ | 8370 | 10003 | 9412 | 5002 | 10625 | 6451 | 5626 | 67,2 |
| *Тағйирот(+,-), нафар* | - | *1633* | *-591* | *-4410* | *5623* | *-4174* | *-825* | - |
| Рӯзи кории кӯтоҳкардашуда | 3898 | 3822 | 3404 | 498 | 3683 | 688 | 396 | 10,2 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | *-76* | *-418* | *-2906* | *3185* | *-2995* | *-292* | - |
| Хӯрокии ройгон | 697 | 1169 | 1942 | 2320 | 2349 | 2449 | 1238 | 177,6 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | 472 | 773 | 378 | 29 | 100 | -1211 | - |
| Ройгон додани шир ва ё дигар маҳсулотҳои хӯрокаи баробарарзиши он | 8526 | 13432 | 9966 | 4117 | 9221 | 4358 | 4837 | 56,7 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | 4906 | -3466 | -5849 | 5104 | -4863 | 479 | - |
| Баланд бардоштани миқдори маоши тарофавӣ ва ё иловапулӣ | 3768 | 91 | 63 | 74 | 61 | 10 | 762 | 20,2 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | -3677 | -28 | 11 | -13 | -51 | 752 | - |
| Ҳуқуқи нафақаи имтиёзнок | 1195 | 6779 | 1269 | 1201 | 1161 | 1125 | 1019 | 85,3 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | 5584 | -5510 | -68 | -40 | -36 | -106 | - |
| Кормандоне, ки нисбаташон ҳадди ақкал як намуди имтиёз ва ё ҷубронпулӣ муқаррар карда шудааст | 9755 | 40253 | 13886 | 7482 | 14236 | 10216 | 7962 | 81,6 |
| *Тағйирот (+,-), нафар* | - | 30498 | -26367 | -6404 | 6754 | -4020 | -2254 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.138-141.

Маълумоти ҷадвали 2.2.2. нишон медиҳад, ки тамоюли баъзе аз нишондиҳандаҳо ба ҳамдигар муқобил мебошад. Шумораи кормандони саноатии шароити меҳнатиашон номусоид дар давоми солҳои 2014-2020 зиёд шудааст, ки афзоиши миёнасолонаи он 4,1%-ро ташкил медиҳад. Аммо новобаста ба зиёд гардидани шумораи кормандон, миқдори рухсатиҳои иловагӣ дар бисёре аз солҳо коҳиш ёфтааст. Масалан, агар шумораи кормандони шароити меҳнатиашон номусоид дар солҳои 2016, 2019, 2020 зиёд бошад, пас миқдори зиёди рухсатҳои иловагӣ ба солҳои 2015, 2016 ва 2018 рост меояд. Ҳамчунин, новобаста аз афзоиши шумораи кормандони категорияи болозикр, рӯзҳои кории кутоҳкардашуда дар солҳои 2017 ва 2019-2020 барои доираи маҳдуди кормандон таъйин шудааст. Давоми солҳои 2015-2019 миқдори музди меҳнати тарофавӣ ва иловапулии шумораи ками кормандони соҳа баланд гардидааст. Дигар нишондиҳандаҳо, аз ҷумла-хӯрокии ройгон; ройгон додани шир ва ё дигар маҳсулотҳои хӯрокаи баробарарзиши он, ҳуқуқи нафақаи имтиёзнок, кормандоне, ки нисбаташон ҳадди аққал як намуди имтиёз ва ё ҷубронпулӣ муқаррар карда шудааст, дар маҷмӯъ мусбӣ арзёбӣ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, бо мақсади ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи саноат, ки дар шароити зарарноки меҳнатӣ ва номусоиди корӣ фаъолият менамоянд, зарур мешуморем:

а) тамоюли мувофиқ ва муносиби нишондиҳандаҳои имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳо таъмин карда шавад;

б) низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд имтиёз ва ҷубронпулиҳоеро пешбинӣ намояд, ки бо ҳаҷми қаноатбахш ва шароити мусоиди дастраскунӣ доштанашон ба афзоиши самараи меҳнат мусоидат намоянд.

Дар байни соҳаҳои саноат фонди музди меҳнати корхонаҳои саноати маснуотбарор нисбатан дар ҳаҷми назаррас зиёд шудааст, ки афзоиши солонаи он ба ҳисоби миёна 49,0%-ро ташкил менамояд. Тамоюли мусбии

нишондиҳандаи мазкур дар корхонаҳои дигар соҳаҳои саноати вилоят дар ҳадди зарурӣ, ки барои бо маротиб баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намояд, дида намешавад. Фонди музди меҳнат сарчашмаи ҳавасмандгардонии доимии корхона маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳаҷми воситаҳои фонди мазкур сатҳи қаноатбахшии ҳавасмандгардонии доимиро муайян менамояд (ҷадв. 2.2.3.).

**Ҷадвали 2.2.3. - Фонди музди меҳнат дар зерсоҳаҳои саноат, млн. сомонӣ.**

| Солҳо / Соҳаҳои саноат | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | | | | |
| Саноати маснуотбарор | 430,2 | 489,1 | 575,4 | 656,5 | 769,3 | 845,3 | 883,3 | 1100,4 | 255,8 |
| Тамоюл, % | 100 | 113,7 | 117,6 | 114,1 | 117,2 | 109,9 | 104,5 | 124,6 | - |
| Саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал | 172,3 | 236,5 | 249,0 | 285,3 | 309,4 | 342,8 | 336,0 | 411,0 | 238,5 |
| Тамоюл, % | 100 | 137,3 | 105,3 | 114,6 | 108,4 | 110,8 | 98,0 | 122,3 | - |
| Саноати таъминоти барқ, газ ва об | 297,2 | 281,6 | 283,2 | 315,5 | 353,2 | 331,6 | 384,2 | 484,6 | 163,0 |
| Тамоюл, % | 100 | 94,7 | 100,6 | 111,4 | 111,9 | 93,9 | 115,9 | 126,1 | - |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | | | |
| Саноати маснуотбарор | 33,8 | 56,1 | 76,8 | 102,1 | 136,9 | 140,4 | 133,0 | 166,3 | 492,0 |
| Тамоюл, % | 100 | 165,9 | 136,9 | 132,9 | 134,1 | 102,6 | 94,7 | 125,0 | - |
| Саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал | 41,5 | 51,6 | 48,8 | 36,3 | 36,5 | 36,4 | 40,5 | 51,7 | 124,6 |
| Тамоюл, % | 100 | 124,3 | 94,6 | 74,4 | 100,6 | 99,7 | 111,3 | 127,6 | - |
| Саноати таъминоти барқ, газ ва об | 138,1 | 119,7 | 111,9 | 122,2 | 126,4 | 124,7 | 138,6 | 149,7 | 108,4 |
| Тамоюл, % | 100 | 86,7 | 93,5 | 109,2 | 103,4 | 98,6 | 111,1 | 108,0 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.206, 212.

Тавре рақамҳои ҷадвали 2.2.3. нишон медиҳанд, фонди музди меҳнат дар корхонаҳои соҳаҳои саноати вилояти Хатлон дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Новобаста аз он ки фонди музди меҳнат дар давоми солҳои 2014-2021 дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал ва саноати

таъминоти барқ, газ ва оби сатҳи ҷумҳурӣ зиёд гардидааст, аммо ин ҳолат дар вилояти Хатлон нисбатан баръакс мебошад.

Тавре дар боло қайд намудем, новобаста аз ҳаҷми ғайриқаноатбахши музди меҳнати корхонаҳои соҳаи саноат, афзоиши мунтазами он ба андозаи қаноатбахш дида намешавад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки ҳаҷми фонди музди меҳнат бо роҳи мунтазам афзоишдиҳӣ зиёд карда шуда, ҳавасмандгардонии кормандонро барои баланд бардоштани самараи меҳнат таъмин намояд.

Қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ яке аз нишондиҳандаҳои мустақими баҳодиҳии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дониста мешавад. Тамоюли ин нишондиҳанда барои арзёбӣ намудани сатҳи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат муносиб мебошад. Қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат дар зерсоҳаҳои саноати сатҳи ҷумҳурӣ дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Нишондиҳандаи мазкур ва дар саноати маснуотбарорӣ танҳо дар соли 2021 зиёд мебошад ва давоми солҳои 2014-2020 тағйироти ҷиддӣ надорад. Қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал, инчунин корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об мунтазам коҳиш ёфтааст, ки барои мақсадҳои ҳавасмандгардонии кормандон мусбӣ арзёбӣ мегардад. Муқаррароти қоунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 140-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) корфармоён, аз ҷумла роҳбарони корхонаҳои саноати вилоятро уҳдадор менамояд, ки новобаста аз ҳолати молиявиашон, музди меҳнати кормандонро сари вақт пардохт намоянд. Аммо риоя накардани талаботи мазкур боиси афзоиш ёфтани уҳдадории музди меҳнат мегардад.

Дар давраи таҳқиқшуда (2014-2021), аз ҷумла соли 2020 соҳаи саноати вилояти Хатлон зиёда аз 10309,0 ҳазор сомонӣ қарзи музди меҳнат дорад, ки аксарияти ин қарзҳо ба ҶСК “Тоҷик азот”-и шаҳри Левакант (беш аз 5860,0 ҳазор сомонӣ), корхонаи “Нуриҳи осиёи”-и шаҳри Левакант, корхонаи

кимиёвии Ёвон-“Тоҷиккемекал” рост меояд[56]. Ҳамчунин, ҶДММ “Талко кемикал”, “Бохтаргаз” ва ҶСШК “Тоҷикхипром” низ ба руйхати корхонаҳои қарздор аз музди меҳнат ворид шудаанд. Дар маҷмӯъ, зиёда аз 93%-и қарздории музди меҳнати вилоят ба соҳаи саноат рост меояд[57].

**Ҷадвали 2.2.4. –Арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон* (млн. сомонӣ)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ | 269,9 | 283,2 | 296,2 | 323,1 | 379,7 | 380,5 | 394,5 | 510,9 | 189,3 |
| Фонди музди меҳнат | 217,0 | 227,7 | 237,8 | 259,8 | 300,1 | 300,7 | 311,8 | 406,8 | 187,4 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| -музди кори мустақим дар намуди пул | 193,5 | 202,8 | 212,9 | 230,2 | 264,7 | 263,7 | 273,0 | 355,1 | 183,5 |
| -музд барои вақти бекорӣ | 14,9 | 15,7 | 16,7 | 19,4 | 24,6 | 25,5 | 26,2 | 34,4 | 230,9 |
| -мукофот ва мукофотпулӣ | 8,5 | 8,9 | 7,8 | 9,1 | 10,6 | 11,1 | 11,3 | 15,8 | 185,9 |
| -музди кор дар шакли маҳсулот | 0,30 | 0,32 | 0,33 | 1,12 | 0,24 | 0,38 | 1,3 | 1,4 | 466,7 |
| Хароҷоти корхона барои манзили кормандон | 0,05 | 0,06 | 0,01 | 0,11 | 0,01 | 0,03 | 0,03 | 0,02 | 40,0 |
| Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон | 50,4 | 52,9 | 55,8 | 60,3 | 76,0 | 76,7 | 79,2 | 101,7 | 201,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| -пулгузаронии ҳатмӣ ба хазинаҳои давлатӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ | 50,3 | 52,8 | 55,4 | 60,2 | 75,6 | 76,6 | 79,1 | 101,4 | 201,6 |
| Хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таълими пулакӣ ва ғ.) | 0,08 | 0,09 | 0,07 | 0,11 | 0,10 | 0,07 | 0,07 | 0,13 | 165,2 |
| Хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ | 0,07 | 0,09 | 0,16 | 0,12 | 0,08 | 0,07 | 0,07 | 0,26 | 371,4 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.221-226.

Хароҷот барои таъмини қувваи корӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ва мустақими арзёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ баромад менамояд. Чунки сатҳи масрафи воситаҳои пулии корхона дар намуди музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, инчунин мукофотпулиҳо

[56] Бахши саноати Хатлон 10 миллион сомонӣ қарзи маош дорад / Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: https://sputnik-tj.com/20210205/Bakhshi-sanoati-Khatlon-qarzi-maosh--1032763522.html (санаи муроҷиат 2.02.2023)

[57] Бахши саноати Хатлон 10 миллион сомонӣ қарзи маош дорад / Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: https://tojikmatlubot.tj/bahshi-sanoati-hatlon-10-million-somon-arzi-maosh-dorad/ (санаи муроҷиат 2.02.2023)

ва қаноатмандии онҳо самаранокии низоми амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро муайян менамоянд. Барои исботи ин гуфтаҳо рақамҳои омориро ҷиҳати хароҷоти таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дида мебароем (ҷадв. 2.2.4.).

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.4. дида мешавад, ки нишондиҳандаҳо дар солҳои таҳлилшуда тамоюли мусбӣ доранд. Масалан, маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ ҳамасола зиёд гардидааст, ки афзоиши миёнасолонаи он 11,2%-ро ташкил менамояд. Фонди музди меҳнат низ дар соли 2021 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 1,9 маротиба афзоиш ёфта, таркибдиҳандагони он ба монанди-музди кори мустақим дар намуди пул, музд барои вақти бекорӣ, мукофот ва мукофотпулӣ, музди кор дар шакли маҳсулот, инчунин хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон зиёд гардидааст.

Рушди таъминоти иҷтимоии кормандон, алалхусус ба шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқ намудани фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, метавонад ҳавасмандии кормандони саноатиро барои иҷрои меҳнати пурмаҳсул таъмин намояд. Роҷеъ ба ин масъала Марупова Н.Ш. дар кори илмии худ бо мазмуни зерин қайд менамояд: фароҳам овардани имтиёзҳо барои кормандон ба таври инфиродӣ тавассути истифодаи суғуртаи иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз самтҳои муҳими рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад[58].

Новобаста ба майли мусбии нишондиҳандаҳои зикршуда, ҳаҷми онҳо то ба ҳол қаноатбахш нест ва самараи меҳнатро низ таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, зиёд намудани ҳаҷми ҳавасмандгардониҳои мазкур то ҳадде, ки барои таъмини қаноатмандии моддии кормандон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, афзоиши даромаднокии корхонаҳоии саноатии минтақа мусоидат менамояд, зарур мебошад.

Тамоюли нишондишандаҳои ҷадвали 2.2.4 дар диаграммаи 2.2.1. оварда шудааст.

---

[58] Марупова Н.Ш. Развитие системы социальной защиты населения в условиях рыночной экономики. Автореф. дисс. на соиск. уч.ст.канд.эконом.наук. – Душанбе, 2021.– С.24.




**Диаграммаи 2.2.1. -Тамоюли арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, бо %**

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.221-226.

Чи тавре, ки маълумоти диаграммаи 2.2.1. нишон медиҳад, хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон қариб дар аксарияти солҳои таҳлилшуда тамоюли мусбӣ дорад. Нишондиҳандаҳои зерин дар баъзе солҳо коҳиш ёфтаанд, аз ҷумла: музди кори мустақим дар намуди пул соли 2019 нисбат соли 2018 ба андозаи 0,4%, мукофот ва мукофотпулӣ соли 2016 нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 12,4%, музди кор дар шакли маҳсулот соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 78,6%, хароҷоти корхона барои манзили кормандон соли 2018 нисбат соли 2017 дар ҳаҷми 90,9%, хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таълими пулакӣ ва ғайра) соли 2016 нисбат ба соли 2015 22,2%, соли 2018 нисбат ба соли 2017 9,1%, соли 2019 нисбат ба соли 2018 30%, хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ соли 2017 нисбат ба соли 2016 25%, соли 2018 нисбат соли 2017 33,3%, соли 2019 нисбат ба соли 2018  ба андозаи 12,5% ва хароҷоти корхона барои манзили кормандон соли 2021 нисбат ба соли 2020 33,0%. Ҳолатҳое, ки коҳишёбии хароҷоти таъмини қувваи кориро нишон медиҳанд, ба самара ва натиҷаҳои меҳнати кормандон таъсири манфӣ мерасонанд, Аз ин рӯ,

тағйир додани онҳо самти афзалиятноки фаъолияти ҳавасмандгардонии корхона мебошад. Чунки тамоюли баракси (мусбӣ)-и нишондиҳандаҳои мазкур баланд гардидани ҳавасмандии кормандонро ба афзоиши самараи меҳнат таъмин намуда, даромаднокии корхонаро зиёд мегардонад.

Бо мақсади муайян кардани сатҳи қаноатмандии низоми амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои калонтарини соҳаи саноатии минтақаи Хатлон, ҶДММ «Хима- текстил», ҶДММ «ШБИ Ҷунгтсай моҳир семент», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар ва ҶСП «Ҷунгтсай Данғара Текстил»-и ноҳияи Данғара таҳқиқоти сотсиологӣ (пурсиш) гузаронида шуд. Дар пурсиши гузаронидашуда категорияҳои гуногуни захираҳои меҳнатии соҳа иштирок намуда, нуқтаи назари худро баён доштанд. Натиҷаи пурсиши гузаронидашуда дар 4 ҷадвал ва 4 диаграмма ба низом даровард шудааст.

Натиҷаи пурсиш оид ба сабабҳои асосии норозигӣ аз кор дар корхонаҳои саноатии минтақа дар ҷадвали 2.2.5 ва диаграммаи 2.2.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.5. - Сабабҳои асосии норозигӣ аз кор дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (бо % аз пурсидашудагон)**

| Ҳайати пурсидашудагон | Пурсишшудагон | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хизматчиён | | | Кормандон | | | |
| | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | |
| | Зан | мард | | Зан | Мард | | |
| Музди меҳнати паст | 79,6 | 63,3 | 71,4 | 77,5 | 72,3 | 71,8 | 71,6 |
| Мавҷуд набудани имкониятҳои гирифтани молу хизматрасонӣ | 48,6 | 34,5 | 41,5 | 46,3 | 41,8 | 41,6 | 41,6 |
| Ташкили ноустувори меҳнат | 19,1 | 40,2 | 29,6 | 27 | 37,9 | 33,7 | 31,7 |
| Шароити бади санитарӣ ва гигенаи меҳнат | 34,3 | 5,5 | 19,9 | 29,8 | 27,1 | 23,5 | 21,7 |
| Аз ҷониби корхона нокифоя будани кафолатҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ | 28,9 | 22,9 | 25,9 | 19,7 | 34,8 | 30,3 | 28,1 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.




**Диаграммаи 2.2.2. Сабабҳои асосии норозигӣ аз кор дар корхонаҳои саноатии минтақа**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.

Тавре аз маълумоти дар ҷадвали 2.2.1 ва диаграммаи 2.2.2 бар меояд, сабаби асосии норозигии кормандон аз кор дар корхонаҳои саноатии минтақа ҳаҷми маоши нокифоя мебошад, ки ннро кулли кормандони пурсидашуда тасдиқ намуданд. Блоки дувуми масъалаҳои муаммо ба ҳавасмандкунии моддии ғайримолиявӣ дахл дорад. Норозигии кормандони категорияҳо ва синну соли гуногун аз имконнопазирии гирифтани манзил, ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ ва роҳхатҳои табобатию санаторӣ бо кумаки корхона хеле возеҳ аст. На кам аз сеяки пурсидашудагон ин сабабҳоро қайд мекунанд. Гурӯҳи сеюми сабабҳо ба ҳавасмандкунии меҳнат, яъне масъалаҳои мустақими раванди меҳнат марбутанд. Камбудиҳои асосӣ дар ин ҷо, сатҳи пасти ташкилию шароити бади санитарӣ ва гигиенаи корӣ мебошанд.

Як гурӯҳи омилҳо марбут ба ҳавасмандиҳои моддӣ ва пулӣ мебошанд. Дар байни онҳо посухдиҳандагон сатҳи музди меҳнат, зарурати мукофотпулӣ аз ҳисоби фоида, ҷорӣ кардани иловапулиҳо ва имтиёзҳоро тарафдорӣ мекунанд. Гурӯҳи навбатии омилҳое, ки кормандонро ба ҳосилнокии баланди кор ҳавасманд мекунанд, ба таҳкими фазои маънавӣ ва равонӣ дар даста ва такмилу

ташкили ҷойҳои корӣ тавассути ҷорӣ намудани таҷҳизоти муосири баландсифат, таъмини кори ҷолиб ва беҳтар кардани шароити кор вобаста мебошанд.

Натиҷагирии пурсиш оид ба омилҳое, ки ба ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таъсири бештар мерасонанд, дар ҷадвали 2.2.6 ва диаграммаи 2.2.3 ба низом дароварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.6. – Омилҳои ба натиҷаи меҳнат бештар таъсиррасонанда (бо % аз пурсидашудагон)**

| Ҳайати пурсида-шудагон / Омилҳо | Пурсишшудагон | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хизматчиён | | | Кормандон | | | |
| | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | |
| | Зан | мард | | Зан | Мард | | |
| Хоҳиши касб кардан | 6 | 7 | 6,75 | 3,6 | 4,9 | 4,25 | 5,5 |
| Шароити кор дар корхона | 13 | 11 | 12,05 | 12,3 | 16,1 | 14,2 | 13,1 |
| Кӯшишҳои шахсӣ | 66 | 74 | 70,2 | 53,1 | 46,5 | 49,8 | 60 |
| Сатҳи музди меҳнат | 58 | 45 | 51,7 | 53,9 | 51,9 | 52,9 | 52,3 |
| Мукофот аз ҳисоби фоида | 22 | 40 | 31,1 | 37,1 | 43,2 | 40,15 | 35,6 |
| Ҷорӣ намудани иловапулиҳо | 24 | 31 | 27,25 | 34,7 | 34,4 | 34,55 | 30,9 |
| Муносибати хуб бо роҳбарият | 29 | 30 | 29,5 | 26,9 | 19,3 | 23,1 | 26,3 |
| Ба ҷои кор ворид намудани технологияи муосир | 17 | 32 | 24,45 | 17,1 | 13,1 | 15,1 | 19,7 |
| Таъмини ҷои кори ҷолиб | 26 | 24 | 25,05 | 12,3 | 2,4 | 7,35 | 16,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.




**Диаграммаи 2.2.3. Омилҳои ба натиҷаи меҳнат бештар таъсиррасонанда ( бо % аз пурсидашудагон)**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда таҳия карда шудааст

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кормандон аз ҳама омилҳои таъсиргузорро ба натиҷаи меҳнат кӯшишҳои шахсӣ (60%) ва сатҳи музди меҳнат (52,3%) ҳисоб мекунанд. Ин аз он далолат мекунад, ки барои кори эҷодӣ ва худкамолёбии кормандон дар корхона шароитҳои мусоид бояд фароҳам оварда шавад. Аммо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омили асосие, ки ба натиҷаи меҳнат таъсири назаррас дорад, ҳаҷми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддӣ мебошад. Бинобар ин, аз тариқи баланд бардоштани музди меҳнат (ҳавасмандгардонии моддии доимӣ) ва дигар намудҳои ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда натиҷанокии меҳнатро метавон баланд бардошт (ҷадв. 2.2.7 ва диаграммаи 2.2.4.).

**Ҷадвали 2.2.7. - Дараҷаи қаноатмандӣ аз низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳо дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (бо % аз пурсидашудагон)**

| Ҳайати пурсида-шудагон / Дараҷаи қаноатмандӣ | Пурсидашудагон | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хизматчиён | | | Кормандон | | | |
| | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | |
| | Мард | Зан | | Мард | Зан | | |
| Пурра қаноатманд | 10,1 | 6,4 | 8,25 | 6,6 | 1,3 | 3,95 | 6,1 |
| Қаноатманд нест | 14,3 | 21,9 | 18,1 | 31,5 | 36 | 33,75 | 25,9 |
| Пурра қаноатманд нест | 53,1 | 46,8 | 49,95 | 40,4 | 35,7 | 38,05 | 44 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.




**Диаграммаи 2.2.4. Дараҷаи қаноатмандӣ аз низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳо дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.

Натиҷагирии пурсиши гузаронидашуда оид ба дараҷаи қаноатмандии захираҳои меҳнатӣ аз низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳо дар корхонаҳои саноатии минтақа нишон медиҳанд, ки 49,9%-и пурсидашудашон аз ҳисоби хизматчиён нисбати низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳое, ки дар корхонаҳои саноатии минтақа ҷой доранд, ба пуррагӣ қаноатманд нестанд. Аз ҳисоби кормандон бошад, ин рақам ба 38,1% баробар аст. Ҳолати ҷойдошта зарурати такмили низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳоро аз мавқеи афзоиши ҳаҷми онҳо талаб менамояд. Новобаста аз он, ки музди меҳнат дар бисёр солҳои таҳлилшуда (2015-2021) тамоюли афзоишёбӣ дорад, аммо бинобар сабаби ғайриқаноатбахш будани бузургии он, фоизи зиёдшуда назарнорас боқӣ мемонад.

Натиҷаи пурсиш оид ба пешниҳоди захираҳои меҳнатӣ дар самти такмили низоми ҳавасмандгардониҳои корхонаҳои саноатии минтақа дар ҷадвали 2.2.8 ва диаграммаи 2.2.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.8. -Пешниҳодҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардониҳо дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон (% аз пурсидашудагон)**

| Ҳайати пурсидашудагон / Андешаи пурсидашудагон | Пурсишшудагон | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хизматчиён | | | Кормандон | | | |
| | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | |
| | Зан | Мард | | зан | мард | | |
| Ба роҳ мондани низоми иштироки кормандон дар фоидаи ташкилот | 13,5 | 15,4 | 14,45 | 14,7 | 14,8 | 14,75 | 14,6 |
| Пардохтҳои иҷтимоии пешниҳодшаванда зиёд карда шаванд | 44,5 | 28,6 | 36,55 | 97,1 | 41,2 | 69,15 | 52,85 |
| Маоши вазифавӣ зиёд карда шавад | 80,9 | 94 | 87,45 | 74,1 | 77,3 | 75,7 | 81,5 |
| Низоми навӣ музди меҳнат ҷорӣ карда шавад | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 16,6 | 31,4 | 24 | 16,75 |
| Ҳаҷми пардохтҳои бонусӣ зиёд карда шавад | 69,5 | 50 | 59,75 | 60,4 | 55 | 57,7 | 58,7 |
| Музди меҳнат ба ҳар як корманд дар асосӣ иҷроиши кор пардохт шавад | 46,2 | 50 | 48,1 | 36,6 | 49,5 | 43,05 | 45,5 |
| Ба ҷои кор технологияи муосир ворид карда шавад | 17 | 34,2 | 25,6 | 16,9 | 12,9 | 14,9 | 20,25 |
| Бо ҷои кори ҷолиб таъмин карда шавад | 26,1 | 26,3 | 26,2 | 12,1 | 2,2 | 7,15 | 16,6 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.

Таҳлили маълумоти дар ҷадвали 2.2.8. ва диаграммаи 2.2.5 овардашуда маълум менамояд, ки такмили низоми пардохти музди меҳнат дар корхона бояд бар баланд шудани тарифҳо ва маоши кормандон (81,5% пурсидашудагон инро қайд мекунанд), зиёд кардани пардохтҳои иҷтимоии пешниҳодшаванда (69,2%-

и пурсидашавандагон аз ҳисоби кормандон) ва афзоиши андозаи бонуспардохтҳо (59,7%) асос ёбад.




**Диаграммаи 2.2.5. Пешниҳодҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардониҳо**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда.

Посухдиҳандагон ба зарурати ба назар гирифтани сифатҳои касбии кормандон дар рушди низоми музди меҳнат аҳамияти калон медиҳанд. Инро 43,0% кормандон ва зиёда аз 48,1% кормандон тарафдорӣ менамоянд. Бо назардошти ин гуфтаҳо зарур мешуморем, то ҳаҷми музди маоши вазифагии кормандон ва пардохтҳои бонусию иҷтимоӣ зиёд карда шуда, музди меҳнати ҳар як корманд дар асосӣ иҷроиши кори воқеӣ бо назардошти пардохти ҳавасмандгардониҳо ва барои самараи меҳнат пардохт шавад.

Ҳамин тарик, дар натиҷаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои мустақим ва ғайримустақими меҳнатӣ ва раванди ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян карда шуд, ки низоми ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ бо сабаби ҳаҷми нисбатан нокифояи воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ то ба ҳол барои баландбардории ҳосилнокии меҳнат мусоидаткунанда нест. Бинобар ин, то ба сатҳи қаноатбахш расонидани ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддиро зарур мешуморем.

## 2.3. Таъсири омилҳо ба чараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир

Сатҳу сифати ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ аз низоми омилҳои мустақим ва ғайримустақим вобаста буда, зери таъсири онҳо низоми ҳавасмандгардонии корхона такмил меёбад. Омилҳое, ки ба таври мустақим ба механизми ҳавасмандгардонии моддӣ таъсир мерасонанд-низоми идоракунии корхона, имкониятҳои молиявӣ, нерӯи корманд, яъне сатҳи тахассусмандии кормандон, шумораи рӯзҳои корие, ки корманд воқеан кор кардааст ва нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнати кормандон маҳсуб меёбанд. Ба омили асосии ғайримустақими ҳавасмандгардонӣ бошад, таъминоти сармоявии корхона, прогресси илмӣ-техникӣ, ҳолати иқтисоди кишвар, тағйироти ичтимоию фарҳангӣ ва сиёсӣ, ҳар гуна ҳодисаю воқеаҳои барои корхона муҳим, ки дар кишварҳои ҳамсоя сар мезананд ва дигар омилҳо дохил мешаванд.

Низоми идоракунӣ дар корхона яке аз омилҳои муҳими ба сатҳи ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсиррасон ба ҳисоб меравад. Чунки сохтори ташкилии фаъолияти идоракунӣ, низоми идоракунии ба ҳавасмандагардонии кормандон нигаронидашуда, сатҳи идоракунӣ, ташкили низоми хизматрасонии муҳити дохилии корхона сатҳу сифати ҳавасмандгардонии моддии кормандонро муайян менамоянд.

Ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ба таври мустақим аз устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ, фоиданокӣ ва даромаднокии корхонаи саноатӣ вобаста мебошад.

Нерӯи корманд оид ба маълумотнокӣ, кордонӣ ва таҷрибаи ғании он ҳамчун нерӯи зеҳнӣ яке аз омилҳое мебошад, ки дастрасии кормандро ба ҳавасмандгардонии моддӣ таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки баланд бардоштани тахассусмандии кормандон шароити ҳавасмандгардониро дар корхона ба вуҷуд меорад.

Асосҳои институтсионалии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон меъёрҳои калидии ҳавасмандгардонӣ дониста мешаванд. Чунки корхонаҳои саноатии манотиқи ҷумҳурӣ дар асоси онҳо

ҳавасмандгардонии меҳнатро ба роҳ мемонанд. Ба ин санадҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аққалияти рӯзгузаронӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ шомил мебошанд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилу омӯзишҳо ба мо маълум гардид, ки ба ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд (расми 2.3.1.).




**Расми 2.3.1. Омилҳои ба сатҳи ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Омилҳое, ки дар расми 2.3.1 ба низом даровarда шудаанд, вобаста ба муҳит берунӣ ва дохилӣ мешаванд. Омилҳои мазкур ба ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсири назаррас мерасонанд ва сатҳи ҳавасмандгардонӣ бошад, аз онҳо вобастагии калон дорад. Масалан, зиёд шудани ҳаҷми аққалияти рӯзгузаронӣ ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддиро зиёд менамояд ва-баръакс, коҳиш ёфтани сатҳи он ҳаҷми ҳавасмандгардонии модиро кам менамояд. Инчунин, баланд гардидани қобилияти харидории асъори миллӣ, сиёсати

дурусти меҳнатӣ, афзоиши талабот ба қувваи корӣ, ҷорӣ намудани шакл ва низоми муносиби пардохти музди меҳнат, натиҷаҳои мусбии фаъолияти хоҷагидорӣ ба рафти ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонанд ва-баръакс.

Тавре дар боло қайд намудем, яке аз омилҳои ба сатҳи ҳавасмандгардонии моддии корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон ин таъминоти сармоявии корхона маҳсуб меёбад. Масалан, дар шароити ба таври кифоянок таъмин будани корхона бо захираҳои истеҳсолӣ имконияти зиёд намудани ҳаҷми фондҳои ҳавасмандгардонӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва аз ҳисоби иштироки кормандон дар фоида ва сармояи корхона таъмин намудани рушди устувори ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши самараи натиҷаҳои молиявии ниҳоӣ ба даст меоянд.

Тағйироти қувваи корӣ яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки ба низоми ҳавасмандгардонии меҳнат вобастагии қавӣ дорад. Тағйироти мусбии қувваи корӣ аз низоми қаноатбахши ҳавасмандгардонии меҳнат гувоҳӣ медиҳад ва-баръакс, набудани ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон тағйироти манфии қувваи кориро ба вуҷуд меорад. Барои исботи ин гуфтаҳо рақамҳои омориро оид ба тағйироти қувваи корӣ дар соҳаҳои саноати вилояти Хатлон дида мебароем (ҷадв. 2.3.1.).

Аз маълумоти ҷадвали 2.3.1. дида мешавад, ки тағйироти қувваи корӣ аз ҳисоби қабули кормандон ба кор ва аз кор рафтани онҳо дар соҳаҳои саноати минтақаи Хатлон дар аксарияти солҳо мутавозин мебошад. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки корхонаҳои соҳа имконияти ҷалби мунтазами қувваи кориро надоранд. Аз нигоҳи мо, сабабҳои асосии вазъияти мазкур ҳаҷми нокифояи музди меҳнат ва низоми номукаммали ҳавасмандгардонии моддӣ мебошад, ки шароити иқтисодии кормандонро ба инобат нагирифта, ҳавасмандгардонии онҳоро мунтазам таъмин карда наметавонад.

Дар шароити кунунӣ яке аз сабабҳои асосии аз кор рафтани кормандон пешрафти илмию техникӣ мебошад, аммо ҳолати мазкур дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон ҷой надорад.

**Ҷадвали 2.3.1. –Тағйироти қувваи корӣ дар соҳаҳои саноати вилояти Хатлон (ҳазор нафар)**

| Солҳо / Соҳаҳои саноат | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қабули кормандон ба кор | | | | | | | | | |
| Саноати маснуотбарор | 9,4 | 11,3 | 9,2 | 12,9 | 15,4 | 15,0 | 13,7 | 17,6 | 187,2 |
| Саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал | 3,5 | 1,4 | 2,4 | 3,4 | 4,6 | 5,3 | 3,2 | 4,0 | 114,3 |
| Саноати таъминоти барқ, газ ва об | 4,8 | 3,5 | 2,4 | 2,0 | 2,3 | 1,8 | 2,1 | 3,1 | 64,6 |
| Аз кор рафтани кормандон | | | | | | | | | |
| Саноати маснуотбарор | 13,0 | 10,8 | 6,8 | 10,7 | 13,4 | 12,6 | 13,1 | 14,5 | 111,5 |
| Саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал | 2,1 | 1,2 | 2,2 | 3,1 | 2,8 | 4,4 | 2,2 | 3,8 | 180,9 |
| Саноати таъминоти барқ, газ ва об | 3,2 | 3,8 | 2,7 | 1,4 | 2,1 | 1,8 | 1,6 | 3,2 | 100,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– С.121-122.

Чунки дар аксарияти солҳои таҳлилшуда арзиши дороиҳои корхонаҳои саноатии минтақа тамоюли коҳишёбӣ дорад. Дар шароити корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон омилҳои калидии баландбардории ҳавасмандии кормандони корхонаҳои саноатӣ нисбат ба иҷрои меҳнати босамар онҳое маҳсуб меёбанд, ки ба қонеъгардонии талаботи моддии захираҳои меҳнатӣ вобаста мебошанд. Аз ин ҷост, ки натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии гузаронидашуда дар корхонаҳои саноатии вилоят нишон дод, ки дар баробари зиёд намудани музди меҳнат, зиёд намудани андозаи бонуспардохтҳо (мавқеи 58,7%-и пурсидашудагон), зиёд намудани пардохтҳои иҷтимоии пешниҳодшаванда (мавқеи 52,8%-и пурсидашудагон) муҳим арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 2.3.2. –Таъсири дороиҳо ба сатҳ ва самаранокии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо / Солҳо | Дороиҳо ба ҳар 100 ҳазор сомонии фонди музди меҳнат, ҳазор сомонӣ | Шумораи корхонаҳои соҳаҳои саноат дар вилоят, адад | Дороиҳо ба ҳар 100 ҳазор сомонӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳазор сомонӣ | Мукофот ва мукофотпулии миёнасолонаи як корманд, сомонӣ | Фоида ба ҳар: | | | Зарар ба ҳар: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 нафар корманди саноатӣ, сомонӣ | 1 сомонии фонди музди меҳнат, сомонӣ | 1 сомонӣ арзиши дороиҳои соҳаи саноат, сомонӣ | 1 нафар корманди саноатӣ, сомонӣ | 1 сомонии фонди музди меҳнат, сомонӣ | 1 сомонӣ арзиши дороиҳо и соҳаи саноат, сомонӣ |
| 2014 | 130,2 | 565 | 6,1 | 395,1 | 2867,4 | 267,4 | 3,6 | 341,6 | 31,8 | 0,43 |
| 2015 | 187,1 | 577 | 10,8 | 478,5 | 20105,1 | 1644,5 | 151,4 | 5217,0 | 426,7 | 39,3 |
| 2016 | 427,0 | 537 | 19,1 | 443,2 | 13572,3 | 1005,8 | 35,4 | 3410,6 | 252,7 | 8,9 |
| 2017 | 431,3 | 591 | 16,6 | 494,6 | 46376,6 | 3274,5 | 79,4 | 15170,7 | 1071,1 | 26,0 |
| 2018 | 428,7 | 583 | 16,8 | 602,3 | 58899,5 | 3457,7 | 29,5 | 4126,8 | 242,3 | 2,1 |
| 2019 | 428,0 | 595 | 14,5 | 630,7 | 62575,0 | 3652,8 | 66,0 | 6317,8 | 368,8 | 6,7 |
| 2020 | 328,4 | 619 | 11,4 | 610,5 | 65821,7 | 3759,3 | 113,2 | 4862,1 | 374,6 | 8,4 |
| 2021 | 369,7 | 640 | 13,9 | 680,9 | 69316,5 | 3912,8 | 127,6 | 4912,4 | 394,1 | 8,8 |
| 2021/2014, маротиба | 2,8 | 1,1 | 2,3 | 1,7 | 24,2 | 14,6 | 34,5 | 14,4 | 12,4 | 20,4 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.- С.67, 95, 167-168, 398-403, 426-427.

Бояд қайд намуд, ки дороиҳо ва самаранок истифодабарии онҳо ба ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон таъсири назаррас мерасонанд. Вобаста ба ин, самаранок истифодабарии дороиҳоро дар корхонаҳои саноатии минтақа зарур мешуморем. Дар ҷадвали зер таъсири дороиҳо ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ ва дигар нишондиҳандаҳоро дида мебароем.

Аз маълумоти ҷадвали 2.3.2. бар меояд, ки новобаста аз афзоиши ноустувори шумораи кормандон ва ҳаҷми фонди музди меҳнат, арзиши дороиҳои корхонаҳои саноатии минтақа дар давоми солҳои 2014-2021 ба таври назаррас зиёд нагардидааст. Ҳолати мазкур сабаб гардидааст, то ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар ҳаҷми ғайриқаноатбахш қарор дошта бошад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои мазкур ҳамасола тамоюли афзоишёбӣ дорад, аммо, мутаассифона, ҳаҷми ҳавасмандгардониҳо дар ҳолати шахшуда боқӣ мондааст. Нишондиҳандаи фоида ба ҳар як нафар корманди саноатии вилоят дар солҳои таҳлилшуда мусбӣ буда, дар тӯли солҳои 2014-2021 ба андозаи 24,2 маротиба афзоиши миёнасолона дорад.

Фоида ба ҳар як сомонӣ фонди музди меҳнат низ дар ин солҳо тамоюли афзоишёбӣ дорад. Фоида ба як сомонӣ арзиши дороиҳои соҳаи саноат дар бисёре аз солҳо ғайриқаноатбахш мебошад. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки дар баробари зиёд шудани дороиҳо, фоида афзоиш наёфтааст, яъне самаранок истифодабарии дороиҳо таъмин карда нашудааст. Нишондиҳандаи зарар низ ба ҳар як нафар корманди саноатӣ, як сомонии фонди музди меҳнат ва ба ҳар як сомонии арзиши дороиҳои соҳаи саноат нисбатан манфӣ мебошад.

Ҳамин тавр, барои дар сатҳи қаноатбахш ҳавасманд гардонидани кормандони корхонаҳои саноатии вилоят самаранок истифодабарии дороиҳоро дар ҳама самтҳои фаъолият муҳим мешуморем. Ноил гардидан ба натиҷаҳои молиявии мусбӣ, ки имконияти ҳавасмандгардонии моддии доираи васеи кормандонро дорад, самаранок истифодабарии дороиҳоро талаб менамояд.

**Ҷадвали 2.3.3.-Тамоюли музди меҳнати номиналӣ ва ҳақиқии кормандони корхонаҳои саноатӣ**

| Нишондиҳандаҳо / Солҳо | Музди меҳнати номиналӣ, сомонӣ | | | | | | Индекси нархҳои истеъмолӣ | Музди меҳнати ҳақиқӣ, сомонӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | Вилояти Хатлон | | | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | Вилояти Хатлон | | |
| | I. | II. | III. | I. | II. | III. | | I. | II. | III. | I. | II. | III. |
| 2014 | 824,58 | 1479,73 | 1317,01 | 527,96 | 1187,76 | 1581,37 | 106,1 | 777,2 | 1394,6 | 1241,3 | 497,6 | 1119,5 | 1490,4 |
| 2015 | 962,77 | 1900,57 | 1306,56 | 765,62 | 1696,37 | 1584,72 | 105,8 | 909,8 | 1796,4 | 1234,9 | 723,6 | 1603,4 | 1497,8 |
| 2016 | 1139,28 | 1988,92 | 1378,85 | 967,31 | 1558,78 | 1584,81 | 105,9 | 1075,8 | 1878,1 | 1302,0 | 913,4 | 1471,9 | 1496,5 |
| 2017 | 1273,88 | 2374,49 | 1617,29 | 1112,13 | 1638,24 | 1796,10 | 107,3 | 1187,2 | 2212,9 | 1507,3 | 1036,5 | 1526,8 | 1673,9 |
| 2018 | 1460,02 | 2422,03 | 1676,52 | 1465,51 | 2050,12 | 1978,32 | 103,8 | 1406,6 | 2333,4 | 1615,1 | 1411,8 | 1975,1 | 1905,9 |
| 2019 | 1580,28 | 2597,48 | 2034,10 | 1520,17 | 1930,25 | 2088,28 | 107,9 | 1464,6 | 2407,3 | 1885,2 | 1408,9 | 1788,9 | 1935,4 |
| 2020 | 1698,28 | 2446,63 | 2299,88 | 1490,51 | 2022,45 | 2281,66 | 108,6 | 1563,8 | 2252,9 | 2117,8 | 1372,5 | 1862,3 | 2101,0 |
| 2021 | 1995,53 | 2840,75 | 2770,52 | 1574,80 | 2105,23 | 3126,05 | 109,0 | 1830,7 | 2606,2 | 2541,8 | 1444,8 | 1931,4 | 2867,9 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.–С.68; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2022.– С.132, 145.

**Эзоҳ:**

I. Саноати маснуотбарор;

II. Саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал;

III. Саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Дар шароити корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон яке аз намудҳои асосии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат  ин музди меҳнат мебошад. Аммо, дар баробари ҳаҷми нокифоя ва зери таъсири гаронии нархи молу хизматрасонӣ қарор доштан музди меҳнат, пардохтпазирии кормандони корхонаҳои саноатӣ таъмин карда намешавад (ҷадв. 2.3.3.).

Маълумотҳои омории ҷадвали 2.3.3. нишон медиҳанд, ки музди меҳнати номиналии кормандони саноатӣ, чун музди меҳнати номиналии кормандони дигар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақа, то кунун дар сатҳи ғайриқаноатбахш боқӣ мондааст. Музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят дар муқоиса ба кормандони соҳаи саноати ҷумҳурӣ аз фарқиятҳо холӣ нест. Танҳо музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва оби вилоят нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ баланд асту халос.

Ҳисобкуниҳо нишон доданд, ки зери таъсири нархҳои истеъмолӣ музди меҳнати номиналии кормандон ба ҳисоби миёна ҳамасола ба андозаи 6,8% коҳиш ёфтааст. Яъне музди меҳнати номиналӣ ва ҳақиқии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят дар чунин сатҳ наметавонанд самараи меҳнатро зиёд намоянд. Пурсишҳои иҷтимоии гузаронидашуда дар корхонаҳои саноатии вилоят: ҶДММ «Хима- текстил», ҶДММ «ШБИ Ҷунгтсай моҳир семент», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар ва ҶСП «Ҷунгтсай Данғара Текстил»-и ноҳияи Данғара нишон доданд, ки сабаби асосии норозигии кормандон (мавқеи 71,6%-и пурсидашудагон) аз фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои мазкур ҳаҷми маоши нокифоя мебошад. Ҳолати ҷойдошта аз он шаҳодат медиҳад, ки музди меҳнати қаноатбахш омили асосии ҳавасмандии кормандон нисбат ба меҳнат мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки 81,5%-и пурсидашудагон такмили низоми ҳавасмандгардониҳоро аз афзоиши маоши вазифавӣ вобаста медонанд. Вобаста ба ин, зарурати таъмини пардохтпазирии воситаҳои ҳавасмандгардонии ба кормандон додашуда пеш меояд, аз ҷумла индексатсияи музди меҳнати кормандон дар шароити таваррум, ҷорӣ намудани пардохтҳои ҷубронӣ ва дигар чораҳо. Нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳои саноатии вилоят дар ҷадвали 2.3.4. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.3.4. -Нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| Нишонди-ҳандаҳо / Солҳо | Ҳосилнокии меҳнат, сомонӣ | Даромад-нокии корхонаҳо, сомонӣ | Даромад-нокии кормандон, сомонӣ | Даромад-нокии маҳсулоти саноатӣ, сомонӣ | Меҳнат-ғунҷоиши маҳсулоти саноатӣ, дақиқа |
|---|---|---|---|---|---|
| 2014 | 227,8 | 3,6 | 2867,4 | 0,01 | 3,2 |
| 2015 | 286,1 | 151,4 | 10105,1 | 0,07 | 2,7 |
| 2016 | 301,0 | 35,4 | 13572,3 | 0,04 | 2,7 |
| 2017 | 367,8 | 79,4 | 46376,6 | 0,12 | 2,1 |
| 2018 | 434,8 | 29,5 | 58899,5 | 0,12 | 1,9 |
| 2019 | 505,7 | 66,0 | 62575,0 | 0,12 | 1,6 |
| 2020 | 502,7 | 113,2 | 65821,6 | 0,13 | 1,6 |
| 2021 | 600,7 | 109,4 | 64511,7 | 0,11 | 1,6 |
| 2021/2014 маротиба | 2,6 | 30,4 | 22,5 | 11,0 | 0,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори расмии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.–С.123.; маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С.93-97, 220-225.

Аз рақамҳои ҷадвал бар меояд, ки ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят дар давоми солҳои 2014-2021 мунтазам баланд гардида, ба андозаи 20,4% афзоиши миёнасолона дорад. Даромаднокии корхонаҳои соҳа бошад, нисбатан дар соли 2015, 2020 ва 2021 дар сатҳи баланд қарор дорад. Даромаднокии кормандон низ дар солҳои таҳлилшуда мунтазам баланд гардида, ҳамасола дар ҳаҷми 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Даромаднокии маҳсулоти саноатӣ аслан дар солҳои охир (2017-2021) нисбатан зиёд гардидааст. Дар баробари он, ки нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар давраи таҳлилшуда мусбӣ мебошанд, аммо на дар сатҳе, ки аз фаъолияти босамари кормандон бар меояд. Вобаста ба ин, баланд бардоштани ҳавасмандгардонии моддии кормандонро бо мақсади афзоиши самаранокии меҳнат муҳим мешуморем. Меҳнатғунҷоиши маҳсулоти саноатӣ сол то сол коҳиш ёфта, соли 2021 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 50% кам гардидааст. Тамоюли нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.4. дар диаграммаи 2.3.1. оварда шудааст.

Аз маълумоти диаграммаи 2.3.1. бар меояд, ки аксарияти нишонди-ҳандаҳои натиҷавии корхонаҳои саноатии вилоят тамоюли мусбӣ доранд.

Нишондиҳандаи меҳнатғунҷоиши маҳсулоти саноатӣ бошад, ҳамасола ба ҳисоби миёна 6,25% тамоюли коҳишёбӣ дорад. Аз нигоҳи мо, ҳолати мазкур то андозае аз пешрафти илмию техникии корхонаҳои саноатии вилоят вобаста мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои натиҷавии дар диаграмма овардашуда амалкарди низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатии вилоят муҳим мешуморем.




**Диаграммаи 2.3.1. -Тамоюли нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо %**

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори расмии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.–С.123.; маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – С.93-97, 220-225.

**Ҷадвали 2.3.5. -Таносуби музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят нисбат ба даромади як нафар аъзои хонавода ва музди меҳнати ҳадди ақал**

<table>
<tr><th rowspan="3">Нишондиҳандаҳо / Солҳо</th><th rowspan="3">Даромади як нафар аъзои хонавода, сомонӣ</th><th rowspan="3">Музди меҳнати ҳадди ақал, сомонӣ</th><th rowspan="3">Таносуби даромади як нафар узви хонавода ва музди меҳнати ҳадди ақал, маротиба</th><th colspan="6">Таносуби музди меҳнати номиналӣ нисбат ба:</th></tr>
<tr><th colspan="3">даромади як нафар узви хонавода, маротиба</th><th colspan="3">музди меҳнати ҳадди ақал, маротиба</th></tr>
<tr><th>I.</th><th>II.</th><th>III.</th><th>I.</th><th>II.</th><th>III.</th></tr>
<tr><td>2014</td><td>323,64</td><td>250,0</td><td>1,3</td><td>1,6</td><td>3,7</td><td>4,9</td><td>2,1</td><td>4,7</td><td>6,3</td></tr>
<tr><td>2015</td><td>297,61</td><td>250,0</td><td>1,2</td><td>2,6</td><td>5,7</td><td>5,3</td><td>3,1</td><td>6,8</td><td>6,3</td></tr>
<tr><td>2016</td><td>351,14</td><td>400,0</td><td>0,9</td><td>2,7</td><td>4,4</td><td>4,5</td><td>2,4</td><td>3,9</td><td>4,0</td></tr>
<tr><td>2017</td><td>374,12</td><td>400,0</td><td>0,9</td><td>3,0</td><td>4,4</td><td>4,8</td><td>2,8</td><td>4,1</td><td>4,5</td></tr>
<tr><td>2018</td><td>409,78</td><td>400,0</td><td>1,0</td><td>3,6</td><td>5,0</td><td>4,8</td><td>3,7</td><td>5,1</td><td>4,9</td></tr>
<tr><td>2019</td><td>475,72</td><td>400,0</td><td>1,2</td><td>3,2</td><td>4,1</td><td>4,4</td><td>3,8</td><td>4,8</td><td>5,2</td></tr>
<tr><td>2020</td><td>518,19</td><td>400,0</td><td>1,3</td><td>2,9</td><td>3,9</td><td>4,4</td><td>3,7</td><td>5,1</td><td>5,7</td></tr>
<tr><td>2021</td><td>684,17</td><td>400,0</td><td>1,7</td><td>2,3</td><td>3,1</td><td>4,6</td><td>3,9</td><td>5,2</td><td>7,8</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.– С.68; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2022.– С.12,116.

**Эзоҳ:**

I. Саноати маснуотбарор;

II. Саноати куҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал;

III. Саноати таъминоти барқ, газ ва об.

Омили калидии ҳавасмандгардонии моддии кормандон, ки ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардониро муайян менамояд, музди меҳнати ҳадди ақал мебошад. Динамикаи музди меҳнати ҳадди ақал ба шароити ҳавасмандгардонии моддӣ таъсир расонида, пардохтпазирӣ ва ё нокифоягии бузургии ҳавасмандгардонии моддиро муайян менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани сатҳи қаноатбахшии музди меҳнат арзёбии бозоргирии музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоятро дар муқоиса бо даромади як нафар узви хонавода ва музди меҳнати ҳадди ақал дар ҷадвали 2.3.5. пешниҳод менамоем.

Аз рақамҳои ҳисобкардашуда бар меояд, ки музди меҳнати номиналии кормандони корхонаҳои саноатии вилоят, дар маҷмӯъ, барои афзоиши самараи меҳнат кифоя нест. Дар байни зерсоҳаҳои саноати вилоят музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноати маснуотбарорӣ нисбат ба кормандони дигар зерсоҳаҳои саноат камтар аст. Суръати афзоиши музди меҳнати номиналии кормандон нисбат ба суръати афзоиши даромади як нафар аъзои хонавода паст мебошад. Аз дигар тараф, ин ҳолат номунтазамии ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро аз ҳисоби музди меҳнати номиналӣ дар назар дорад. Ҳолати мазкур метавонад ба ҳосилнокии меҳнат таъсири манфӣ расонад, агар дар корхонаҳои саноатии вилоят дигар намудҳои ҳавасмандгардонии модии меҳнат пешбинӣ нашуда бошад. Музди меҳнати ҳадди аққал, бинобар сабаби бузургии нисбатан назарнорас доштан, аз мавқеи зиёд накардани ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ то як андоза омили манфӣ арзёбӣ мегардад. Ба ақидаи мо, дар чунин шароит корхонаҳои саноатии вилоятро зарур аст, ки сатҳи музди меҳнати номиналиро баланд бардоранд ва ё дигар намудҳои ҳавасмандгардониҳои моддиро роҳандозӣ намоянд.

Таҳлилу арзёбии низоми омилҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон нишон дод, ки сатҳу сифати ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар ин корхонаҳо аз як қатор шароиту омилҳои таъсиррасон вобаста мебошад, ки муҳимтарини онҳо сатҳи

кифоянокии воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва ҷуброни қисми даромади коҳишёфтаи кормандон маҳсуб меёбанд.

## Хулосаи боби II.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи муосир, муаммоҳо ва омилҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба мо муяссар шуд, то хулоса ва пешниҳодҳои зеринро ҷиҳати ошкор намудани ҳолати воқеии ҳавасмандгардониҳо, роҳҳои бартарафкунии мушкилоти ҷойдошта ва дарёфти шароиту имкониятҳои рушди низоми ҳавасмандгардонӣ таҳия намоем:

1. Новобаста аз рушди соҳаи саноат (16%-рушди миёнасолона), зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ (зиёда аз 640 адад) нишондиҳандаи музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддии кормандон то кунун дар сатҳи нокифоя боқӣ мондааст. Дар тӯли давраи таҳлилшуда (2014-2021) нишондиҳандаи фоида дар соҳаҳои саноати вилоят дар ҳолати динамикӣ қарор дошта, ба корхонаҳои саноати маснуотбарор муяссар гардидааст, то фоиданокиро аз тариқи экстенсивӣ ва корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об-бо роҳи интенсивӣ таъмин намоянд. Дар ин давра шумораи корхонаҳои зерсоҳаҳои саноати минтақа, ки зарар гирифтаанд, коҳиш ёфта, ҳаҷми зарар зиёд гардидааст.

2. Муайян гардид, ки дар шароити пешрафти илму техникаи ҳозиразамон корхонаҳои саноатии вилоят аз имкониятҳои инноватсионӣ истифода накардаанд, баръакс, арзиши заминаҳои моддию техникии корхонаҳои соҳа дар баъзе аз солҳои таҳлилшуда тамоюли коҳишёбӣ дорад. Аммо, дар маҷмӯъ, ин нишондиҳандаи корхонаҳои соҳа мусбӣ арзёбӣ карда мешаванд. Дороиҳои корхонаҳои саноати маснуотбарор соли 2021 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 11 маротиба зиёд гардидаанд. Ин рақам дар корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ, истихроҷи кони санг ва шағал ба 7,3 ва дар корхонаҳои саноати таъминоти барқ, газ ва об-ба 1,8 баробар аст.

3. Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ давоми солҳои таҳлилшуда (2015-2021) ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад. Шумораи

кормандони зерсоҳаҳои саноати вилоят коҳиш ёфта, музди меҳнат ба ҳисоби миёна 2% афзоиш ёфтааст, ки барои афзоиши самараи меҳнат қаноатбахш буда наметавонад. Ҳамчунин, ҳавасмандгардонии моддӣ дар намуди музди меҳнат бо сабаби ҷой доштани ҳаҷми ғайриқаноатбахш ба натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ бетаъсир боқӣ мондааст. Дар чунин шароит афзоиши назарраси (ҳадди аққал 15%-и солона) ҳаҷми музди меҳнат ва ё ба низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатии вилоят ворид намудани подошҳои пурракунандаи ҳаҷми нокифояи музди меҳнатро тавия менамоем.

4. Маълумотҳои омории давраи таҳқиқшуда (2014-2021), аз ҷумла солҳои охир нишон доданд, ки рушди босуръати соҳаҳои хизматрасонӣ ва саноат омили асосии афзоиши сатҳи музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Данғара, Ховалинг, Бохтар, Ёвон ва Темурмалик гардидааст. Номувофиқии баъзе аз нишондиҳандаҳои арзишию миқдории низоми ҳавасмандгардонии кормандони саноатии ҷумҳурӣ, ки дар шароити номусоиди меҳнатӣ фаъолияти меҳнатӣ анҷом медиҳанд, ба чашм мерасад.

5. Муайян карда шуд, ки бо истиснои корхонаҳои саноати маснуотбарор, ки дар онҳо афзоиши миёнасолонаи фонди музди меҳнат дар ҳаҷми 49,0% дида мешавад, дар тӯли солҳои 2014-2021 афзоиши назарраси фонди музди меҳнат дар корхонаҳои дигар зерсоҳаҳои саноати минтақа ба чашм намерасад. Дар баробари ин, дар корхонаҳои соҳа қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат ҷой дорад. Муайян гардид, ки ҳолати мазкур бо иллати риоя нагардидани муқаррароти моддаи 140-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пардохти саривақтии уҳдадории музди меҳнатро, новобаста аз ҳолати молиявии корфармо, дар назар дорад, вобаста мебошад.

6. Маълум гардид, ки арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон тамоюли мусбӣ дорад, аз ҷумла афзоиши маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ аз 269,9 сомонии соли 2014 то ба 510,9 сомонӣ дар соли 2021 расидааст; фонди музди меҳнат дар ме давра ба андозаи 1,9 маротиба афзоиш ёфтааст ва дигар ҳолатҳои ба инҳо

монанд. Новобаста ба майли мусбии нишондиҳандаҳои зикршуда, ҳаҷми онҳо то ба ҳол қаноатбахш нест ва самараи меҳнатро низ таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, дар баробари истифодаи дигар имкониятҳои ҷойдошта яке аз роҳҳои нисбатан босамари ҳавасмандгардонӣ-ба шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқ намудани фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад, ки метавонад ҳавасмандии кормандони саноатиро барои иҷрои меҳнати пурмаҳсул таъмин намояд.

7. Аз маълумоти таҳлилилии пурсиши гузаронидашуда маълум гардид, ки сабаби асосии норозигии кормандон (мавқеи 71,6%-и пурсидашудагон) аз кор дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ҳаҷми маоши нокифоя мебошад. Ба сифати омилҳои ба натиҷаи меҳнат дар сатҳи баланд таъсиркунанда 60%-и пурсидашудагон кӯшишҳои шахсиро дар назар доранд. Пурсиши гузаронидашуда нишон дод, ки 49,9%-и хизматчиён ва 38,1%-и кормандон нисбати низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳое, ки дар корхонаҳои саноатии вилоят ҷой доранд, ба пуррагӣ қаноатманд нестанд. Такмили низоми ҳавасмандгардониҳоро дар корхонаҳои саноатӣ 81,5%-и пурсидашудагон-аз афзоиши маоши вазифавӣ, 58,7%-аз зиёд намудани андозаи бонуспардохтҳо ва 52,8%-и пурсидашавандагон-аз зиёд намудани пардохтҳои иҷтимоии пешниҳодшаванда вобаста медонанд. Аз натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардид, ки такмили низоми ҳавасмандгардониҳо аз бисёр ҷиҳат ба унсурҳои моддии ҳавасмандгардонӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, рушди ҳавасмандгардониҳои моддӣ омили асосии баландбардории самараи меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақа маҳсуб меёбад.

8. Омилҳои мустақими ҳавасмандгардонии моддӣ ва дигар омилҳои ғайримустақиме, ки барои ҳавасмандгардонии моддии кормандон шароиту имкониятҳоро фароҳам месозанд, муайян ва ошкор карда шуданд.

9. Сатҳи ғайриқаноатбахши музди меҳнат ва низоми номукаммалӣ дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ имконияти ҷалби қувваи кории баландихтисосро надорад. Подошдиҳии моддӣ аз қисми доимии (музди меҳнати номиналӣ)-и ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои мазкур

ҳамасола тамоюли афзоишёбӣ дошта, подошҳои моддӣ аз қисми ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда дар ҳолати шахшуда боқӣ мондаанд. Зиёд намудани подошдиҳии моддиро аз қисмати тағйирёбандаи ҳавасмандгардонӣ дар заминаи самаранок истифодабарии дороиҳо ва афзоиши даромаднокии онҳо омили мусбӣ меҳисобем.

10. Муайян карда шуд, ки зери таъсири манфии нархҳои истеъмолӣ музди меҳнати ҳақиқии кормандон дар давраи таҳлилшуда (2014-2021) ба ҳисоби миёнасолона ба андозаи 6,8% коҳиш ёфтааст. Аз ин рӯ, индексатсияи музди меҳнати кормандон дар шароити таваррум, ҷорӣ намудани пардохтҳои ҷубронӣ ва дигар чораҳои мувофикро муҳим мешуморем.

11. Ошкор карда шуд, ки низоми комил ва қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон имконият медиҳад, то устувории нишондиҳандаҳои натиҷавии корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шавад. Мутаассифона, нишондиҳандаҳои натиҷавӣ-ба монанди ҳосилнокии меҳнат, даромаднокии корхонаҳо, кормандон ва маҳсулоти саноатӣ дар сатҳе қарор доранд, ки зиёд намудани воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва ҷорӣ намудани низоми прогрессивии ҳавасмандгардонӣ ғайриимкон мебошад.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

## 3.1. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон

Афзоиши самараи меҳнати кормандон аз низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вобастагии зиёд дорад, чунки талаботи рӯзафзуни моддии кормандон шаклу намудҳои навини ҳавасмандгардониеро талаб менамояд, ки сатҳи баланди қаноатмандӣ дошта бошанд. Низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд тавре бошад, ки барои ба пуррагӣ ҷорӣ намудани намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардониҳои моддии кормандон мусоидат намояд. Барои руйи кор овардани чунин низоми ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳо таҳқиқи самтҳои афзалиятнок ба манфиати кор мебошад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар зербобҳои қаблӣ имконият дод, то низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро муайян ва фаҳмиши онро бо мазмуни зерин пешниҳод намоем: низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҷмӯи ҳавасмандгардониҳоеро фаро мегирад, ки вобаста ба натиҷаҳои босамари меҳнат аз ҷониби корфармо ҷорӣ карда мешавад.

Дар баробари рушди иқтисодиёт, талаботи моддии захираҳои меҳнатӣ низ афзоиш меёбад. Вобаста ба ин, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар шароити муосир бояд талаботи моддии кормандонро ба пуррагӣ қонеъ гардонида тавонад. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати ҷумҳурӣ дар шароити кунунӣ намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳо, аз ҷумла музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, мукофотпулиҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардониро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, низоми ҳавасмандгардониҳои моддӣ бояд комил бошад, то барои татбиқи ҳавасмандгардониҳо мусоидат намояд. Низоми комил ва муносиби ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мувофиқ мебошад, дар расми 3.1.1. пешниҳод шудааст.




**Расми 3.1.1. - Низоми мукаммал ва тавсияшавандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки ба шароити муосири фаъолияти ҳавасмандгардонӣ мувофиқ буда, подошдиҳии моддии кормандонро барои самараи меҳнат дар ҳама гуна ҳолат пешбинӣ менамояд, дар расми 3.1.1. оварда шудааст. Низоми овардашуда ҳавасмандгардонии моддии кормандони саноатиро барои иҷрои меҳнати муқаррарӣ ва афзоиши самараи меҳнат дар назар дорад. Тибқи ин низом, кормандон барои собиқаи зиёди корӣ ва сатҳи тахассусмандӣ низ бояд ҳавасманд гардонида шаванд. Кормандоне, ки дар шароити ғайримуқаррарии меҳнат низ ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд бо назардошти меъёрҳои амалкунанда ҷубронпулиҳоро дастрас менамоянд. Ҳамчунин, низоми мазкур дар асоси тартиботи қонунгузории меҳнатии ҷумҳурӣ ва санадҳои дохилии корхонаҳои саноатӣ пардохтҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳоро низ пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тавр, низоми зикршуда тағйирпазир буда, бо назардошти пешрафти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва шароити молиявию пардохтпазирии корхонаҳои саноатии минтақа метавонад дигаргун шавад. Чунки самаранокии низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандон аз бисёр ҷиҳат аз тағйироти мусбии он вобаста буда, бо дигаргуншавии шароитҳои дохилию берунӣ он бояд унсурҳои баландиқтидори ҳавасмандгардониро дар бар гирад.

Ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон аз натиҷаҳои молиявии корхона вобаста буда, натиҷаҳои фаъолият ҳиссаи шахсии ҳар як корманд мебошанд, ки бо мақсади фардикунонии музди меҳнат ба даст оварда мешаванд. Амали қаноатбахши механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки ба талаботи кормандони корхона муносиб мебошад, аз бисёр ҷиҳат ба музди меҳнат вобаста мебошад. Музди меҳнат ҳамчун унсури асосии низоми ҳавасмандгардонӣ бояд ҳаҷми воситаҳои пулиеро дар бар гирад, ки барои бозтавлиди пурраи қувваи кории кормандони корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд. Чунки дар сурати ғайриқаноатбахш будани ҳаҷми музди меҳнати асосии корманд ҳавасмандгардонии иловагӣ самараи иқтисодӣ надорад. Агар корманди корхонаи саноатӣ воситаҳои нисбатан нокифояро аз музди меҳнати

асосӣ барои бозтавлиди қувваи худ ба даст орад, пас воситаҳои ҳавасмандгардонии моддии иловагӣ ҳамчун ҷузъи пурракунандаи музди меҳнати асосии нокифоя баромад менамоянд ва он барои ҷавобан амалкарди фаъоли корманд таъсирнок буда наметавонад. Ҳамчунин, дар ҳоле, ки корманд мунтазам музди меҳнати ҳаҷман калони беасосро ба даст меорад, ҳавасмандгардонии моддӣ низ наметавонад фаъолнокии онро бо меҳнат таъмин кунад. Хулоса, дар ҳад ду ҳолати зикршуда меҳнати корманд самара дода наметавонад.

Муҳим будани музди меҳнат ҳамчун усули ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар таҳқиқоти профессор Усманова Т.Ҷ. нақши марказӣ дорад. Иқтисодчии ватанӣ қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои калидии рушди иқтисодиёт зиёд намудани даромадҳои меҳнатии аҳолӣ мебошад, алалхусус, аз тариқи ислоҳоти низоми ташкили пардохти меҳнат ва бунёду истифодаи механизми танзими пардохти меҳнат[59]. Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки Усманова Т.Ҷ. аз мавқеи ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ чунин назари илмӣ дорад: музди меҳнат бояд механизми воқеӣ ва чандирии бозорӣ бошад, то байни қувваи корӣ тақсим карда шуда, самаранок истифода бурда шавад.

Аз нуқтаҳои зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат-фаъолияти босамари унсури калидии он, яъне низоми музди меҳнати асосӣ (кафолатнок) баромад менамояд. Аслан музди меҳнати асосӣ-воситаи баландбардории сатҳи зиндагӣ баромад намуда, моҳияти иҷтимоии фардро дар ҷомеа зиёд менамояд.

Дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки баланд бардоштани самараи меҳнати кормандонро барои давраи дарозмуддат таъмин менамояд, мунтазамии фаъолияти ҳавасмандгардонӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар

---

[59] Усманова Т.Дж. Теоретические вопросы функционирования и особенности рынка труда в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соискание ученой степени доктора экономических наук // Т.Дж. Усманова– Душанбе, 2006 г.– С.23.

шароити қаноатбахш набудани музди меҳнати асосии кормандони корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддӣ (дар доираи давраи муайян) ба манфиати кор мебошад. Вобаста ба ин, дар расми 3.1.2. низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат оварда шудааст.




**Расми 3.1.2. Низоми мунтазам амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат**
**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Тавре аз унсурҳои низоми дар расми 3.1.2. овардашуда дида мешавад, мунтазам амалкунии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро пайдарпайии мантиқии амали унсурҳои зерин таъмин менамояд: а) ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар навбати худ самараи меҳнати кормандонро ба вуҷуд меорад; б) афзоиши самараи меҳнат боис мегардад, то барои рушди фаъолияти корхонаи саноатӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад; в) тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар навбати худ такроршавии ҳавасмандгардониҳои қаблӣ ва ё ҷорӣ намудани намудҳои нави

ҳавасмандгардонӣ, ки ба шароити кунунӣ мувофиқ мебошанд, таъмин менамояд.

Баробари пешрафти иқтисодиёт талаботи захираҳои меҳнатӣ низ зиёд мешавад, ки ҳолати мазкур татбиқи низоми бисёрҷабаҳаи ҳавасмандгардониро талаб менамояд. Чунин мавқеъро иқтисодчии ватанӣ Хуҷамқулов Р.Б. ҷонибдорӣ намуда, чунин назари илмӣ доранд, ки дар шароити рушди иқтисоди ҷаҳонӣ қонеъ намудани талаботи захираҳои меҳнатӣ аз тариқи пардохти музди меҳнати асосӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнат ҳолати объективӣ мебошад[60]. Бо назардошти нақши марказӣ доштани музди меҳнати асосӣ дар низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат рафти ташаккулёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатӣ дар расми 3.1.3. пешниҳод менамоем.

Дар расми 3.1.3. ҷараёни ташаккулёбии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ оварда шудааст.




**Расми 3.1.3. Ҷараёни ташаккулёбии унсурҳои низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

[60] Худжамкулов Р.Б. // Теоретические основы рыночного распределения дохода в переходной экономике//вестник ГУУ №23, -2013 .-126-133.

Аз унсурҳои дар расм овардашуда маълум мегардад, ки кормандон, вобаста ба ҳаҷми меҳнати иҷрокарда, дар асоси низоми пардохти меҳнат мукофоти моддиро дар намуди музди меҳнат ҳамчун қисми заминавии мукофотонии моддӣ ба даст меоранд.

Ҳавасмандгардониҳое, ки аз қисмати тағйирёбанда дода мешаванд, аз шароиту омилҳои гуногун вобаста мебошанд. Вобаста ба ин, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон, ки аз қисмати тағйирёбанда сарчашма мегирад, нисбатан мураккаб мебошад. Унсурҳои низоми ҳавасмандгардонии ба қисмати тайирёбанда вобастабуда имконияти зиёди тағйирёбӣ доранд, аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатӣ ба инобат гирифтани чунин тағйирёбӣ мебошад. Чунки мушкилоти асосии бесамар будани ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар бисёре аз корхонаҳо ба эътибор нагирифтани чунин ҳолат мебошад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаҳои зикршуда хулоса карда, пешниҳод менамоем, ки низоми ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо назардошти шароиту имкониятҳои корфармо ва кормандон унсурҳои ҳавасмандгардонии дар расм овардашуда ва дигар унсурҳои мувофиқро бояд пешбинӣ намояд.

Дар шароити муосир низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят бояд тавре амал намояд, ки ҳосилнокии меҳнати хусусияти инноватсионидоштаро таъмин кунад. Корхонаҳои саноатии минтақаро зарур аст, ки бо мақсади баландбардории самаранокии меҳнати кормандон талаботи моддии онҳоро беш аз пеш қонеъ намоянд. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, то ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад (расми 3.1.4.).

Тавре аз расми 3.1.4. дида мешавад, ҳавасмандгардонии моддии кормандон бояд дар чор сатҳ амалӣ карда шавад. Ҳар як сатҳ доираи муайяни худро дошта, вобаста ба тарафи ҳавасмандгардонанда ва натиҷаҳои мусбии меҳнатӣ, аз якдигар фарқ менамояд. Кормандони саноатӣ барои фаъолияти меҳнатии босамар ва хусусияти инноватсионидошта на танҳо аз ҷониби сохторҳои алоҳидаи корхона, инчунин аз ҷониби роҳбарияти олии корхона ва ҳатто мақомоти ваколатдори соҳа бояд ҳавасманд гардонида шаванд. Самараи меҳнати кормандони корхонаҳои

саноатӣ дар маҷмӯъ, ба пешрафт ва рушди соҳаи саноати минтақаи Хатлон ва ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи мақомотҳои болоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**АМСИЛАИ ЧОРСАТҲАИ НИЗОМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ**

**Сатҳи I.** → Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи коллективи кормандони муваффақи соҳаи саноат аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии соҳа (Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои ноилгардӣ ба зинаҳои баландтарини таъсиррасонӣ ба пешрафт ва рушди соҳаи саноат, ки ба нерӯи инноватсионии меҳнат асос меёбад.

**Сатҳи II.** → Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи коллективи корхона баҳри таъмини даромаднокӣ, пардохтпазирӣ ва устувории молиявии корхона дар доираи меъёрҳои муайяншуда ва дар заминаи иҷрои меҳнати инноватсионӣ.

**Сатҳи III.** → Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи коллективи сохторҳои алоҳидаи корхона барои ноилгардӣ ба меъёрҳои муайяни нишондиҳандаҳои пешрафти фаъолияти сохторҳои мазкур, ки бар маҳсули меҳнати инноватсионӣ асос меёбад.

**Сатҳи IV.** → Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи корманди алоҳида баҳри ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои меҳнати инфиродии хусусияти навгонидошта.

**Расми 3.1.4. Амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ**
**Сарчашма*:*** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Чунки афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон дар заминаи самаранокии низоми ҳавасмандгардонӣ таъмин карда мешавад. Перомуни самаранокии низоми ҳавасмандгардонии меҳнат иқтисодчиёни ватанӣ Комилов С.Ҷ., Шодибеки С. ва Шарипов Б.К. ибрози назар кардаанд. Онҳо қайд менамоянд, ки дар шароити фаъолгардии ҷараёнҳои инноватсионии соҳаи саноат яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва рушди идоракунии шуғли аҳолӣ-ин баландбардории самаранокии низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони

соҳаҳои саноат маҳсуб меёбад[61]. Низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд ҳаҷми қаноатбахши воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва механизми муносиби расонидани воситаҳои мазкурро ба кормандон барои иҷрои меҳнати хусусияти навгонидошта дар бар гирифта, барои рушди шуғли инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатии вилоят мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи маводи дастрасшуда дар ин қисмати диссертатсия ба мо имконият дод, то самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор намоем, аз ҷумла:

1.Ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар сатҳе ба роҳ монда шавад, ки он тавонад натиҷаи мусбии фаъолияти меҳнатии дастаҷамъӣ ва самараи меҳнати ҳар як кормандро нишон диҳад.

2.Мукофотонӣ барои ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои муайяни фаъолияти корхонаи саноатӣ бояд чандир, характери ҳавасмандӣ ва барои расидан ба маҳсули инноватсионии меҳнат нерӯи устувор дошта бошад.

3.Низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ бояд дақиқу одилона амал намуда, ҳама кормандони корхонаро фаро гирад ва пардохти саривақтиро таъмин намояд.

4.Ҳавасмандгардониҳо бояд ба натиҷаҳои мусбии нишондиҳандаҳое, ки дар нақшаҳои стратегии корхонаҳои саноатӣ нишон дода шудаанд (пеш аз ҳама истиҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ), алоқамандии зич дошта бошанд.

5.Ҳавасмандгардонӣ тавре ба роҳ монда шавад, ки майлу хоҳиши кормандро ба меҳнати маҳсулнок ва афзоиши самараи меҳнат (афзоиши маҳсули инноватсионӣ) зиёд намояд, яъне ҳавасмандгардонӣ барои барқарор намудани нерӯи корӣ бояд мусоидаткунанда бошад.

6.Ҳавасмандгардонии моддӣ бояд тамоюли мусбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии корхонаро таъмин намуда, баландшавии сатҳи некуаҳволии кормандонро таъмин намояд.

---

[61] Комилов С.Дж., Шодибеки Сафар, Шарипов Б.К. Управление занятостью населения в условиях инновационного развития промышленности. / С.Дж. Комилов, Шодибеки Сафар, Б.К. Шарипов. Монография.-Душанбе: ГУП «Матбаа». – 2021.– С.32.

Тавре дар қисмати рузмаррагии таҳқиқот қайд намудем, дар шароити корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ва манотиқи он ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ бартарияд дорад. Вобаста ба ин, низоми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои саноатии минтақа бояд усулҳои ҳавасмандгардонии моддиро бештар дар бар гирад. Дар амалияи низоми иқтисоди бозорӣ усулҳои зиёди ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вуҷуд доранд, аммо онҳо бо назардошти муҳит ва шароити муайян самаранокии фаъолияти ҳавасмандгардонии корхонаро таъмин менамоянд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, усулҳои муносиби (оптималии) ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро, ки ба шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мувофиқ мебошанд, дар расми 3.1.5. пешниҳод менамоем.




**Расми 3.1.5. Усулҳои босамари низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**
**Сарчашма*:*** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Дар маҷмӯъ, ҳама усулҳои ҳавасмандгардоние, ки дар расми 3.1.5. оварда шудаанд, ба манфиати кормандон нигаронида шудаанд. Аммо дар шароити кунунии корхонаҳои саноатии минтақа усулҳои ҳавасмандгардоние, ки дар тарафи чапи расм оварда шудаанд, ба монанди музди меҳнат ва мукофотпулиҳо, иловапулиҳо, қарзҳои имтиёзнок ва ҷубронпулиҳо самараи мусбиашон ба шароити мусоиди ҳавасмандгардонӣ наздик мебошад. Усулҳои мазкур рафтори қонунии кормандонро нисбат ба корхона, сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат, муттаҳидии коллектив ва фаъолнокии инноватсионии кормандонро таъмин менамоянд, бинобар ин, онҳо дар низоми ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба дигар усулҳо то андозае афзалият доранд.

Усулҳои ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулӣ дар намуди ҳавасмандгардониҳои хусусияти иҷтимоидошта (додани роҳхатҳо ба кормандон; бо табобат ва хизмати нақлиётӣ фаро гирифтани кормандон; пешниҳоди  маводи хӯрока, додани предметҳои таъйиноти маишидошта ва хонаҳои истиқоматӣ), инчунин усулҳое, ки аз тариқи беҳтарсозии раванди ташкили меҳнат ва солимгардонии муҳити фаъолияти меҳнатӣ шароити мусоиди меҳнатии кормандонро таъмин менамоянд, ба самараи меҳнати кормандон низ таъсири мусбӣ мерасонанд. Аммо, бо назардошти шароити имрӯзаи корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, урфу одати миллӣ ва муҳимияти ҳавасмандгардонии пулӣ, усулҳои зикршуда дар ҷойи дуввум меистанд.

Ҳамин тавр, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки дар асоси усулҳои болозикр амал мекунад, дар ҳоле афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин менамояд, ки агар одилона, асоснок, шаффоф, инчунин вобаста ба тағйироти шароит рушдёбанда бошад.

Дар натиҷаи таҳқиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ муайян карда шуд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мазкур бояд ҳаҷми воситаҳоро дар ҳадде фарогир бошад, ки қаноатмандии талаботи моддии захираҳои меҳнатиро таъмин намояд.

## 3.2. Такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ

Дар шароити кунунӣ танзими давлатии пардохтҳои ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатӣ самти афзалиятноки танзими меъёрию ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии соҳа маҳсуб меёбад. Яке аз ҷиҳатҳои муҳими ба устуворгардии механизми идоракунии низоми ҳавасмандгардонии меҳнат мусоидаткунанда заминаҳои институтсионалии ҳавасмандгардонӣ маҳсуб меёбад. Чунки ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон дар дилхоҳ корхона аз тартиботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ маншаъ мегирад. Вобаста ба ин, такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнатро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муҳим мешуморем.

Дар низоми танзими ҳавасмандгардонии меҳнат корфармо (роҳбари корхонаи саноатӣ) нақши марказӣ дорад, чунки он пардохтҳои ҳавасмандгардониро дар сатҳи дохилӣ танзим менамояд. Тибқи қоидаҳои амалкунанда, дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ корфармо ва иттифоқи касабаи онҳо бояд ҳадафҳои ниҳоии танзими дохилии муносибатҳои ҳавасмандгардониро муайян намоянд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро зарур аст, то механизми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро руйи кор биёранд. Барои коркарди механизми мазкур муҳим мешуморем, то дар сатҳи корхонаҳои саноатии вилоят комиссия таъсис дода шавад, ки фаъолияти он бояд самтҳои зеринро дар бар гирад: омодакунии ҳуҷҷатҳои методӣ ва меъёрии ҳавасмандгардонии кормандон; ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои ба ҳавасмандгардонии кормандон масъул; ҷорӣ намудани усулҳои нави ҳавасмандгардонии моддӣ; назорати ҷараён ва чораҳои марбут ба мукаммалгардонии низом ва механизми ҳавасмандгардонии кормандон; қабули қарорҳо оид ба чораандешӣ намудани арзу шикоятҳои кормандон, ки нисбат ба низоми ҳавасмандгардонии амалкунандаи корхона раво дида шудааст; дида

баромадани устувории нишондиҳандаҳои молиявии моҳона, семоҳа ва солонаи корхона бо мақсади муайян намудани имконият ва захираҳои пулию молии ҳавасмандгардонии кормандон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои институтсионалӣ намудҳои ҳавасмандгардонии кормандонро муайян менамоянд ва ба корфармо ҳуқуқ дода шудааст, то намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониро барои дастовардҳои меҳнатӣ нисбати кормандон татбиқ намояд.

Омӯзиши асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки муайян намудани тартиби иҷрои чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар баъзе мавридҳо ба салоҳияти корфармо ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби қонун ба роҳ монда мешавад (расми 3.2.1.).

Аз маълумоти расми 3.2.1. бар меояд, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии тамоми субъектҳои дар муносибатҳои мазкур иштироккунандаро, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, ба танзим медароранд. Ҷиҳатҳои барои таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, зери таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар расми мазкур меъёрҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнат, ба монанди-шароити меҳнатӣ, кафолатҳо, пардохтҳо ва ҷуброҳои моддӣ, инчунин дигар меъёрҳо оварда шудаанд.




**Расми 3.2.1. Меъёрҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 238-ўми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба шароити меҳнат, бояд аз ҳисоби маблағҳои корфармо ба кормандони ташкилот либос ва пойафзоли махсус, дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, моддаҳои шустушӯй ва тамиз, шир, хӯроки табобатию пешгирикунанда дода шаванд. Риояи талаботи мазкур дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон имконият медиҳад, то барои кормандон шароити мусоиди корӣ таъмин гардида, ҳосилнокии меҳнат афзоиш ёбад.

Инчунин вобаста ба дигар ҳолатҳои ҷойдошта, санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ ҷиҳатҳои алоҳидаи шароити меҳнатии шаҳрвандонро муайян намудаанд. Масалан, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби музди меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷой коркунанда, аз ҷумла: пардохтани музди меҳнат вобаста ба вақти иҷрошудаи кор; муқаррар намудани супоришҳои меъёрӣ; пардохти музди меҳнат бо назардошти коэффитсиенти ноҳиявӣ ва иловапулиҳоро низ муайян ва танзим менамояд. Инчунин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 августи соли 2020 № 460 қабул шудааст, бар моддаҳои 178 ва 246 –ўми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, тартиб ва андозаи пардохти иловапулиро барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва бо усули вахтавӣ иҷрокардашаванда муайян менамояд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини шароити мусоиди меҳнатӣ ин ташхиси шароити меҳнат маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади назорати шароит ва ҳифзи меҳнат, сифати гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат, саҳеҳияти пардохти ҷубронпулӣ барои корҳои вазнин ва корҳои дорои шароити хатарнок ё зарарноки меҳнат, инчунин омода намудани таклифҳо дар бораи дохил кардани ташкилот ба гурӯҳи хатарноки касбӣ, мувофиқи натиҷаҳои сертификатсияи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхиси шароити меҳнат гузаронида мешавад.

Яке аз ҷиҳатҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати

кормандони корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои саноатии сатҳи минтақавӣ додани кафолатҳо оид ба пардохти музди меҳнат мебошад. Низоми кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандон, ки дар моддаи 141-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, низоми тарифӣ, тарофакунонии кор, инчунин, кафолати давлатии пардохти музди меҳнати кормандони бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ қарордоштаро дар бар мегирад. Меъёрҳои зикршуда кафолати ҳавасмандгардонии моддии меҳнат буда, муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардониро байни субъектҳои бозори меҳнат оид ба муайянкунии унсурҳои низоми тарифӣ, музди меҳнати гуруҳҳои алоҳидаи кормандон, вобаста ба шароити меҳнатии онҳо, танзим менамоянд. Ҳамчунин, барои гурӯҳи алоҳидаи кормандон, аз ҷумла: донорҳо, иҳтироъкорон, навоварон, кормандоне, ки барои такмили ихтисос фиристода мешаванд ва кормандони дигар кафолатҳо дода мешаванд.

Пардохтҳо ва ҷубронҳои моддӣ усулҳои татбиқи ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатии корхонаҳо буда, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои гуногуни онҳоро, вобаста ба гуруҳҳои алоҳидаи машғулин дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, алалхусус, машғулини соҳаи саноати манотиқи кишвар, муайян намудаанд.

Намудҳои ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ва дигар манотиқи кишвар, инчунин, тартиби ҷорикунии онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома ва шартномаҳои дастаҷамъона муайян менамоянд.

Яке аз ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони корхонаҳои саноатии минтақа додаанд, ҷорӣ намудани намудҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои меҳнатӣ мебошад. Ҳамчунин, роҳбарони корхонаҳои саноатӣ метавонанд дар санадҳои дохилии худ, аз ҷумла шартномаи меҳнатӣ намудҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва тартиби татбиқи онҳоро муайян намоянд.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон метавонанд дар шартномаи коллективӣ бо назардошти

имконияхои молиявию иқтисодии худ дигар шароиту имкониятҳои хусусияти ҳавасмандгардонидоштаро ҷой диҳанд, ба монанди: рухсатиҳои иловагӣ, иловапулиҳо ба нафақа, ҷуброни хароҷоти нақлиёт ва сафарҳои хизматӣ, таъмини хӯроки ройгон ё қисман пардохтшавандаи кормандон дар истеҳсолот ва фарзандони онҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии томактабӣ, имтиёзҳо ва дигар ҷубронпулиҳои иловагӣ.

Тибқи тартиботи муайяннамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 142), музди меҳнати кормандон аз ҳиссаҳои доимӣ ва тағйирёбанда иборат мебошад. Вобаста ба ин, корхонаҳои саноатии минтақа метавонанд ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро бо роҳи зиёд намудани ҳаҷми музди меҳнат ва додани иловапулиҳо, мукофотпулиҳо, ҷубронпулиҳо ҷорӣ намоянд.

Дар ҳоле, ки корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар ноҳияҳо ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиию иқлимӣ ва маишӣ қарор доранд, ба музди меҳнати кормандони онҳо коэффитсиентҳо ва иловапулиҳо муқаррар карда мешаванд. Корхонаҳои саноатии вилоятро зарур аст, ки барои корҳои вазнин, корҳо дар шароити зарарноки меҳнатӣ ва махсусан зарарнок барои кормандони худ, музди меҳнати баланд муайян намоянд. Кормандони корхонаҳои саноатии вилоят, ки ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва ё корҳои дорои шароити зарарноки меҳнатӣ машғуланд, нисбат ба кормандони дар шароити муқаррарӣ фаъолияткунанда аз тариқи баланд бардоштани музди меҳнати вазифавии онҳо, ё ин ки додани иловапулиҳо бештар ҳавасманд гардонида мешаванд.

Роҳбарони корхонаҳои саноатӣ уҳдадоранд, ки ба кормандон баҳри иҷрои уҳдадории кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда иловапулӣ диҳанд, ки ҳаҷми он набояд аз понздаҳ фоизи маоши кори якҷояшаванда камтар бошад. Кормандони саноатии дар ду ҷой коркунанда бошанд, музди меҳнатро аз рӯи натиҷаи ниҳоии кор, шартҳои пешбининамудаи шартномаҳои меҳнатӣ, инчунин бо назардошти коэффитсиентҳои ноҳиявӣ ва иловапулиҳо ба даст меоранд.

Тибқи муқаррароти муайяннамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, музди меҳнати кормандон, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ тавре муайян карда шудааст, ки он барои баланд бардоштани ҳавасмандии захираҳои меҳнатӣ нисбат ба меҳнат ва натиҷаҳои мусбии он мусоидат менамояд. Масалан, роҳ надодан ба пардохти музди меҳнат дар шакли уҳдадориҳои қарзӣ, забонхатҳо ва купонҳо; аз 20%-и маблағи умумии музди меҳнати якмоҳаи корманд зиёд набудани пардохти аслӣ; баробар будани он ба арзиши пулии музди меҳнат; инчунин мувофиқ будани пардохти аслӣ барои истеъмоли шахсӣ ва фоиданокӣ ба корманд ва аҳли оилаи ӯ.

Бо мақсади таъмини мунтазамии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар намуди музди меҳнат, пардохтҳои кафолатнок ва ҷубронпулиҳо, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои саноатии минтақа вазифадоранд, ки фонди захиравии музди меҳнатро таъсис диҳанд ва дар шароити аз даст додани пардохтпазирӣ аз он истифода намоянд.

Тибқи талаботи амалкунандаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат, корхонаҳои саноатӣ наметавонанд аз кӯмакпулиҳои яквақта ва ҷубронпулӣ, ки барои кормандон пешбинӣ карда шудаанд, истифода баранд.

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои моддии кормандони то синни 18 сола санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат корфармоёнро (роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоятро) уҳдадор менамояд, ки ба кормандони синну соли зикршуда то сатҳи музди меҳнати кормандони давомнокии пурраи рӯзи коридошта иловапулӣ пардохт намояд.

Бо мақсади таъмини солимии кормандон роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоят уҳдадоранд, ки то ба итмом расидани 11 моҳи корӣ бо ҳоҳиши кормандони дорои роҳхати санаторию курортидошта рухсатии меҳнатӣ пешниҳод намоянд. Ҳамчунин ба кормандони аз профилакторияҳои табобатию меҳнатӣ баргашта низ рухсатиҳои ҳарсола барои муддати кори воқеӣ дода мешаванд.

Тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи руҳсатии меҳнатии асосии ҳарсола ба кормандон ба андозаи на камтар аз музди миёнаи

меҳнат пардохт кафолат дода мешавад.

Кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои гирифтани табобат роҳхати санаторию курортӣ дошта, муҳлати он аз давомнокии рухсатии меҳнатӣ зиёд аст, мувофиқи аризаи корманд ва ба таври ҳатмӣ ба ӯ рухсатии бемузди меҳнат дода мешавад. Роҳбарони корхонаҳои саноатии минтақа уҳдадоранд, ки дар сурати аз кор озод намудани кормандоне, ки рухсатии меҳнатии ҳудро қисман ё пурра истифода накардаанд, ҷубронпулӣ пардохт намоянд.

Роҳбарои корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон уҳдадоранд, ки тибқи муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ (моддаи 100 КМ ҶТ; Қарори ҲҶТ аз 27.04.2018, № 197), ба кормандоне, ки муддати тӯлонӣ дар корхона кор карда, собиқаи кории давомнок доранд, рухсатии иловагии давомнокиаш то 10 рӯзи тақвимӣ диҳанд.

Корфармоёни корхонаҳои саноатии вилоят тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд, ки ҳангоми дар рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва дар рӯзҳои истироҳат кор кардани кормандон музди меҳнати онҳоро на камтар аз андозаи дукарата пардохт намоянд. Дар чунин шароит нисбат ба кормандоне, ки дар доираи меъёри якмоҳаи вақти корӣ кор карда, моҳона мегиранд, музди меҳнат илова ба моҳона на камтар аз андозаи яккаратаи меъёри соатбайъ ё рӯзбайъ пардохта мешавад ва агар кор зиёда аз меъёри якмоҳа иҷро шуда бошад, пас музди меҳнат ба андозаи на кам аз меъёри дукаратаи соатбайъ ё рӯзбайъ илова ба моҳона бояд пардохт карда шавад.

Барои дар рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва дар рӯзҳои истироҳат кор кардан музди меҳнат мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур на камтар аз андозаи дукарата пардоҳт карда мешавад. Дар ин маврид ба кормандоне, ки дар доираи меъёри якмоҳаи вақти корӣ кор карда, моҳона мегиранд, музди меҳнат илова ба моҳона на камтар аз андозаи яккаратаи меъёри соатбайъ ё рӯзбайъ ва агар кор зиёда аз меъёри якмоҳа иҷро шуда бошад, музди меҳнат ба андозаи на кам аз ставкаи дукаратаи соатбайъ ё рӯзбайъ илова ба моҳона пардоҳт карда мешавад. Ҳамчунин, кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар

рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва истироҳат аз вақти муқарраргӣ барзиёд кор ичро менамоянд, корфармо уҳдадор аст, ки аз рӯи музди яккаратаи нархномаи вақти корбайъ ё аз рӯи меъёри тарифии яккарата барои онҳо мукофот ҳисоб намояд.

Корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон, ки кормандонашон ба корҳои дорои хусусияти ҳаракаткунанда ва сайёр ҷалб карда шудаанд, тибқи қонунгузории соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба онҳо иловапулӣ дода шавад. Инчунин, корфармоёни корхонаҳои саноатӣ вазифадоранд, ки хароҷоти вобаста ба интиқоли кормандонро ҳангоми ба маҳалли дигар ба кор қабул шудани онҳо ҷуброн намоянд. Барои кормандоне, ки ба корҳои вахтавӣ ҷалб гардидаанд, корфармоёни корхонаҳои саноатӣ уҳдадоранд, ки ба онҳо иловапулӣ пардохт намоянд.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат, роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоят уҳдадоранд, ки ба кормандони дар шароити махсусан хатарнок фаъолияти меҳнатидошта, мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда ва ба таври ройгон, хӯрокҳои табобатию пешгирикунанда диҳанд. Тибқи муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба корманд-занони ҳомиладори корхонаҳои саноатии минтақа аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кӯмакпулӣ пардохт карда мешавад.

Шартномаҳои меҳнатие, ки байни корхонаҳои саноатии вилоят ва кормандон баста мешаванд, бояд хусусияти шароити меҳнатиро дар бар гиранд ва дар мавриди ба иҷрои корҳои вазнин, иҷрои кор дар шароити зарарнок ё хатарнок ҷалб гардидани кормандон ҳатман дар он шартномаҳо кафолат ва имтиёзҳо пешбинӣ карда шаванд. Ҳамчунин, дар шартномаи таҳсили кормандон кафолат ва ҷубронпулиҳо, ки ба таҳсили онҳо алоқаманд мебошанд, бояд дарҷ карда шаванд.

Тибқи талаботи қонунгузории соҳаи меҳнати ҷумҳурӣ, дар шартномаи коллективии корхонаҳои саноатии минтақа оид ба шаклҳо, низоми пардохти музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва дигар пардохтҳои иловагӣ бояд маълумот ҷой дода шавад. Ҳамчунин, бо назардошти

шароиту имкониятҳои иқтисодию молиявии корхонаҳои саноатии минтақа дар шартномаи мазкур метавонанд дигар ҳолатҳо ҷой дошта бошанд, аз ҷумла: рухсатиҳои иловагӣ, иловапулиҳо ба нафақа, ҷуброни ҳароҷоти нақлиётӣ ва сафарҳои хизматӣ, таъмини хӯроки ройгон ё қисман пардохтшавандаи кормандон.

Баланд бардоштани донишу малакаҳои амалии кормандони корхонаҳои саноатӣ яке аз самтҳои муҳими ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, қонунгузории соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷиҳатро ба инобат гирифта, корфармоён, аз ҷумла роҳбарони корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлонро воддор менамояд, то барои кормандоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ мехонанд, тибқи шартномаи меҳнатӣ ва дигар санадҳои дохилӣ аз ҳисоби маблағҳои худдиашон онҳоро ба таҳсил сафарбар намоянд ва дар шароити ҷой доштани имкониятҳои молиявӣ ба онҳо имтиёзҳои иловагӣ низ пешбинӣ кунанд.

Тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони корхонаҳои саноатии вилоят, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил менамоянд, бо нигоҳ доштани музди меҳнаташон аз иҷрои ухдадории хизматӣ ё истеҳсолӣ озод карда мешаванд. Инчунин корфармоёни корхонаҳои саноатӣ вазифадоранд, ки барои категорияҳои кормандони зикршуда дар санадҳои меъёрии дохилӣ аз ҳисоби маблағҳои худдӣ пардохти имтиёзҳои иловагиро пешбинӣ кунанд.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ таҳсил менамоянд, имтиёзҳо дар намуди ихтисори вақти корӣ (рӯзи кории на зиёда аз 4 соата), бахри супоридани имтиҳонҳо бо нигоҳдории музди миёнаи меҳнат ба рухсатии пардохтшавандаи иловагӣ фиристонидан ва дигар сабукиҳо пешбинӣ мегарданд. Дар муддати аз кор озод будани корманд ба ӯ на камтар аз 50%-и музди меҳнат, вале на камтар аз андозаи муқарраршудаи ҳадди ақали музди меҳнат маош пардохт карда мешавад. Барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ба

муддати на камтар аз андозаи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии иловагӣ ва музди миёнаи меҳнат пешбинӣ мегардад. Ҳамчунин, барои пардохти хароҷоти рафтуомад ба таҳсил нисбати кормандони дар шӯъбаҳои шакли ғоибона таҳсилкунанда имтиёз дода мешавад.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба корфармоёне, ки дар таъмини шуғли гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ саҳми назаррас доранд, имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ менамоянд. Корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, ки барои маъюбон, занон, ҷавонон, аз ҷумла наврасон ҷойҳои кории иловагӣ ташкил намуда, аз меҳнати онҳо истифода менамоянд, дар созишномаи шарикии иҷтимоӣ нисбати онҳо имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагӣ муқаррар карда мешавад.

Меъёрҳои институтсионалии ҳавасмандгардонӣ нисбати корфармо ва корманд дар расми 3.2.2. оварда шудаанд.

Аз расми 3.2.2. бар меояд, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ барои корфармо ва кормандон тартиботи муайянеро пешбинӣ кардаанд. Тибқи талаботи қонунгузории соҳаи меҳнат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармоёни корхонаҳои саноатӣ ҳуқуқ доранд, ки кормандонро ба таври интихоби озод ба кор қабул намоянд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии мазкур ба роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоят чун корфармо ҳуқуқ додаанд, то намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониро барои дастовардҳои меҳнатии кормандони худ татбиқ намоянд.

Мувофиқи тартиботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат, корфармоёни корхонаҳои саноатии вилоят ҳуқуқ доранд, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ ҳангоми пешниҳоди рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола ба кормандони худ иловапулиҳоро ба сифати кумакпулӣ пардохт намоянд. Дар баробари ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар дар самти танзими муносбатҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон ба корфармоёни корхонаҳои саноатии вилоят додаанд, онҳо барои иҷрои баъзе аз корҳо уҳдадор низ мебошанд.




**Расми 3.2.2. Меъёрҳои институтсионалии ҳавасмандгардонӣ нисбати корфармо ва корманд**
**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст

Корхонаи саноатӣ ҳуқуқ дорад аз ҳисоби маблағҳои сарфашуда мутобиқи бандҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ кормандонеро, ки рухсатии худро дар истироҳатгоҳҳо ва дигар муассисаҳои солимгардонӣ гузаронида, қобилияти кории худро баланд ва тандурустиашонро беҳтар менамоянд, бо роҳи пурра ё қисман пардохтани арзиши ҳароҷоти роҳхат ва роҳкиро то ҷойи истироҳату табобат ҳавасманд гардонад.

Бо мақсади таъмини мунтазамии фаъолият ва рушди босамар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ҳуқуқи муайян намудани зарурат ва тартиби баланд бардоштани омодагии касбӣ, азнавтайёркунии кадрҳо, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандонро додааст.

Корфармоёни корхонаҳои саноатии вилоят уҳдадоранд, ки нисбат ба шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дуруст рафтор намоянд. Музди меҳнат, иловапулиҳо, ҷубронпулиҳо барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ва дигар имтиёзҳои дар ҳуҷҷатҳои мазкур овардашударо ба таври саривақтӣ ва дар ҳаҷми пурра ба кормандон пешниҳод намоянд.

Роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоят, тибқи талаботи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳадоранд, ки новобаста аз вазъи молиявӣ, ба кормандони худ ба ивази кори иҷронамудаашон музди меҳнати муайяншударо пардохт намоянд.

Табъиз дар пардохти музди меҳнат, аз ҷумла пардохти музди меҳнати кормандони саноатӣ манъ аст. Корфармоёни соҳаи саноат уҳдадоранд, ки барои иҷрои кори баробарарзиши кормандон ба онҳо музди меҳнати якхела диҳанд. Ҳамчунин, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ мебошад ва корфармоён низ наметавонанд музди меҳнати дар шартномаи меҳнатӣ пешбинишавандаро аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат камтар муайян намоянд.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармоёни корхонаҳои саноатии вилоятро уҳдадор менамоянд, ки шакл, низом ва андозаи

музди меҳнати кормандон, аз ҷумла пардохтҳои хусусияти ҳавасмандгардонӣ ва ҷубронидоштаро дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ майян намоянд.

Тавре дар боло қайд намудем, дар баробари он, ки тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба кормандони дар шароити кории зарарнок фаъолияти меҳнатидошта имтиёзҳо ва ҷубронҳо пешбинӣ шудаанд, боз муқаррароти қонунгузории соҳа корфарморо уҳдадор менамояд, то кормандони мазкурро аз дигар имтиёзу ҷубронҳои пешбиникардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар бархӯрдор намояд.

Яке аз уҳдадориҳои корфармоёни корхонаҳои саноатӣ, ки кормандонашон ба корҳои дорои шароити зарарнок ва хатарнок, корҳои дорои шароити номусоиди ҳароратӣ ё бо ифлосӣ вобаста машғуланд, ин ба таври ройгон таъмин намудани кормандон бо либоси махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва гигиенӣ, инчунин нигоҳдорӣ, шустушӯй, тамиз, безарар ва таъмири онҳо маҳсуб меёбад. Аммо дар сурати иҷро накардани уҳдадории мазкур аз ҷониби корфармо ва ба ҳаёту саломатии кормандон таҳдид намудани хатарҳо, кормандон ҳуқуқ пайдо менамоянд, то корро қатъ намоянд ва барои мухлати қатъи кор, ҳамчун барои бекористӣ бе гуноҳи кормандон, ба онҳо музд дода мешавад.

Қонунгузории меҳнати кишвар корфармоёни корхонаҳои саноатиро уҳдадор менамояд, то хизматрасонии санитарию маишӣ ва тиббии кормандони худро адо намоянд. Яъне, вобаста ба намуд ва хусусияти фаъолияти корхонаҳои саноатии минтақа, инчунин бо назардошти талаботи кормандон корфармо уҳдадор аст, то онҳоро бо оби нӯшокӣ, хӯрок, шароити санитарию маишӣ ва ёрии аввалияи тиббӣ таъмин намояд.

Қонунгузории соҳаи меҳнати мамлакат корфармоён, аз ҷумла роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоятро уҳдадор кардааст, то барои кормандони дар баробари кор таҳсилкунанда кафолат ва ҷубронҳои муайяншударо пешниҳод намоянд.

Тибқи муқаррароти низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон,

корхонаҳои саноатии манотиқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Хатлон метавонанд дар санадҳои меъёрии дохилӣ, аз ҷумла дар шартномаи меҳнатӣ намудҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва тартиби татбиқи онҳоро муайян намоянд.

Яке аз масъулиятҳое, ки тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба зиммаи роҳбарони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон вогузор карда шудааст, пардохти ҷубронпулӣ (бо истисноӣ кумакпулии яквақтаи бо созиши тарафҳо асосёфта) ба кормандоне мебошад, ки бо мувофиқаи пешакӣ ба маҳалли дигар барои кор рафтаанд.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ роҳбарони корхонаҳои саноатии вилоятӣ ҳуқуқ доранд, то кормандони худро баҳри фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнатӣ дар ҷойи кор, таклифи ратсионализаторӣ, вобаста ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ҳавасманд гардонанд.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи меҳнат ба кормандони корхонаҳои саноатӣ, перомуни ноилгардӣ ба ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ, ҳуқуқҳои муайянеро пешбинӣ кардаанд, ба монанди: ҳуқуқ ба кафолатҳо ва ҷубронпулиҳо, аз ҷумла ҷуброни ҳароҷоти моддӣ ҳангоми кӯчидани кормандон ба ҷойҳои нави истиқоматӣ бо мақсади кор.

Тибқи талаботи қонунгузори соҳаи меҳнат, кормандони корхонаҳои саноатии вилоят ҳуқуқ доранд оид ба шароити меҳнатӣ, воситаҳои муҳофизатӣ дар сурати зарарнок будани шароити меҳнатӣ, имтиёз ва ҷубронҳои пешбинигардида барои кормандони дар чунин шароит фаъолияти меҳнатидошта аз корфармо маълумоти дақиқ дастрас намоянд.

Ҳамин тавр, дар заминаи омӯзиши асосҳои институтсионалии танзими ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи меҳнат корфармо (роҳбари корхонаи саноатӣ) дар фаъолияти ҳавасмандгардонии корхона нақши марказӣ дорад, чунки дар корхона ҳадафҳои ниҳоии муносибатҳои ҳавасмандгардониро корфармо ва иттифоқи касабаи он муайян менамоянд. Ҳамчунин, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнат дар қаламрави кишвар, алалхусус барои

кормандони корхонаҳои саноатии минтақаҳо, шароити меҳнатии кормандонро муайян намуда, ба ин восита бехатарии шароити меҳнатӣ, шароити корӣ ва пардохти музди меҳнат, ташхиси давлатии шароити меҳнатро муқаррар намуда, ҷиҳати пардохти музди меҳнат ва нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон кафолати давлатиро пешбинӣ менамоянд.

## 3.3. Механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул

Механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҷмӯи роҳу усулҳои ҷорикунии ҳавасмандгардониҳоеро дар бар мегирад, ки ба самти баҳодиҳии корҳои иҷрогардида ва пардохти одилонаи арзиши қувваи кории кормандон нигаронида шуда, дар шакли моддӣ, пулӣ ва дигар воситаҳои ғайрипулӣ (бастаи иҷтимоӣ) ба онҳо дода мешаванд. Дар шароити кунунӣ, ки намудҳои мухталифи ҳавасмандгардониҳои моддӣ ҷой доранд, механизми татбиқи онҳо бояд комил ва ба талаботи имрӯза ҷавобгуй бошад.

Воқеан, ҳадафи ниҳоии таҳсилоти касбӣ ва омодакунии кадрҳо аз таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ҳамчун шарти муҳими фаъолияти босамари иқтисодиёти миллӣ, иборат мебошад. Шуғли пурмаҳсул ба низоми иқтисоди бозорӣ нигаронида шуда, сатҳи баланди мувофиқати таклифоти қувваи корӣ ва талаботи бозори меҳнатро дар назар дорад. Шуғли пурмаҳсул ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромад намуда, барои коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ аз тариқи ба таҳсилоти касбӣ фарогирии ҷавонон ва касбомӯзии калонсолон мусоидат менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст[62]. Аз ин

[62] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– [Манбаи электронӣ].–21.12.2021.– Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022 с.).

рӯ, ба пурраги ноил гардидан ба ин ҳадафҳо барои таъмини шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, аз ҷумла рушди инфрасохтори соҳаи саноат, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва таъмини ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ заминагузор мебошад.

Такмили механизми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул яке аз масъалаҳои мубрами рушди бозори меҳнати минтақавӣ ва омили суръатбахши саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб меёбад. Ташаккулу рушди шуғли пурмаҳсул дар соҳаи саноати минтақаи Хатлон зарурати такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнатро аз ҳисоби унсурҳои муосири низоми ҳавасмандгардонӣ дар назар дорад.

Мазмуни шуғли пурмаҳсул, ки дар Стратегияи мииллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, фаъолиятеро дар назар дорад, ки ба даст овардани даромадро дар шакли музди меҳнат ё ин, ки фоидаро-аз соҳибкорӣ дар раванди истеҳсоли молҳо, пешниҳоди ҳизматрасониҳо ва ғайра таъмин менамояд[63]. Муатаассифона, рушди ин намуди шуғл дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар сатҳи лозимӣ таъмин нагардидааст. Бо мақсади таҳқиқи амиқи механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ таҳлил ва омӯзиши шароиту имкониятҳои ташаккули шуғли пурмаҳсул муҳим арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, SWOT – таҳлили шуғли пурмаҳсулро дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мегузаронем (ҷадв. 3.3.1.).

Аз маълумоти ҷадвали 3.3.1 бар меояд, ки бо сабаби ноустувории баъзе аз ҳолатҳо, аз ҷумла ғайриқаноатбахш будани музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ, инчунин шароити ташаккули воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва таъсири манфии хатарҳои ҷойдошта шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳои саноатии вилоят дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст.

**Ҷадвали 3.3.1. – SWOT – таҳлили шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| ТАРАФҲОИ ПУРҚУВВАТ | ТАРАФҲОИ ЗАИФ |
|---|---|
| 1. Асосҳои институтсионалии | 1. Сатҳи пасти музди меҳнат; |

[63] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.-Душанбе, 2016.- С.68.

| | |
|---|---|
| рушди бозори меҳнат;<br>2. Таклифоти қувваи кории кифоянок;<br>3. Фаъолгардии ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба соҳаи саноат. | 2. Нокифоягии воситаҳои барои ҳавасмандгардониҳои моддӣ сафарбаршаванда;<br>3. Ҷой доштани муҳоҷирати дохилӣ ва берунии кадрҳои баландихтисос;<br>4. Сатҳи баланди бекорӣ;<br>5. Номутавозинии талаботу таклифоти қувваи корӣ;<br>6. Мавқеи устувори рақобатпазирӣ надоштани аксарияти молҳои истеҳсолоти саноатӣ дар бозор, бахусус бозорҳои берунӣ. |
| **ИМКОНИЯТҲО** | **ТАҲДИДҲО** |
| 1. Ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ баромад кардани саноат;<br>2. Нисбатан тамоюли мусбии рушд доштани гуногунсозии истеҳсолоти саноатӣ;<br>3. Ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифтани ҷавонон ва ҷалби калонсолон ба касбомӯзӣ. | 1. Барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ;<br>2. Рушди нокифояи инфрасохтори саноатӣ дар вилояти Хатлон;<br>3. Сатҳи нисбатан пасти ҳосилнокии меҳнат дар баъзе аз корхонаҳои саноатии вилоят;<br>4. Вобастагии бозорҳои дохилӣ аз молу маҳсулоти саноатии воридотӣ.<br>5. Дар шароити рушди имкониятҳои инноватсионии истеҳсолоти саноатӣ ҷой доштани номувофиқии донишу малака ва таҷрибаи қувваи корӣ (аз ҷумла муҳоҷирони ба ватан баргашта) ба амалияи корхонаҳои саноатӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 193: Соколова А.А. SWOT-анализ как действенный инструмент процесса формирования продуктивной занятости сельского населения // А.А.Соколова, Т.Н.Ратошнюк / Международный научно-производственный журнал "Экономика АПК". 2014. № 1 (231). С.057-064.

Аз SWOT-таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои зерин баровarda шуд:

1. Бо сабаби суръати нисбатан пасти рушди соҳаи саноати вилоят имконияти ҳалли мушкилоти бекорӣ ва таъмини шуғли назарраси қувваи корӣ имконнопазир гардидааст;

2. Байни рушди заминаҳои институтсионалӣ ва пешрафти амалияи бозори меҳнат (рушди шуғли пурмаҳсул) номутаносибӣ дида мешавад, яъне санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва институтҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ барои пешбурди фаъолияти бозори меҳнат нисбатан мувофиқанд, аммо мушкилии ҷойдошта асосан дар субъектҳои башуғлфарогирӣ дида мешавад;

3. Зиёд гардидани корхонаҳои саноатӣ дар вилоят, ки имконияти ба шуғл фарогирии доираи васеи захираҳои меҳнатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсиониро доранд, барои ҳалли мушкилоти бекорӣ, рӯи кор овардани низоми комили ҳавасмандгардонии моддӣ ва дар ниҳоят, баландбардории ҳосилнокии меҳнат мусоидат менамоянд.

Дар шароити кунунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он шуғли пурмаҳсул дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст, бинобар ин, самтҳои имконпазири ташаккулу рушди онро аз мавқеи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат пешниҳод менамоем, аз ҷумла:

– таъсиси ҳар чи бештари корхонаҳои саноатӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои кории дорои низоми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ;

– ҷалби ҳар чи бештари занон ба корхонаҳои саноатӣ ва таъмини мунтазамии ҳавасмандгардонии моддии онҳо;

– бо талаботи бозори меҳнат омода намудани кадрҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ;

– баланд бардоштани музди меҳнат ва зиёд намудани дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар соҳаи маориф бо мақсади ба талаботи бозори меҳнат омода намудани кадрҳо дар ҳама зинаҳои таҳсилот;

– дар ҳоле, ки зиёда аз 82%-и аҳолии вилояти Хатдон дар шароити деҳот зиндагӣ менамоянд, аз ин рӯ, қисми зиёди қувваи корӣ дар маҳалҳои деҳотнишин ҷойгиранд. Вобаста ба ҳолати мазкур, корхонаҳои саноатии вилоятро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон дар самти ҳавасмандгардонии малакаҳои қувваи корӣ, аз ҳисоби занон ва аҳолии деҳот дар шакли ҷалби онҳо ба курсҳои бозомӯзӣ ва дигар ҳавасмандгардониҳое, ки дар шароити кунунӣ имконияти бештари таъмини шуғли аҳолиро доранд, чораҳои таъхирнопазир андешанд;

– механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар сатҳи корхонаҳои саноатии минтақа ва ҷумҳурӣ бояд тавре амал намояд, ки эҳтиёҷоти кормандони корхонаҳои мазкур ба муҳоҷират аз байн бурда шавад.



**Расми 3.3.1. Унсурҳои механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити шуғли пурмаҳсул**
**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Дар шароити кунунии корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон бояд бо назардошти таъсири ҳама шароиту омилҳои таъсиррасон бунёд карда шавад. Яъне одитарин ҳолат ва зуҳуроте, ки ба самараи меҳнати кормандон таъсир мерасонад, набояд аз мадди назар дур монад. Бинобар ин, унсурҳое, ки бояд механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ дар шароити

ташаккули шуғли пурмаҳсул фаро гирад, дар расми 3.3.1. пешниҳод карда шудаанд.

Тавре аз расми 3.3.1. дида мешавад, механизми дар асоси унсурҳои техникӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва меҳнатӣ бунёдшаванда дар шароити ташаккулу рушди шуғли пурмаҳсул барои ҳавасмандгардонии қаноатбахши кормандони корхонаҳои саноатии вилоят ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат то андозае мусоидаткунанда мебошад. Механизми зикршуда ҳавасмандии моддии кормандонро дар натиҷаи баландгардии ҳосилнокии меҳнат бо роҳҳои зерин амалӣ менамояд:

1. Коҳишёбии арзиши аслии маҳсулоти саноатӣ.

2. Дараҷаи нисбатан баланди азхудкунии техникаи истеҳсоли маҳсулот.

3. Сатҳи баланди нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории истеҳсолот.

4. Сатҳи баланди нишондиҳандаҳои нисбӣ, аз ҷумла самаранокии дороиҳо.

5. Самаранокии хароҷоти меҳнатӣ.

Дар заминаи афзалиятҳои вилояти Хатлон ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ оид ба рушди шуғли пурмаҳсул механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатӣ бояд ҳолатҳои зеринро таъмин намояд: а) зиёд намудани шумораи кормандон аз тариқи ҷорӣ намудани ҳаҷми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддӣ; б) ба вуҷуд овардани муҳити рақобатӣ дар байни кормандон; в) такмили маълумоти касбӣ ва малакаҳои касбии кормандон; г) ҳифзи манфиатҳои моддӣ ва маънавии кормандон нисбат ба шуғли ғайрирасмӣ.

Самтҳои афзалиятноки ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул дар соҳаи саноати вилояти Хатлон инҳо маҳсуб меёбанд: а) ба ҳавасмандгардонии моддӣ бештар фаро гирифтани ҷавонон ва заноне, ки фаъолияти инноватсионии корхонаро пеш мебаранд; б) механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят нисбат ба кормандоне, ки ба оилаҳои осебпазир мансубанд, бояд тартиби имтиёзноки ҳавасмандгардиниро амалӣ намояд.

Рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва тағйироти тартиби ташкил ва танзими музди меҳнат зарурати мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва унсурҳои таркибии онро пеш овард. Дар шароити кунунии

корхонаҳои саноатӣ яке аз қисматҳои муҳими ҳавасмандгардонии моддӣ, аз мавқеи самараи меҳнати кормандони алоҳида, фонди ҳавасмандгардонии тағйирёбанда дониста мешавад. Тавре дар зербоби 3.2 қайд намудем, ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар намуди ҳиссаҷудокунӣ аз фоида, мукофотонӣ дар охири соли ҳисоботӣ, ҳавасмандгардонӣ дар натиҷаи афзоиши ҳосилнокии меҳнат, афзоиши ҳаҷм ва арзиши корҳо, инчунин баландгардии сифати меҳнат аз ҳисоби воситаҳои фонди ҳавасмандгардонии тағйирёбанда амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, такмили механизми ҳавасмандгардониҳои мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳавасмандгардониҳое, ки бо истифода аз воситаҳои фонди болозикр амалӣ карда мешаванд, бояд фаъолнокии меҳнатии кормандонро таъмин намуда, барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намоянд.

Дар шароити муосир корхонаҳои саноатии ватанӣ, алалхусус корхонаҳои вилояти Хатлон, дар ҳамон сурат мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб шуда метавонанд, ки агар дар онҳо сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат дида шавад. Аз ин рӯ, ба манфиати корхонаҳои соҳа мебуд, агар механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон бо назардошти нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат амал мекард. Чунки унсурҳои қисми тағйирёбандаи фонди ҳавасмандгардонии моддӣ воситаҳои ҳавасмандгардонии ҳосилнокии меҳнат мебошанд.

Қисми тағйирёбандаи фонди ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ бояд иловапулӣ ва музди меҳнати иловагӣ, низоми мукофотонӣ, кафолати иҷтимоӣ, пардохтҳо ва имтиёзҳоро дар бар гирад. Дар шароити муосир таркибдиҳандагони музди меҳнати иловагӣ дар механизми ҳавасмандгардонии модди меҳнат нақши марказӣ дошта, вобаста ба хусусиятҳои гуногуни онҳо ҷой дода мешаванд. Аз сабаби он ки захираҳои меҳнатии дилхоҳ корхона ба категорияҳои гуногун ҷудо мешаванд, бинобар ин, механизми ҳавасмандгардонии моддии онҳо бояд ҳолати мазкурро ба инобат гирад. Вобаста ба ин, пардохтҳои иловагие, ки ҷой додани онҳо дар механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муҳим аст, дар расми 3.3.2. гуруҳбандӣ карда шудаанд.




**Расми 3.3.2. Гурухбандии ҷузъҳои музди меҳнати иловагии кормандони корхонаҳои саноатӣ**
**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатӣ яке аз ҷузъҳои ҷудонопазири низоми муосири ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҳсуб меёбад. Ҳавасмандгардонии мазкур аз тариқи бартараф намудани норасоиҳои шакл ва низоми музди меҳнат, инчунин сафарбар намудани фаъолнокии меҳнатии кормандон барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои дар назди корхонаи саноатӣ гузоштагшуда дар ҳоли кунунӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре иқтисодчиён қайд менамоянд, низоми мукофотонӣ на ҳама вақт кормандонро ба самти баландбардории самаранокии меҳнат сафарбар менамояд. Аз ин рӯ, дар чунин шароит барои ба вуҷуд овардани алоқаи босамари мукофотонӣ ва натиҷаи меҳнат интихоби нишондиҳандаҳо ва шарти мукофотонӣ нақши калидӣ дорад. Иқтисодчиён чунин ақида доранд, ки ҳудуди пасттарини мукофотонӣ, ки самараи ҳавасмандгардониро ба вуҷуд меорад, 7-

10%-и меъёри тарифӣ мебошад[64]. Аз нигоҳи мо, дар шароите, ки 7-10%-и меъёри тарифӣ арзиши зиндагиро қонеъ карда наметавонад, самараи меҳнат ҳосил намегардад. Дар чунин ҳолат зарурат ба миён меояд, ки ҳудуди пасттарини ҳадди дукарата-14-20% -и меъёри тарифӣ бошад.

Дар корхонаҳои саноатии вилоят имрӯзҳо метавон якчанд намуди ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар намуди мукофотонӣ ҷорӣ намуд, аз ҷумла: а) мукофотонии якдафъаина (ҳавасмандгардонӣ барои иҷрои корҳои нисбатан муҳим, иҷрои корҳои фаврӣ, пардохт дар рӯзҳои ид ва ғайра); б) ҷорӣ намудан низоми махсуси мукофотонӣ (мукофтонии кормандон барои сарфаи захираҳо, пешниҳоди ақидаҳои бунёдкорона, навовариҳо ва дигар корҳо.); в) мукофотонӣ барои натиҷаҳои мусбии фаъолият (вобаста ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди корхонаҳои саноатӣ гузошта мешаванд. Мукофотонӣ метавонад дар шакли инфиродӣ ва дастаҷамъона амалӣ карда шавад, яъне мукофотонии инфиродӣ-натиҷанокии меҳнати корманди алоҳида ва мукофотонии дастаҷамъона бошад-афзоиши самараи меҳнати дастаҷамъонаи кормандонро, дар маҷмӯъ, таъмин менамояд.

Аз маълумоти болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон намуди сеюми мукофотонӣ нисбатан мувофиқ ва самарадеҳ мебошад, чунки он ҳамаро фарогир буда, таъмини ҳавасмандгардонии инфиродию дастаҷамъона ва афзоиши натиҷаҳои ниҳоии мусбии фаъолиятро аз ҳисоби кормандони алоҳида ва гуруҳи кормандон дар назар дорад. Вобаста ба ин намуди ҳавасмандгардонии моддӣ, М.А.Пархомчук чунин меҳисобад, ки ҳавасмандгардонӣ барои натиҷаҳои фаъолият дар доираи идоракунии зиддибуҳронии корхонаҳо муҳим буда, барои рушди босуботи иқтисодиёт мусоидат менамояд[65].

Барои ҷорӣ намудани ин ё он намуди ҳавасмандгардониии моддӣ ба инобат гирифтани имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатии вилоят муҳим мебошад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ, ки қисми зиёди

[64] Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999. – 431 с.
[65] Пархомчук, М.А. Стимулирование персонала в зависимости от рентабельности продаж [Текст] / М.А. Пархомчук // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. -2010. -№2 .– С.45.

корхонаҳои саноатии вилоят нишондиҳандаҳои ноустувори молиявӣ доранд, имконияти ҷудо намудани воситаҳои иловагиро барои пардохти меҳнат надоранд. Аммо, аз дигар тараф, ба пуррагӣ даст кашидан аз мукофотонии кормандон низ мантиқан нодуруст аст, чунки набудани пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатӣ оқибатҳои боз ҳам манфиро ба бор меорад.

Аз руйи арзёбии мо, афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ то ҳадди 20% тағйирёбии назарраси натиҷаҳои молиявиро таъмин карда наметавонад. Ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят дар тӯли солҳои 2014-2021 ба ҳисоби миёнасолона 20,4%-ро ташкил медиҳад, аз ин рӯ, ҷорӣ намудани мукофотонии дастаҷамъона мувофиқ мебошад. Аз дигар тараф, мукофотонии коллективӣ, ки ба самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад, метавонад афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин намуда, майли кормандонро ба сарфаи захираҳо ва истифодаи босамари қарорҳои нави технологии баландбардории сифати маҳсулот ба вуҷуд орад. Вобаста ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Исмоилов М.М. дар яке аз таълифоти илмии худ қайд менамояд, ки механизми пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии меҳнат бояд аз муносибатҳои ҷараёни истеҳсолот вобаста бошад[66].

Дар шароити корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар корхонаҳои вилояти Хатлон, ки сатҳи нисбатан баланди суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнат нисбат ба суръати афзоиши пардохти меҳнат дида мешавад, қабул ва истифодаи принсипҳои низоми ҳавасмандгардонии меҳнати Аткинсон бо назардошти тағйироти баъзе аз меъёрҳо то андозае мувофиқ мебошад. Низоми ҳавасмандгардонии Аткинсон тағйирёбии бузургии ҳавасмандгардониро баробари афзоишёбии ҳосилнокии меҳнат дар ҳаҷми 10, 15 ва 20% дар назар дорад[67].

---

[66] Исмоилов М.М. Инновационная экономика образования: генезис, природа, формы проявление и методология исследования/ Коллективная монография: Институты и механизмы регулирования в условиях глобальной нестабильности. Ростов-на дону, 2014.- С.259.

[67] Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999.- С.272.

Азбаски мақсади асосии корхонаҳои саноатии вилоят афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, хусусан дар шароити пеш гирифтани сиёсати воридотивазкунанда, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ маҳсуб меёбад, нишондиҳандаи асосии ҳавасмандгардонии инфиродӣ бояд афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар ҳадди зиёда аз 20% бо назардошти сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот қабул карда шавад. Аммо бо мақсади ҳавасмандгардонии бештари самаранокии меҳнати кормандон ҷорӣ намудани механизми прогрессивии афзоиши ҳаҷми ҳавасмандгардонии инфиродӣ зарур мебошад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии коллективи кормандон дар ҷамъбасти фаъолияти корхона зиёд намудани ҳаҷми мукофотонии дастаҷамъона, вобаста ба нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти корхона, муҳим мебошад. Ба сифати чунин нишондиҳанда натиҷаи ниҳоии молиявӣ, яъне фоидаи софи корхонаи саноатӣ бояд баромад кунад. Бо назардошти ду ҳолати зикршуда, яъне мукофотонии инфиродӣ ва дастаҷамъона механизми мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро дар ҷадвали 3.3.2. пешниҳод менамоем.

Аз ҷадвали 3.3.2. дида мешавад, ки меъёри унсурҳои механизми мукофотонии инфиродӣ ва дастаҷамъона аз якдигар фарқ менамоянд, аммо мақсади ниҳоии онҳо ягона буда, аз афзоиши самараи меҳнат дар корхонаи саноатӣ иборат мебошад. Байни механизмҳои зикршуда алоқамандии зич ҷой дошта, яке дигареро пурра менамояд. Масалан, мукофотонии инфиродии кормандон самаранокии меҳнатро таъмин намуда, барои расидан ба натиҷаҳои молиявии мусбӣ дар корхона мусоидат менамояд. Меъёрҳои ҳавасмандгардоние, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, афзоиши прогрессивии ҳаҷми ҳавасмандгардониро дар назар дошта, мунтазам баландшавии сатҳи ҳосилнокии меҳнати корхонаи саноатиро дар шароити шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд.

**Ҷадвали 3.3.2. - Механизмҳои тавсияшавандаи мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шароити шуғли пурмаҳсул**

| **Намудҳои мукофотонӣ** | Механизмҳои мукофотонӣ |
|---|---|

<table>
<tr><td rowspan="6">Мукофотонии инфиродӣ</td><td>Нишондиҳандаҳои мукофотонӣ</td><td colspan="4">Афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар муқоиса бо соли гузашта, %</td></tr>
<tr><td rowspan="3">Ҳаҷми мукофотонӣ</td><td rowspan="3">то 20 мукофотонӣ пешбинӣ намешавад</td><td>аз 20 то 25</td><td>аз 25 то 30</td><td>зиёда аз 30</td></tr>
<tr><td>8</td><td>12</td><td>16</td></tr>
<tr><td colspan="3">аз фонди тарифии солона, %</td></tr>
<tr><td>Шарти мукофотонӣ</td><td colspan="4">Сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот</td></tr>
<tr><td>Давраи мукофотонӣ</td><td colspan="4">Дар охири ҳар як нимсола (охири моҳи июн ва декабр)</td></tr>
<tr><td rowspan="4">Мукофотонии дастаҷамъона</td><td>Нишондиҳандаҳои мукофотонӣ</td><td colspan="4">Ҳаҷми фоидаи соф</td></tr>
<tr><td>Ҳаҷми мукофотонӣ</td><td colspan="4">5% аз фоидаи соф</td></tr>
<tr><td>Шарти мукофотонӣ</td><td colspan="4">Риояи интизоми меҳнат, набудани танбеҳ, ба пуррагӣ иҷро намудани меъёрҳои истеҳсолот</td></tr>
<tr><td>Давраи мукофотонӣ</td><td colspan="4">Солона</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 22: Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999. - 431 с.

Оид ба масъалаи такмили низоми ҳавасмандгардонӣ иқтисодчӣ Исмоилов М.М. чунин нуқтаи назар дорад, ки механизми пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ бояд тавре амал намояд, ки мукаммалгардонии мунтазами низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ва рушди ҳар як унсури механизми мазкурро таъмин намояд.

Низоми Раккер ва Скэнлон низомҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандон мебошанд, ки хоси иқтисоди бозорӣ буда, иштироки кормандонро дар фоидаи корхона дар назар доранд. Тибқи низомҳои мазкур пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ 7-10%-и фоидаи софи корхонаро ташкил менамоянд[68]. Аз ин ҷо, маълум мегардад, ки барои мукофотонии коллективи кормандони корхонаи саноатӣ ва ташаккули бастаи иҷтимоии ҳавасмандгардонии инфиродӣ бо назардошти самаранокии истеҳсолот бояд 10%-и фоидаи соф сафарбар карда шавад.

Самаранокии ҳавасмандгардонии дастаҷамъона, ки аз бисёр ҷиҳат ба механизми тақсимоти он вобаста мебошад, бинобар ин, арзёбии воқеии самараи иштироки ҳар як кормандро ба натиҷаҳои ноилгардидаи корхона талаб менамояд. Вобаста ба ин, муайян намудани саҳми меҳнатии ҳар як корманд дар

[68] Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999.- С.283.

мувофиқа бо сатҳи ҳавасмандгардонии моддии солона, бо назардошти тахассусмандии кормандон ва натиҷаи кори ӯ дар давоми сол муҳим дониста мешавад. Ҳамин тариқ, ҳавасмандгардонии дастаҷамъона бояд мутаносибан ба ҳиссаи фонди солонаи пардохти меҳнати кормандон дар фонди умумии пардохтҳо тақсим карда шавад. Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти коллективи кормандони корхонаи саноатӣ нисбат ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолият, ҳамчун шарти пардохти мукофоти дастаҷамъона муайян намудани иҷроиши пурраи меъёри корҳо дар коргоҳҳои истеҳсолӣ муҳим мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои охир кафолатҳои иҷтимоӣ ва пардохту имтиёзҳо нисбат ба мукофотҳои пулӣ барои зиёд намудани ҳавасмандгардонии кормандон ба меҳнати босамар таъсири назаррас доранд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки имкониятҳои зиёди азонихудкунии неъматҳои моддӣ мавҷуданд, бинобар ин, кормандон ҳангоми интихоби корҳо ба онҳо аҳамият медиҳанд. Ба ақидаи мумайизони мустақил, имрӯзҳо корҷӯён на танҳо ба ҳаҷми пардохти меҳнат, инчунин ба неъматҳои иловагӣ, ки аз ҷониби корфармо ба онҳо пешниҳод карда мешаванд, аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд[69].




[69] …учше д… / Э. А… …ата тр… - №1. -…

**Расми 3.3.3. Механизми мукаммали (тавсияшаванда)-и ҳавасмандгардонии моддӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Бо назардошти дигар ҷабҳаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон механизми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул пешниҳод менамоем (расми 3.3.3).

Аз расми 3.3.3. дида мешавад, ки механизми тавсияшавандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат унсурҳоеро дар бар мегирад, ки фаъолияти комили корхонаҳои саноатии минтақаро дар самти ҳавасмандгардонии кормандон нишон медиҳанд. Тавре, ки аз механизми пешниҳодшуда бар меояд, қисми зиёди унсурҳои таркибдиҳандаи механизми ҳавасмандгардонӣ дар амалияи корхонаҳои саноатӣ вуҷуд доранд.

Вобаста ба ин, таъмини фаъолияти қонунӣ, шаффоф, саривақтӣ, бахусус ҳамкории зичӣ мутақобилаи онҳоро дар самти ҳавасмандгардонии кормандон

муҳим мешуморем. Аммо унсурҳое, ки дар шакли нисбатан фарққунанда пешниҳод шудаанд, яъне хадамоти аудити дохилӣ ва ҳамкории устувори иҷтимоӣ дар байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ барои такмили мехнанизми ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсири назаррас доранд.

Имрӯзҳо дар аксарияти корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Хатлон хадамоти аудити дохилӣ таъсис дода нашудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини фаъолияти шаффофи корхонаҳои саноатии вилоят дар самти ҳавасмандгардонии кормандон, аз тариқи баҳодиҳии сатҳу сифати меҳнат, баҳодиҳии самараи ҳавасмандгардонии моддии кормандон ба нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ, устувории молиявӣ ва пардохтпазирии корхона, инчунин таъмини мувофиқати ҷараёни ҳавасмандгардонӣ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, таъсис ва рушди фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ дар корхонаҳои саноатии минтақа мубрам арзёбӣ мегарданд.

Воқеан, дар шароити кунунӣ фаъолияти иттифоқи касабаи корхона ва ташкилоту муассисаҳои дилхоҳ соҳа, алалхусус корхонаҳои саноатӣ, ба манфиати корфармо роҳандозӣ карда мешавад, ки ҳолати мазкур то андозае воқеияти ҳавасмандгардонии кормандонро маҳдуд менамояд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, ҳамкории устувори иҷтимоӣ дар байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ аз мавқеи ҳавасмандгардонии кормандон барои самараи меҳнат муҳим мебошад. Иттифоқи касабаи корхонаҳои саноатии вилоятро зарур аст, ки натиҷаҳои мусбии фаъолияти меҳнатии кормандонро ба маъмурияти корхона муаррифӣ намуда, барои ҳавасмандгардониҳои моддии онҳо чораандешӣ намояд. Дар самти роҳандозӣ намудани механизми комили ҳавасмандгардонӣ ба ақидаи мо, фаъолияти мунтазами комиссия оид ба баҳои мумайизии шароити меҳнатӣ, хадамоти аудити дохилӣ ва иттифоқи касабаи корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, ки барои таъмини ҳолатҳои болозикр мусоидат менамояд, зарур мебошад.

Дар маҷмӯъ, амали механизми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон имконият медиҳад, то

ҳиҷрати кадрҳо коҳиш дода шавад. Иқтисодчии ватанӣ Рустамов Р.У. низ чунин нуқтаи назар дорад, ки паст намудани шиддати ҳиҷрати кадрҳо дар асоси истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии меҳнат яке аз самтҳои афзалиятноки самаранок истифодабарӣ ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ мебошад[70]. Чунки механизми муносиби ҳавасмандгардонии моддии меҳнат шароити муҳими рақобатпазирии соҳаро аз ҳисоби ҷалби кадрҳои баландихтисос таъмин менамояд.

Дар самти ташаккул ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқ мебошад:

– ҷорӣ намудани воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ;

– бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии вилоят аз тариқи афзоиши самараи меҳнати кормандон бо роҳи ҳавасмандгардонии онҳо;

– ташаккули низоми мусоидат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои саноатии вилоят дар заминаи амали қаноатбахши механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат нисбат ба кормандони корхонаҳои саноатии вилоят аз ҳисоби занон ва кормандоне, ки баъди бозгашт аз муҳоҷират ба кор қабул мешаванд, бояд тавре роҳандозӣ карда шавад, ки ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ барои қонеъ намудани талаботи онҳо, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи тахассусмандиашон мусоидат намояд.

Дар самти баланд бардоштани боздеҳии маълумоти касбӣ аз ҳисоби захираҳои меҳнатии дар соҳаи саноат фаъолияткунанда андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

– новобаста аз он, ки баланд бардоштани боздеҳии маълумоти касбӣ самти афзалиятноки фаъолияти низоми маорифи кишвар маҳсуб меёбад, аммо соҳаи

[70] Рустамов Р.У. Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат. Автореф. дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ.– Душанбе, 2020.– С.17.

маориф дар танҳои наметавонад мушкилоти мазкурро ҳаллу фасл кунад. Вобаста ба ин, дар ин самт иштироки фаъоли ҳама субъектҳои бозорӣ меҳнат муҳим арзёбӣ мегардад;

– ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ аз тариқи ба курсҳои кутоҳмуддат ва ба марказҳои бозомӯзӣ сафарбар намудани онҳо аз ҳисоби фонди ҳавасмандгардонии моддӣ;

– вобаста ба сатҳи муҳимият рушд додани касбияти кормандони техникӣ ва муҳандисии корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби воситаҳои фонди ҳавасмандгардонии моддӣ;

– ҷорӣ намудани низоми арзёбии таъсири ҳавасмандгардониҳои моддӣ ба сатҳи касбият ва самараи меҳнати кормандон;

– низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ бояд ба тахассусмандӣ, сатҳи касбият, ва самараи меҳнати кормандон вобаста бошад.

Натиҷаи татбиқи чораҳои болозикр барои рушди шуғли пурмаҳсул аз мавқеи ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд, аз ҷумла:

– сатҳу сифати меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ баланд гардида, талабот ба кормандони тахассусманд ва касбӣ меафзояд;

– ҳиссаи шуғли кормандони корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби мардон ва занон, ки имкониятҳои зиёди рушдёбӣ ва афзоишдиҳии самараи меҳнатро доранд, зиёд мешавад;

– механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат такмил ёфта, вобаста ба фаъолнокии меҳнатии кормандон шаклу намудҳои нисбатан нави ҳавасмандгардонии моддӣ ҷорӣ корда мешаванд;

– механизми устувори афзоишдиҳандаи ҳосилнокии меҳнат ташаккул меёбад;

– афзоиши шумораи корхонаҳои саноатии вилоят, ки дорои низоми комили ҳавасмандгардонии моддӣ мебошанд, имконияти коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатиро дар вилоят пайдо менамоянд;

– барои қувваи корӣ аз ҳисоби ҷавонон, аз ҷумла барои ҷавонони аз муҳоҷират бозгаштаи дорои тахассуси нокифоя шароити касбомӯзӣ ва баланд бардоштани сифати фаъолияти меҳнатӣ пайдо мегардад;

– афзоиши талаботи қувваи корӣ ба корхонаҳои саноатӣ коҳишёбии шуғли ғайрирасмиро дар вилоят ба миён меорад;

– ҳиссаи захираҳои меҳнатии дорои самараи баланди меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ афзоиш меёбад;

– низоми ҳавасмандгардонии моддии бар мавқеи касбӣ ва самараи баланди меҳнатӣ асосёфта ҷолибияти бозомӯзӣ ва касбомӯзии кормандони корхонаҳои саноатии вилоятро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, дар шароити кунунӣ ҳавасмандгардонии ҳосилнокии меҳнат ҳамчун кафолати баландгардии самаранокии фаъолият ва рушди бомароми корхонаҳои саноатӣ бармад мекунад. Музди меҳнати асосии ба таъмини бозтавлиди қувваи корӣ нигаронидашуда қобилияти ҳавасмандгардони хароҷоти иловагии меҳнатиро барои барзиёд иҷро намудани нишондиҳандаҳои меъёрии муайяншуда надорад ва сатҳи баланди он дар сохтори ҳавасмандгардонии моддӣ мавқеи баръакс дошта, самараи меҳнати кормандонро кам менамояд. Вобаста ба ин, истифодабарии механизмҳои имконпазири ҳавасмандгардонии ҳосилнокии меҳнат, аз ҷумла: иловапулӣ, музди меҳнати иловагӣ, мукофотҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳо, ки ҳамчун ҷузъҳои қисми тағйирёбандаи фонди ҳавасмандгардонии моддӣ дониста мешаванд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул таҷдиди механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ самти бартаридоштаи баландбардории ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад. Чунки дар шароити ташаккул ва рушди шуғли пурмаҳсул афзоиши ҳосилнокии меҳнат истифодаи механизми муосири ҳавасмандгардониро талаб менамояд.

**Хулосаи боби III.**

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи имконият ва шароитҳои ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ хулосаю пешниҳодҳои

зеринро перомуни такмили низоми идоракунии он тақия менамоем:

1. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда низоми мукаммали (тавсияшавандаи) ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон коркард карда шуд. Низоми мазкур ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандонро тибқи меъёрҳои қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ дар назар дошта, музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, мукофотпулиҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонии моддиро дар бар мегирад. Низоми ҳавасмандгардонии тавсияшаванда бо назардошти шароит тағйирпазир буда, бо назардошти талаботи моддии кормандон аз мавқеи афзоиши самараи меҳнат такмил дода мешавад. Вобаста ба ин, муайян карда шуд, ки низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар ҳоле самаранок буда метавонад, ки агар амалкарди мунтазами унсурҳои он таъмин карда шавад.

2. Дақиқ карда шуд, ки музди меҳнат дар низоми ҳавасмандгардонии моддии корхона нақши калидӣ дорад. Музди меҳнат бояд воситаҳоеро дар бар гирад, ки корманд барои он арзанда аст ва асоси воқеӣ дорад. Аз ин рӯ, музди меҳнати асосӣ бояд ҳаҷми воситаҳоро дар ҳадде фарогир бошад, ки барои бозтавлиди пурраи қувваи корӣ, афзоиши самараи иқтисодии ҳавасмандгардонии иловагӣ ва ба вуҷуд овардани амалкарди фаъоли корманд мусоидат намояд.

3. Аниқ карда шуд, ки самараи ҳавасмандгардонии моддии дастаҷамъона аз бисёр ҷиҳат ба низоми тақсимоти он вобаста мебошад, чунки низоми мазкур арзёбии воқеии самараи иштироки ҳар як кормандро ба натиҷаҳои ноилгардидаи корхона талаб менамояд. Вобаста ба ин, татбиқи амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон муҳим мебошад. Тибқи амсилаи мазкур, кормандони саноатӣ барои фаъолияти меҳнатии босамар аз ҷониби сохторҳои алоҳидаи корхона, роҳбарияти олии корхона ва ҳатто мақомоти ваколатдори соҳа ҳавасманд гардонида мешаванд.

4. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии минтақа муайян ва ошкор карда шуданд, аз ҷумла:

– ҳаҷми кифояноки воситаҳои ба ҳавасмандгардонии кормандон сафарбаршаванда то ҳадде, ки барои самараи меҳнати коллектив ва кормандони алоҳида қаноатбахш бошад;

– чандирӣ будани подошҳо ва хусусияти баланди ҳавасмандӣ доштани онҳо, ки тавонад кормандонро барои иҷрои меҳнати босамар ҷалб намояд;

– одилона, саривақтӣ ва ҳамаро фарогир будани низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ;

– ҳамоҳанг будани ҳавасмандгардониҳо ба нишондиҳандаҳои барномаҳои рушд ва нақшаҳои стратегии корхонаи саноатӣ;

– нерӯи шиддатдиҳанда доштани ҳавасмандгардонӣ, яъне ҳавасмандгардонӣ бояд бозтавлиди нерӯи кории кормандонро барқарор ва майлу хоҳиши онҳоро ба меҳнат дучанд намуда, ба афзоиши самараи меҳнат мусоидат намояд.

5. Бартарии усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, аз ҷумла-музди меҳнат ва мукофотпулиҳо, иловапулиҳо, қарзҳои имтиёзнок ва ҷубронпулиҳо дар шароити кунунии корхонаҳои саноатии минтақа дақиқ карда шуд. Низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар чунин шароит бояд одилона, асоснок, шаффоф ва вобаста ба тағйироти шароити корхонаи саноатӣ рушдёбанда бошад.

6. Бо мақсади таъмини самаранокии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат зарур мешуморем, ки дар сатҳи корхонаҳои саноатии вилоят комиссия таъсис дода шавад ва фаъолияти он корҳоро дар самти ҳуҷҷатгузорӣ, мукаммалгардонӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои нави ҳавасмандгардонии моддӣ, ба инобат гирифтан ва муҳокима намудани нуқтаи назари кормандон ҷиҳати қаноатбахш будан ва ё набудани низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддӣ, арзёбии устувории нишондиҳандаҳои молиявию пардохтпазирии корхона ҷиҳати муайян намудани имконият ва захираҳои пулию молии ҳавасмандгардонии кормандон ва дигар ҷиҳатҳои мувофиқ фарогир бошад.

7. Ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи вилояти Хатлон ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

– ҳуҷҷатҳои сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ бояд масъалаҳои вобаста ба пардохти меҳнат ва пардохтҳои хусусияти ҳавасмандгардонидоштаро бо назардошти манфиатҳои иқтисодӣ ва аз мавқеи афзоиши самаранокии меҳнат мустақилона муайян намоянд;

– дар шартномаи меҳнатӣ бо тартиби ҳатмӣ оид ба шароити пардохти ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда ва дигар имтиёзҳои кормандони дар шароити муқаррарӣ фаъолияткунанда, ки барои баландбардории самараи меҳнати онҳо мусоидат менамоянд, бандҳои алоҳида ворид карда шаванд. Роҷеъ ба шароити меҳнат, кафолат ва имтиёзҳо танҳо дар моддаи 24-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки кормандони ба корҳои вазнин, зарарнок ва хатарнок ҷалбшуда мансуб мебошад;

– дар санадҳои меъёрии сатҳи дохилии корхонаҳои саноатии вилоят, ки ба масъалаҳои меҳнат ва ҳавасмандгардонии он бахшида шудаанд, тартиботи амалкарди низомҳои гуногуни пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ, кафолат ва имтиёзҳои иловагӣ, ки барои афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон мусоидат менамоянд, ба таври ҳатмӣ ворид карда шаванд;

– бо мақсади таъмини ҳатмии ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатии соҳаи саноати вилоят меъёрҳо ва ҳавасмандгардониҳои меҳнатие, ки дар дигар ҳуҷҷатҳои сатҳи танзими меҳнат ва амалияи муносибатҳои меҳнатӣ арзи ҳастӣ доранд, дар шакли қонун даровarda шаванд.

8. Самтҳои имконпазири ташаккул ва рушди шуғли пурмаҳсул аз мавқеи такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардиданд, аз ҷумла:

– таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо назардошти роҳандозӣ намудани низоми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнат;

– сатҳи қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии доимӣ ва тағйирёбанда дар соҳаи маориф бо мақсади таъмини бозоргирии кадрҳо дар бозори меҳнат;

– ҳамкории пайвастаи корхонаҳои саноатии вилоят бо Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон аз мавқеи ҳавасмандгардонии қувваи корӣ аз

ҳисоби занон ва аҳолии деҳот дар шакли ҷалби онҳо ба курсҳои бозомӯзӣ ва дигар ҳавасмандгардониҳое, ки дар шароити кунунӣ имконияти бештари таъмини шуғли аҳолиро доранд;

– низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатии минтақа ҳаҷми подошҳоро дар сатҳе пешбинӣ намояд, ки зарурат ва эҳтиёҷоти қувваи корӣ нисбат ба муҳоҷират аз байн бурда шаванд.

9. Муайян карда шуд, ки механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар асоси унсурҳои техникӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва меҳнатӣ бунёд карда мешавад, дар шароити рушди шуғли пурмаҳсул аз тариқи коҳишдиҳии хароҷотҳо ва баланд бардоштани даромаднокӣ барои ҳавасмандгардонии қаноатбахши кормандон мусоидат менамояд.

10. Намудҳои тавсияшавандаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилоят дар намуди мукофотонӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: 1.Мукофотонии якдафъаина; 2.Ҷорӣ намудан низоми махсуси мукофотонӣ; 3.Мукофотонӣ барои натиҷаҳои мусбии фаъолият бо роҳи инфиродӣ ва дастаҷамъона. Ба ақидаи мо, дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон намуди сеюми мукофотонӣ нисбатан босамар мебошад.

11. Муайян карда шуд, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнат то ҳадди 20% барои ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон назаррас буда наметавонад, чунки дар давраи таҳлилӣ (2014-2021) ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят ба ҳисоби миёнасолона 20,4%-ро ташкил кардааст, аммо бо чунин натиҷа нишондиҳандаи ҳавасмандгардонӣ тағйироти мусбӣ надорад. Дар шароити пеш гирифтани сиёсати воридотивазкунанда зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии истеҳсолоти ватанӣ барои баланд бардоштани нишондиҳандаи ҳавасмандгардонии инфиродӣ ва коллективӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар чунин вазъият афзоиши ҳосилнокии меҳнат бояд дар ҳадди зиёда аз 20% бо назардошти сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот таъмин карда шавад. Аммо бо мақсади ҳавасмандгардонии бештари самаранокии меҳнати кормандон зарурати ҷорӣ

намудани механизми прогрессивии афзоиши ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддӣ пеш меояд.

12. Таҳқиқот нишон дод, ки барои такмили мехнанизми ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсис додани хадамоти аудити дохилӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ таъсири назаррас доранд. Барои татбиқи механизми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат фаъолияти мунтазами комиссия оид ба баҳои мумайизии шароити меҳнатӣ, хадамоти аудити дохилӣ ва иттифоқи касабаи корхонаҳои саноатии минтақаро муҳим мешуморем.

13. Муайян карда шуд, ки иқтисодиёти муосир дорои шароити мусоиди ба таври динамикӣ пеш бурдани фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад ва барои ташаккули самти нави рушди низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Тағйироти нақши сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолот, дигаргуншавии қобилияти эҷодӣ ва зарурати такмили мунтазами омодагии касбии кормандон, инчунин интихоби самти инноватсионии рушди иқтисодиёт муҳимияти қабули консепсияи меҳнати арзандаро ҳамчун асоси ташаккулёбии меҳнати пурмаҳсул ба миён овард.

14. Дар натиҷаи гузаронидани SWOT-таҳлил маълум карда шуд, ки рушди шуғли пурмаҳсул дар вилоят, аз мавқеи ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати меҳнат ва дар заминаи ҷалби кормандони тахассусманд ва касбӣ, ҷалби қувваи корӣ аз ҳисоби мардон ва занон, ки неруи афзоишдиҳии самараи меҳнатро доранд, ҷорӣ намудани низом ва механизми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии бар мавқеи касбӣ ва самараи баланди меҳнатӣ асосёфта, ки шаклу намудҳои қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддиро дар назар дошта, имконияти коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатиро дар вилоят доранд, имконпазир мебошад.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Дар натиҷаи иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки масъалаҳои марбут ба такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро фаро мегирад, ба мо муяссар шуд, то хулосаю пешниҳодҳои хусусияти навгонидоштаро ҷиҳати устувор намудани заминаҳои назариявию методологӣ, шароиту имкониятҳои субъектҳои соҳаи саноат дар самти ҳавасмандгардонии кормандон, самтҳои афзалиятноки такмили низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат коркард намоем, Ҳамчунин як қатор тавсияҳо вобаста ба натиҷаҳои илмии бадастовардашуда, ки барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот мусоидат намуда, моҳияти аслии диссертатсияро инъикос менамоянд, пешниҳод шудааст.

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар натиҷаи таҳқиқи нуқтаи назари иқтисодчиён оид ба мазмуни ҳавасмандгардонӣ, фаҳмиши муаллифии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат коркард шуд, ки он ҳамчун ҷараёне тавсиф карда мешавад, ки дар натиҷаи созиши дуҷониба ба миён меояд ва истифодабарии фаъолонаи нерӯи меҳнатиро таъмин намуда, барои рушди фаъолияти корхона мусоидат мекунад [2-М].

2. Муайян карда шуд, ки низом ва механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вобаста ба шароит тағйирпазир буда, зарурати такмилёбӣ дорад ва афзоиши самараи меҳнатро, аз ҷумла бо роҳи баландбардории музди меҳнат, мукофотонӣ баҳри расидан ба нишондиҳандаҳои муайяни фаъолият, имтиёзу кӯмакҳо ва дигар роҳҳо аз мавқеъҳои гуногун таъмин менамоянд Аз ин ҷост, ки ҳавасмандгардонии моддии меҳнат аз мавқеи мунтазам такмилдиҳии тадбирҳои ҷорикунии ҳавасмандгардонӣ ҳамчун унсури калидии низоми рушди корхонаҳо баромад менамояд. Методологияи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар натиҷаи рушди бемайлони микро ва макроиқтисодиёт, ҷой доштани рақобат дар ин сатҳҳо, инчунин талаботи номаҳдуди захираҳои меҳнатӣ такмил дода мешавад [3-М].

3. Дар шароити ба пуррагӣ қонеъ набудани ниёзи физиологии кормандон зарурати афзоиши воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ аз тариқи ҷорӣ

намудани низоми комили ҳавасмандгардониҳо асоснок карда шуд. Маълум карда шуд, ки қонуниятҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бар мунтазамӣ ва ҳаҷми қаноатбахши подоши моддӣ асос меёбанд. Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бо хусусиятҳои ҳамаро фарогир будан, доштани низоми одилона, таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои кормандон ва корфармо, прогрессивӣ будани он, вобастагии низоми ҳавасмандгардонӣ ба стратегия ва ҳолати молиявии корхона ба афзоиши самараи меҳнат мусоидат менамояд [2-М].

4. Муайян гардид, ки қисмати дуюми ҳавасмандгардонии моддӣ, яъне қисмати тағйирёбанда дар намуди мукофотпулӣ, иловапулӣ ва илова ба маош барои самараи фарқкунандаи меҳнати кормандон пардохта мешавад, аз ин рӯ, дар таъмини афзоиши самараи меҳнат таъсири назаррас дорад. Дақиқ карда шуд, ки ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ дар шароити нокифоя будани ҳавасмандгардонии моддӣ мазмун надорад, чунки эҳтиёҷоти моддии корманд нисбат ба эҳтиёҷоти маънавии ӯ муҳимтар мебошад Бинобар ин, дар ҳар давру замон ҳавасмандгардонии моддии кормандон нисбат ба ҳавасмандгардонии ғайрмоддӣ то андозае афзалият дорад [12-М].

5. Истифодабарии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, аз ҷумла роҳандозӣ намудани амсила амрикоӣ-«низоми дусамта дар мартаба», яъне пешравии маъмурию вазифавӣ ва афзоиши тадриҷии моҳона то сатҳи андозаи маоши роҳбарият бо мақсади дар ширкат нигоҳдории кадрҳои боистеъдод ва гаронарзиш натиҷаи хуб хоҳад овард. Истифодаи амсилаи мазкур имконият медиҳад, то натиҷанокии ҷории фаъолият ва самараи дарозмуҳлати меҳнат таъмин карда шавад. Татбиқи низоми ҳавасмандгардонии "Скенлон" (мукофотпулии дастаҷамъона) ва низоми "Ракер" (равишҳои инфиродии ҳавасмандгардонӣ), ҷорӣ намудани мукофотпулиҳои ҳармоҳа вобаста ба натиҷаҳои моҳи гузашта мутаносибан бо иштироки меҳнатии кормандон дар заминаи музди меҳнати асосӣ ва тақсимоти пурраи фонди захиравӣ дар байни кормандон ва бо мақсади коҳиш додани кӯчиши қувваи корӣ роҳандозии амсилаи ҷопонии ҳавасмандгардонӣ, ки бар собиқаи кории

корманд асос меёбад, имконпазир мебошад [17-М].

6. Бо назардошти шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон роҳандозӣ намудани амсилаи ҳавасмандгардонии моддии сезинагии Аврупои Ғарбӣ- ҳавасмандгардонӣ бе амалкарди мукофотдиҳӣ (танҳо пардохти музди меҳнат), ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он аз ҳаҷми даромад ва ё фоидаи корхона вобаста аст (иштироки кормандон дар фоидаи корхона) ва ҳавасмандгардонӣ бо назардошти мукофотдиҳӣ, ки бузургии он аз натиҷаҳои меҳнати инфиродӣ вобаста аст, имконпазир мебошад. Дигар модели ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар Аврупои Ғарбӣ амсилаи бар тахассусмандии воқеӣ (тахассусмандӣ дар ҳалли мушкилоти истеҳсолот) асосёфта мебошад, ки дар бештари корхонаҳои Федератсияи Россия татбиқ гардидааст ва ҷорӣ намудани он дар субъектҳои соҳаи саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қобили қабул аст [2-М].

7. Муайян карда шуд, ки аз як тараф, амалкарди мунтазами механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат метавонад самараи бардавоми меҳнатро таъмин намояд ва аз тарафи дигар, барои татбиқи механизми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат фаъолияти мунтазами комиссия оид ба баҳои мумайизии шароити меҳнатӣ, хадамоти аудити дохилӣ ва иттифоқи касабаи корхонаҳои саноатии минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Аммо дар чунин шароит механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бояд одилона, асоснок, шаффоф ва вобаста ба тағйироти шароити корхонаи саноатӣ рушдёбанда бошад [8-М].

8. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат асоснок карда шуданд, аз ҷумла: таъсис додани комиссия дар сатҳи корхонаҳои саноатии вилоят бо мақсади такмили ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон аз тариқи ҷорӣ намудани усулҳои нави ҳавасмандгардонии моддӣ, ба инобат гирифтани манфиати кормандону корфармоён, ҳамоҳангсозии тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ба имкониятҳои молиявӣ ва стратегияҳои рушди корхона, ба сатҳи қаноатбахш расонидани ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, баланд бардоштани чандирияти подошҳои ҳавасмандгардонӣ, одилона,

саривақтӣ ва ҳамаро фарогир будани низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва зиёд намудани нерӯи шиддатдиҳандаи ҳавасмандгардонӣ [8-М].

9. Самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии асосҳои институтсионалии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар самтҳои зерин асоснок гардиданд: а) мустақилона муайян гардидани пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ дар сатҳи ҳуҷҷатҳои дохилии корхонаҳои саноатии минтақа; б) тағйироти шартномаи меҳнатӣ аз мавқеи ворид намудани намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониҳои моддӣ; в) ҳама ҷузъиёти низоми ҳавасмандгардониро фарогир будани санадҳои меъёрии сатҳи дохилии корхонаҳои саноатӣ [7-М].

10. Дар заминаи меъёрҳои қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ низоми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии меҳнат коркард шуд, ки музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, мукофотпулиҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонии моддиро дар бар мегирад. Низоми ҳавасмандгардонии тавсияшаванда дар ҳама гуна ҳолат подошдиҳии моддии кормандонро барои самараи меҳнат пешбинӣ намуда, бо назардошти шароит тағйирпазир мебошад ва бо назардошти талаботи моддии кормандон аз мавқеи афзоиши самараи меҳнат такмил дода мешавад. Бо мақсади такмили низоми ҳавасмандгардонӣ аз мавқеи устуворгардонии асосҳои институтсионалии он дар шакли қонун даровардани меъёрҳо ва ҳавасмандгардониҳои меҳнатие, ки дар ҳуҷҷатҳои дигар сатҳи танзими меҳнат ва амалияи муносибатҳои меҳнатӣ арзи ҳастӣ доранд, мубрам арзёбӣ мегардад [6-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Натиҷаи таҳлили шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон нишон дод, ки новобаста аз рушди соҳаи саноат (16%-рушди миёнасолона) ва зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ (зиёда аз 640 адад), нишондиҳандаи музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддии кормандони соҳа то кунун қаноатбахш нестанд. Ҳамчунин давоми солҳои таҳлилшуда (2014-2021) тамоюли маҳдудшавӣ доштани имкониятҳои иқтисодию молиявии қисме аз корхонаҳои саноатии вилоят ва бо назардошти имкониятҳои устувори молиявии қисми дигари онҳо

ҷой доштани коҳишёбии сафарбаркунии воситаҳои моддӣ ба самти ҳавасмандгардонии кормандон муайян карда шуданд. Ноустувории нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят ошкор гардид, аз ҷумла ғайриқаноатбахш будани индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ, новобаста аз он, ки сатҳи музди меҳнат дар соҳаи саноат баъди фаъолияти молиявӣ дар ҷойи 2-юм қарор дорад, аммо таъсири он ба натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ то кунун нокифоя боқӣ мондааст. Дар ҳолати шахшуда қарор доштани фонди музди меҳнат дар корхонаҳои аксарияти зерсоҳаҳои саноати вилоят, риоя нагардидани муқаррароти моддаи 140-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сари вақт пардохт нагардидани музди меҳнат) аз ҷониби корхонаҳои соҳа ва афзоиш ёфтани қарздории мӯҳлаташ гузашта аз пардохти музди меҳнат (зиёда аз 10309,0 ҳазор сомонӣ дар солҳои охир, ки 93%-и қарзи мазкурро дар сатҳи вилоят ташкил менамояд) ҳамчун зуҳуроти манфӣ арзёбӣ карда мешавад.

2. Ошкор карда шуд, ки новобаста аз тамоюли мусбии арзиши хароҷоти таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, аз ҷумла 11,2% афзоиши солона доштани маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ, 10,9% афзоиши миёнасолонаи фонди музди меҳнат, ҳаҷми он то ба ҳол қаноатбахш нест ва самараи меҳнатро низ таъмин карда наметавонад. Дар шароити нокифоягии ҳаҷми музди меҳнат ва арзиши хароҷоти таъмини қувваи корӣ ҷорӣ намудани подошҳои пурракунандаи ҳаҷми нокифояи музди меҳнат ва ба шароити иқтисоди бозорӣ мувофиқ намудани фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавсия карда мешавад. Номувофиқии баъзе аз нишондиҳандаҳои низоми ҳавасмандгардонии кормандони саноатии дар шароити меҳнатии номусоид фаъолияткунанда, ба монанди афзоиши шумораи ин гуна кормандон ва коҳиш ёфтани миқдори рухсатиҳои иловагии онҳо ва дигар ҳолатҳои ба инҳо монанд низ муайян гардиданд.

3. Таҳлили шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон аз мавқеи муайянкунии нерӯи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бо роҳи гузаронидани пурсиши кормандон ошкор намуд, ки

сабаби асосии норозигии кормандон нисбат ба кор ин ҳаҷми маоши нокифоя мебошад, ки ин мавқеъро 71,6%-и пурсидашудагон тарафдорӣ карданд. 49,9%-и пурсидашудагон бошанд, аз низоми музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ҳавасамандгардонӣ ба пуррагӣ қаноатманд нестанд. Такмил додани низоми ҳавасмандгардониҳоро бо роҳи афзоиши ҳаҷми маош-81,5%, бо роҳи зиёд намудани андозаи бонуспардохтҳо-58,7% ва аз тариқи зиёд намудани пардохтҳои иҷтимоӣ-52,8%-и пурсидашавандагон ҷонибдорӣ менамоянд. Аз ин натиҷаҳо чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки фишанги асосии баландбардории самараи меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят коркарди низоми комили ҳавасмандгардонии моддӣ мебошад.

4. Муайян ва ошкор карда шуд, ки имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ, нерӯи зеҳнию ҷисмонии кормандон, сатҳу сифати меҳнат, сиёсати кадрии корхона, таләботу таклифоти қувваи корӣ, таъсири иттифоқҳои касаба ва коллективи меҳнатӣ ба корфармо, шумораи рӯзҳои корие, ки корманд воқеан кор кардааст ва нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат ҳамчун омилҳои мустақим ва ҳолати иқтисодии кишвар, пешрафти илмию техникӣ, тағйироти иҷтимоию сиёсӣ ва дигар ҳодисаю воқеаҳои барои корхона муҳим омилҳои ғайримустақими ҳавасмандгардонии моддӣ ба ҳисоб мераванд.

5. Дақиқ карда шуд, ки сатҳи нархҳои истеъмолӣ аз тариқи кам намудани ҳаҷми музди меҳнати ҳақиқӣ омили манфии сатҳи пардохтпазирии воситаҳои ҳавасмандгардониҳои моддии кормандон мебошанд. Маълум карда шуд, ки дар тӯли солҳои 2014-2021 зери таъсири нархҳои истеъмолӣ музди меҳнати ҳақиқии кормандони корхонаҳои саноатии минтақа ба ҳисоби миёнасолона 6,8% коҳиш ёфтааст. Дар чунин шароит индексатсияи музди меҳнат ва ҷорӣ намудани пардохтҳои ҷубронӣ ҳамчун тадбирҳои муҳими ҳавасмандгардонӣ арзёбӣ мегарданд.

6. Натиҷаи таҳлили ҳавасмандгардонии моддии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон нишон дод, ки ҳаҷми воситаҳои ба ҳавасмандгардонӣ сафарбаршаванда нокифоя мебошад ва бузургии он имконияти ҷалби қувваи кории баландихтисос ва афзоиши самараи меҳнатро надорад. Ғайриқаноатбахш будани фонди музди меҳнат, воситаҳои ҳавасмандгардониҳои тағйирёбанда ва

истифодаи бесамари дороиҳо омили манфии ҳавасмандгардонии моддиии меҳнати корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон гардидаанд. Ошкор карда шуд, ки нишондиҳандаҳои натиҷавии корхонаҳои саноатии вилоят, ба монанди ҳосилнокии меҳнат, даромаднокии корхонаҳо, кормандон ва маҳсулоти саноатӣ нисбатан ноустувор буда, барои афзоиши воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва татбиқи низоми прогрессивии ҳавасмандгардонӣ ғайриимкон мебошад. Муайян гардид, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнат то ҳадди 20% барои ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят назаррас буда наметавонад, чунки дар шароити пеш гирифтани сиёсати воридотивазкунанда афзоиши ҳосилнокии меҳнат бо назардошти сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот бояд дар ҳадди зиёда аз 20% таъмин карда шавад. Вобаста ба ин, меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ мунтазам баландшавии сатҳи ҳосилнокии меҳнатро дар натиҷаи афзоиши прогрессивии ҳаҷми ҳавасмандгардониҳои моддӣ таъмин менамоянд.

7. Дар шароити шуғли пурмаҳсул ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатии вилояти Хатлон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

– ба роҳ мондани ҳамкории доимии бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар самти омодакунии кадрҳои ҷавобгуй ба шароити шуғли пурмаҳсул ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони корхонаҳои саноатии вилоят;

– намудҳои тавсиявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии вилоят дар шакли мукофотонӣ инҳо ба ҳисоб меравáнд: а) мукофотонии якдафъаина; б) ҷорӣ намудан низоми махсуси мукофотонӣ; в) мукофотонӣ барои натиҷаҳои мусбии фаъолият бо роҳи инфиродӣ ва дастаҷамъона;

– татбиқи амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки тибқи он, кормандони саноатӣ барои фаъолияти меҳнатии босамар аз ҷониби сохторҳои алоҳида, роҳбарияти олии корхона ва ҳатто мақомоти ваколатдори соҳа ҳавасманд гардонида мешаванд.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», ш. Душанбе, 13 декабри соли 1997.

2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 июли соли 2016, №1329.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.04.2009, № 215 «Дар бораи шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъ ва дар ду (чанд) ҷой коркунандаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон».

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №197 «Дар бораи номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок».

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2020, № 458 «Дар бораи тартиби муайян намудани музди меҳнати баланд барои корҳои вазнин, корҳо дар шароити меҳнати зарарнок ва махсусан зарарнок».

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2020, № 460 «Дар бораи шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ»

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.10.2017, № 467 «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳо ва меъёрҳои ба кормандон додани шир, хӯроки табобатию профилактикӣ, либоси махсус, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ, таъмин намудани кормандон бо воситаҳои ҳифозати коллективӣ, биноҳои санитарию маишӣ ва дастгоҳу таҷҳизот аз ҳисоби маблағҳои корфармо».

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2014, №630 «Дар бораи тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиадорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ».

9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 88 с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-26.12.2019.-[Манбаи электронӣ].-Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17.06.2022 с.).

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-26.01.2021.-[Манбаи электронӣ].-Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2022 с.).

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-21.12.2021.-[Манбаи электронӣ].-Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022 с.).

**Маводи оморӣ**

13. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2021.– 702 с.

14. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2022.– 414 с.

15. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2021.- 430 с.

16. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 (маҷмӯаи оморӣ). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022.- 248 с.

17. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2021.– 333 с.

18. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.– 330 с.

19. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.– 89 с.

20. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2020.-345 с.

21. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2022.-345 с.

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

22. Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999. - 431 с.

23. Анталогия экономической классики. М.: МП ЭКОНОВ, 1993.-486 с.

24. Бобков А.М. «Стимулирование труда» // Человек и труд. 2015 год.- №14.- С.144.

25. Гагаринская Г.П., Штрикова Д.Б. Особенности трудовой мотивации на предприятиях машиностроения. М.: Машиностроение – 1, 2004. – 290 с.

26. Гадоев Ҳ.С. Система управления мотивацией труда и предпринимательства. Монография. (под редакцие: д.э.н. профессора Носирова Р., к.э.н. дотсента Абдалимова А., к.э.ф.н. дотсента Бердиева З., к.п.н. доцента Кадырова М.И.) «Ирфон». Душанбе 2016.-142 с.

27. Егоршин А. П. Мотивация трудовой деятельности : учебное пособие / А. П. Егоршин. – Н. Новгород: НИМБ, 2003.-320 с.

28. Егоршин А.П., Мотивация и стимулирование трудовой деятельности./ А.П.Егоршин. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности. Нижний Новгород, 2014. – 116 с.

29. Еникеева Г.А. Организация, нормирование и оплата труда на предприятиях отрасли. Белгород: Кооперативное образование, 2001. - 168 с.

30. Ерохина Р.И., Самраилова Е.К. Анализ и моделирование трудовых показателей на предприятии. / Под ред. А.И. Рофе. - М.: Издательство «МИК», 2000. - 160 с.

31. Занюк С. С. Психология мотивации: Теория и практика мотивирования. Мотивационный тренинг / С. С. Занюк. – К.: Эльга; Ника-Центр, 2001.-117 с.

32. Ильина Г.В., Ильин А.Е. Материальное стимулирование работников сельскохозяйственных организаций Курск: Изд-во Курск, гос. с.-х. ак. - 2008-183с.

33. Исмоилов М.М. Инновационная экономика образования: генезис, природа, формы проявления и методология исследования.// М.М.Исмоилов Инновационная экономика образования: генезис, природа, формы проявление и методология исследования/ Коллективная монография: Институты и механизмы регулирования в условиях глобальной нестабильности. Ростов-на дону,2014.-320 с.

34. Кенэ Ф. Избранные экономические произведения [Текст] / Ф. Кенэ // Ред.-сост.,автор вступ.ст.и примеч. А.И.Казарин; Пер..-М. : Соцэкгиз, 1960.-551 с.

35. Кибанов А. Я. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности / А. Я. Кибанов, И. А. Баткаева, М. В. Ловчева. – М. : ИНФРА-М, 2010.-524 с.

36. Коверин, С.Б. Мотивация труда. / С.Б. Каверин.- М.: Институт психологии РАН, 2015.- 228 с.

37. Колот А.М. Мотивація персоналу : підручник / А. М. Колот. – К.: КНЕУ, 2002.-337 с.

38. Комаров Е.И. Измерение мотивации и стимулирования «человека работающего» : учеб. пособие. М. : РИОР : Инфра-М, 2010.-136 с.

39. Комаров О.К. Стимулирование труда как фактор подъема устойчивого развития экономики в условиях рынка. - Саратов, 2001.-132 с.

40. Комилов С.Дж., Шодибеки Сафар, Шарипов Б.К. Управление занятостью населения в условиях инновационного развития промышленности. / С.Дж. Комилов, Шодибеки Сафар, Б.К. Шарипов. Монография.-Душанбе: ГУП «Матбаа». – 2021. – 277 с.

41. Лукьянова, Т.В. Управление персоналом. Теория и практика. Управление инновациями в кадровой работе / Т.В. Лукьянова и др. - М.: Проспект, 2015. - 72 с.

42. Маркс, К. Теории прибавочной стоимости: IV т. «Капитала» /

К. Маркс; Ин-т марксизма-ленинизма при ЦК КПСС. – М.: Политиздат, 1978.-Ч. 3.-674 с.

43. Маршалл А. Принцип экономической науки.– М.: Прогресс, 1993.– 352 с.

44. Маслоу А.Г. Мотивация и личность / Перевод. с англ. Татлыбаевой А.М. – СПб.: Евразия, 1999. – 478 с.

45. Международная организация труда. Резолюция I о статистике трудовой деятельности, занятости и недоиспользования рабочей силы. 19-я МКСТ. Доклад III: Доклад конференции, Женева 2014 г. –С.110.

46. Менеджмент персоналу: навч. посібник. – Вид. 2-ге, без змін / В. М. Данюк, В. М. Петюх, С. О. Цимбалюк та ін. – К. : КНЕУ, 2006.-398 с.

47. Мескон М. Основы менеджмента / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. – М.: Дело, 2002.- 463 с.

